# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ “МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР”

## САРМУҲАРРИР
**ЭҲСОН САФАРЗОДА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика, муҳаррири шуъба.

## ШУРОИ МАШВАРАТӢ:

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** мудири шуъбаи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

## МУАССИС
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи матолиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли хатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

## СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:
Департаменти хазинадории Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**
Барои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»

## Котиби масъул
**Сайрам АЛОВАТШОЕВА**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6880 нусха. Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи “Мега-принт” ба табъ расидааст.

# МУНДАРИҶА


**ТАҶЛИЛ**

Э.РАҲМОН. Наврӯз ҷашни бостонии миллии мост……….....................…………3

**МУСОҲИБА**

Э.РАҲМОН. Танҳо дар ҳамдастӣ метавон барои мардуми сайёра зиндагии шоистаро таъмин намуд………………….....................................................…7

**ИБТИКОРОТИ ҶАҲОНӢ**

Н. ОХУНЗОДА. Пешвои миллат ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон...12

**ИСЛОҲОТ**

А. МИРАЛИЗОДА, Л. НАЗИРӢ. Маориф - омили муҳими рушди давлат...……17

**ПЕШРАФТ**

Н. БОЗОРОВА. Соҳаи афзалиятнок………...............……………………………20

**8 МАРТ – РӮЗИ МОДАР**

Бузургон дар васфи зан – модар……………………............................................…22

**11 МАРТ – РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК**

С. ГУЛЗОД. Муаллими журналистика: талаботи касбӣ ва маънавӣ……………..23

**БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОН**

Т. ҶАЪФАРОВА, Р.ХАЙЛОЕВА. “Наврӯзи Аҷам ба Тоҷикистон омад”.......…..26

**ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ**

Г. БАРОТОВА. Қонуни муҳаббату садоқат ба Ватан…………………......………32

**ТАҲСИЛИ ИЛОВАГӢ**

К. РАҲИМӢ. Низоми самарабахши рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон..…34

**АРЗЁБӢ**

Д. САЙДАҲМАДЗОДА. Таърихи ташаккули педагогикаи муосир…...………....41

**ЗАБОНШИНОСӢ**

Б. ГАДОЕВА. Сиғаи феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ……………………43

**ТАҲҚИҚ**

Г. АБДУЛЛОЕВА. Мухотаб дар ашъори Мирзо Турсунзода…...…...............……47

**МАОРИФ ВА ЗАМОН**

Г. КАРИМЗОДА. Салоҳиятҳои хонандагон дар раванди омӯзиши фанҳои дақиқ..................................................................................................................50

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

А. ШАРИФЗОДА. Умари Хайём – риёзидон ва мунаҷҷими барҷастаи тоҷик..…53

**ТОЗАНАШР**

Н.САНГИНЗОДА. Минбари илму дониш……………......................................……58

**ШИНОХТ**

Таҳияи АШРАФ. Табиат, илм ва тафаккури техникӣ……………….............……61

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

А. ШАРИФЗОДА. «Чайнворди Наврӯзӣ»……………………….............…………64

**ТАҶЛИЛ**

# НАВРӮЗ ҶАШНИ БОСТОНИИ МИЛЛИИ МОСТ

## Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз

***20.03.2023, шаҳри Душанбе***



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ – ойини баробаршавии шабу рӯз ва эҳёи табиат самимона табрик мегӯям.

Дар айёми омодагӣ ва таҷлили ҷашни Наврӯз мо шукрона мекунем, ки ба шарофати истиқлолу озодӣ барои таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи суннату анъанаҳо, расму ойинҳо ва маросиму ҷашнҳои асили миллиамон, аз ҷумла Наврӯз, Сада, Тиргон, Меҳргон ва оммавӣ гардонидани онҳо имконият пайдо кардем.

Дар замони соҳибистиқлолӣ мо на танҳо ҷашну ойинҳои бостониамонро эҳё намудем, балки онҳоро ҳамчун падидаҳои дорои аҳаммият ва арзиши умумибашарӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври шоиста муаррифӣ кардем.

Соли сездаҳум аст, ки Наврӯз – ҷашни бостонии миллии мо ва мардумони ҳавзаи тамаддуни он дар миқёси байналмилалӣ таҷлил мегардад.

Наврӯз мисли дигар ҷашнҳои аҷдодии мо ҳикмату фалсафа ва аҳаммияти бузурги илмӣ дорад.

Омили муттаҳидкунанда ва василаи ҳамдигарфаҳмии халқу миллатҳои гуногун будани Наврӯз яке аз бузургтарин ҳикматҳои он ба ҳисоб меравад, ки дар шароити мураккабу печидаи ҷаҳони имрӯза бисёр муҳим мебошад.

Густаришу ситоиши хираду дониш ва муҳаббату самимият дар байни одамон, сулҳу субот миёни қавму миллатҳо ва шодиву нишоти ҳамаи афроди ҷомеа моҳият ва фалсафаи зиндагисози Наврӯз аст, ки тайи ҳазорсолаҳо ба мардуми мо ва халқҳои дигар хизмат кардааст.

Қобили зикр аст, ки маҳз ҳамин хусусиятҳои Наврӯз дар замири мардуми мо инъикос ёфта, аҳли башар тоҷиконро ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз мешиносанду эҳтиром менамоянд.

Воқеан, Наврӯз бо ойину анъанаҳои деринаи маънавии он ҷашни моҳиятан ва аслан фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси ифтихору қаноатмандист, ки Наврӯз бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи ғаниву рангинаш ҳамчун рамзи рӯзи нав, оғози соли нав ва иқдому ташаббусҳои нав ба беҳтарин василаи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми мо табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, мо Наврӯзро дар баробари ҷашни истиқлол азизу гиромӣ медорем ва ин ду ҷашнро бо шукӯҳу шаҳомати хосса ва тантанаву самимияти беандоза таҷлил менамоем.

Наврӯз тарғибгари арзишҳои таҳаммулгароӣ, эҳтирому арҷгузорӣ ба гуногуншаклии фарҳангӣ ва сулҳу созиш мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, ин ҷашни бостониро хурду бузурги мардум, сарфи назар аз мансубияти динию миллӣ, бо шодиву нишот ва дастҷамъона таҷлил мекунанд.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки ҳамин хусусияту арзишҳои Наврӯз ҳангоми қабули пешниҳоди Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳавзаи тамаддуни он доир ба мақоми байналмилалӣ додан ба ин ойини бостонӣ нақши ҳалкунанда бозиданд.

Эҳёи Наврӯз ва ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани он, ки боиси боз ҳам боло рафтани нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ гардид, моро водор месозад, ки суннатҳои ахлоқиву маънавӣ ва иҷтимоиву фарҳангии онро минбаъд низ инкишоф диҳем ва онҳоро ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ намоем.

Зеро мо – тоҷикон, дар ҳақиқат, миллати куҳанбунёду соҳибфарҳанг ва соҳибтамаддун буда, ба арзишҳои ҷовидонаи инсондӯстиву таҳаммулгароӣ ва зебоипарастиву созандагӣ ҳамчун асоси маънавиёти миллиамон ҳамеша арҷ мегузорем.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ хотирнишон намоям, ки мардуми заҳматпешаву созандаи мо дар баробари эҳё намудани суннатҳои наврӯзӣ дар давраи омодагӣ ба ин ҷашн ба тозаву озода кардани хонаву кошона ва маҳалли зисти худ, боз ҳам ободу зебо гардонидани гулгашту хиёбонҳо ва бунёди боғҳои нав таваҷҷуҳи махсус медиҳанд.

Воқеан, бо фарорасии баҳор ва омадани Наврӯз на танҳо табиат зинда мешавад, балки дар қалби инсонҳо низ меҳри заҳмату талош ба хотири ободиву беҳтар намудани шароити зиндагӣ даҳчанд мегардад.

Қадамҳои зиндагибахши Наврӯз баъди фасли сармо ҳамчун рамзи пирӯзии гармӣ бар сардӣ ва рӯшноӣ бар торикӣ рӯҳи инсонҳоро болида ва қалби онҳоро саршор аз фараҳу шодӣ ва умеду орзу мегардонад.

Наврӯз, инчунин, ҷашни кишоварзон аст ва онро аз ҳама бештар аҳли киштукор, яъне рӯзирасонҳои мардум интизорӣ мекашанд.

Бовар дорам, ки кишоварзони асили мо имсол низ ба хотири фаровонии дастурхони мардум корҳои баҳориро вусъати бештар мебахшанд ва ҳар рӯзи мусоиди баҳорро самаранок истифода карда, барои ба даст овардани ҳосили фаровон замина мегузоранд.

Хусусан, дар шароите, ки бар асари бухронҳои иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои вобаста ба он – камобиву хушксолии паёпай, инчунин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ раванди камчин шудани маводи ғизоӣ ва болоравии нархҳо идома дорад, мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, аз обу замин самаранок истифода бурда, истеҳсоли маҳсулотро афзоиш диҳем, фаровонии бозори истеъмолӣ ва рӯзгори осудаи аҳолии кишварамонро таъмин намоем.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки имсолу соли оянда вазъи ҷаҳон дар масъалаи таъминот бо озуқаворӣ боз ҳам мураккабу вазнин мегардад.

Бинобар ин, мо бояд ҳар як ваҷаб заминро самараноку оқилона истифода бурда, кишти такрориро васеъ ба роҳ монем, аз заминҳои обӣ ҳатман ду – се ҳосил рӯёнем, фикри аҳли оила, фарзандон ва ҷомеаи худро кунем.

Соли гузашта кишоварзони мо содиқона заҳмат кашиданд ва дар кишвар захираи кофии маводи ғизоӣ фароҳам оварда шуд.

Дар натиҷа мардуми мо фасли тирамоҳ ва махсусан, зимистони сардро ба осонӣ ва бе мушкиливу муҳтоҷӣ гузарониданд.

Ҳамчунин, хотиррасон месозам, ки бо дарназардошти шароити вазнини ҷаҳони муосир мо бояд сарфаю сариштакор бошем ва ҳаргиз ба зиёдаравию исрофкорӣ ва намоишкориву зоҳирпарастӣ роҳ надиҳем.

Мардуми мо аз қадимулайём хони наврӯзиро бо меваю шириниҳои дастӣ ва таомҳои аз гиёҳу алафҳои баҳорӣ омодашуда меоростанд.

Мо бояд ин анъанаи хуби аҷдодиро идома диҳем.

Дигар ин ки ба тарзи либоспӯшии миллии худ, ки мисли баҳор бисёр зебо мебошад ва эҳё кардану рушд додани ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла таомҳои миллӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир намоем.

Инчунин, ба таълиму тарбияи фарзандонамон ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар барои онҳо бо масъулияти баланд муносибат кунем.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Чунонки медонед, то имрӯз якчанд ташаббусҳои инсондӯстонаи Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти глобалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, дар миқёси сайёра амалӣ шуда истодаанд.

Мояи ифтихору сарфарозии мардуми шарифи Тоҷикистон аст, ки дар рӯзҳои таҷлили Наврӯзи байналмилалии имсола рӯзҳои 22 – 24-уми марти соли 2023 дар заминаи татбиқи ташаббуси Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018 – 2028 дар шаҳри Ню-Йорк бо ҳамраисии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид доир мегардад.

Қобили зикри махсус аст, ки ин рӯйдод эътирофи саҳми арзишманди Тоҷикистон дар ҳалли муҳимтарин мушкилоти глобалӣ мебошад.

Ҳамчунин, бо қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидани ташаббуси панҷуми Тоҷикистон оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва муқаррар гардидани 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» далели возеҳи робитаи амалҳои башардӯстонаи мо бо ҷашни пайванди инсон ва табиат, яъне Наврӯзи байналмилалӣ, ҳифзи захираҳои об ва муҳити зист буда, албатта, боиси сарфарозиву қаноатмандии шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

Итминон дорам, ки Наврӯзи имсола бо қадамҳои муборакаи худ ба мардуми куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафу мақсадҳои дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ гузошташуда фатҳу кушоишҳои нав хоҳад овард.

**Ҳамватанони азиз!**

Яке аз рамзҳои Наврӯз оростани хони идона ва ба намоиш гузоштани навъҳои гуногуни таомҳои миллӣ, ба бар намудани либосҳои миллии идона ва пешкаш кардани дастранҷи ҳунармандони чирадаст ба ҳисоб меравад, ки инъикосгари фарҳанги ғании рӯзгордорӣ, либоспӯшӣ ва ҳунармандии тоҷикон мебошанд.

Зарур аст, ки ҳангоми баргузории чунин чорабиниҳо ба мазмуну муҳтаво ва сатҳу сифати онҳо, инчунин, ғановату зебоии фарҳанги асили аҷдодӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки мардуми мо табиатан тозагиву озодагиро дӯст медоранд.

Ойинҳои наврӯзӣ низ тозагии ботину зоҳири инсонро тарғиб мекунанд.

Аз ин лиҳоз, мо бояд дар айёми наврӯзӣ ва чорабиниҳои ҷашнӣ хонаву кошона ва деҳаву маҳалли зисти худро тозаву озода нигоҳ дошта, ҳамчунин, қоидаҳои беҳдошти шахсиву ҷамъиятиро ҷиддӣ риоя намоем.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки мо – мардуми Тоҷикистон ҷашни Наврӯзи байналмилалиро бо шукронаи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ таҷлил менамоем ва кору фаъолияти созандаи худро ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлоли давлатӣ вусъат мебахшем.

Мо бо заҳмати аҳлона ба тамоми ҳадафҳои неки худ мерасем, Ватани маҳбубамон – Тоҷикистонро дарояндаи наздик ба як мулки ободу пешрафта табдил дода, нуфузу обрӯи онро дар сатҳи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Бори дигар фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалиро ба тамоми мардуми кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони тоҷик тандурустӣ, саодати рӯзгор, иқболи нек ва файзу баракат орзу менамоям.

**Соли нави аҷдодӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

Муаллим, пеш аз ҳама, афрӯзандаи чароғи дурахшони илму дониш аст ва хушбахтона, қисми асосии зиёиёни кишварро муаллимон ташкил мекунанд. Бинобар ин, вазифаи асосии муаллим дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчунин омӯзонидани адаб ва ҳидояту роҳнамоии шогирдон ба роҳи рост мебошад. Ин амр бояд ба меъёри ахлоқии фаъолияти муаллим табдил ёбад.

***

Дар тарбияи насли худогоҳу худшинос мактабу муаллим нақши муҳим доранд ва онҳо воқеан ганҷинаи маънавии халқамон ба ҳисоб мераванд.

***

Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад. Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд.

***

Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим – омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин, рӯ самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд.

***Эмомалӣ РАҲМОН***

МУСОҲИБА

# ТАНҲО ДАР ҲАМДАСТӢ МЕТАВОН БАРОИ МАРДУМИ САЙЁРА ЗИНДАГИИ ШОИСТАРО ТАЪМИН НАМУД

## Мусоҳибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори телевизиони CMM

***24.03.2023, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид-2023 бо хабарнигори телевизиони CMM Шакунтала Санзиран мусоҳиба анҷом доданд.

Мавриди зикр аст, ки ташкилоти бонуфузи сайёра - Созмони Милали Муттаҳид сомонаи интернетӣ ва шабакаи махсуси телевизионии худро дорад, ки дар онҳо аз фаъолияти рӯзмарраи Созмон ва ниҳодҳои он, инчунин ҷараён ва натиҷаҳои кори ҷаласаҳои корӣ маводҳо пахш менамояд.

Зимни мусоҳиба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иқдомоту талошҳои пайвастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, аз ҷумла дар масъалаҳои тадорукотии баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ҳадафҳои асосии пешниҳоди ташаббуси панҷуми Тоҷикистон вобаста ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва аз соли 2025 минбаъд ҳар сол таҷлил кардани рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо, омодагии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди масъалаҳои об, аз ҷумла пайгирии натиҷаҳои Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид-2023, андашеронӣ карданд.

Дар идомаи мусоҳиба таъкид карда шуд, ки бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи умумии CMM тайи 20 соли охир 9 қатъномаи марбут ба масъалаҳои обро қабул кард, ки заминаи муносибро барои эълон кардани соли 2003 – Соли оби тоза, соли 2013 - соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, ва солҳои 2005-2015 ва 2018-2028 мутаносибан эълон кардани ду даҳсолаи байналмилалии амал - “Об барои ҳаёт” ва “Об барои рушди устувор”-ро фароҳам оварданд.

Таъкид гардид, ки ҳамаи ин ташаббусҳои созанда ба нафъи аҳли башар ва ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва беҳдошт дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ равон гардидаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки таҷрибаҳои қаблӣ исбот карданд, ки танҳо дар ҳамдастӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад барои мардуми сайёра зиндагии шоистаро таъмин намояд.

Дар ҷараёни суҳбат хабарнигорони телевизиони Созмони Милали Муттаҳид ҳамчунин оид ба талошҳову ташаббусҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳалли дигар масъалаҳои мубрами ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва таъсири офатҳои табиии вобаста ба обу иқлим ба иқтисоди кишварҳо, самтҳои афзалиятноки фаъолият, инчунин сиёсати хориҷии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба саволҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд.

**САВОЛИ 1. Ҷаноби Олӣ, пеш аз ҳама, Шуморо бо оғози муваффақонаи Конфронси таърихии Созмони Милал оид ба масъалаҳои об, ки кишвари Шумо онро мизбонӣ мекунад, табрик менамоям. Луфтан, мегуфтед, ки ин Конфронс аз кадом ҷиҳат муҳим аст ва он аз дигар ҳамоишҳо дар масъалаҳои об чӣ фарқият дорад?**

- Ташаккури зиёд барои табрикатон. Шумо дуруст зикр кардед, ки Конфронси мазкур таърихӣ аст, зеро он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум - баъди қариб 50 сол - ба вуқуъ пайваст. Мо - мизбонони Конфронс дар ин ҷода талошҳои зиёд кардем ва умед дорем, ки он аз рӯи натиҷаҳои самарабахши худ таърихӣ хоҳад гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи захираҳои об дар Сайёра, махсусан оби тоза зери таъсири амиқи таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, тамоюли шаҳрнишинӣ ва саноатикунонӣ сол то сол муташанниҷ гардида истодааст.

Барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла ҳадафи 6-ум ва дигар ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи байналмилалии марбут ба об моро зарур аст, ки талошу амалҳои худро дар ин самт афзоиш диҳем.

Вобаста ба ин, дар раванди омодагӣ ба Конфронс мо таваҷҷуҳи асосиро маҳз ба гирифтани ӯҳдадориҳо ҷиҳати роҳандозии иқдомоти нав ва суръатбахшии амалҳои мавҷуда равона намудем.

Рӯзномаи амал дар соҳаи об, ки мо дар Душанбе муаррифӣ кардем, имрӯз амалу ӯҳдадориҳои зиёдеро фаро мегирад ва бовар дорем, ки зимни Конфронси оби Ню-Йорк ин санад бештар тақвият хоҳад ёфт.

Дар ҳақиқат, моро лозим аст, ки дид ва муносибати худро нисбат ба муҳимтарин манбаи ҳаёт, яъне захираҳои об тағйир дода, мудирияти онро низ ба шакли нави самаранок ва бо усулҳои навоварона ба роҳ монем.

Аҳаммияти Конфронс низ дар он аст, ки маҳз дар ҳамин фурсати бисёр муносиб доир мегардад ва метавонад таҳаввулоти ҷиддиро дар ин самт ба бор оварад.

**САВОЛИ 2. Ташаккури зиёд. Албатта, бисёр хурсандиовар аст, ки Конфронси мазкур тавонист ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳаллу фасли масъалаҳои об ба ҳам оварад. Вале муҳим на ҳамоиш, балки натиҷа ва таъсири он барои ҳалли мушкилоти мавҷуда аст. Шумо иқдомҳои минбаъдаро оид ба таъсиргузору самарабахш шудани Конфронс чӣ гуна мебинед?**

- Дарвоқеъ, муҳим натиҷа аст.

Натиҷае, ки хусусан ба кишварҳои осебпазир дар ҳалли мушкилоти об мусоидат намояд.

Боиси қаноатмандист, ки шумораи зиёди ӯҳдадориҳои ихтиёрӣ, аллакай, ба Рӯзномаи амал дар соҳаи об ворид гардидааст.

Мо бояд механизми самараноки пайгирии татбиқи ин ухдадориҳоро ба роҳ монем.

Аз нигоҳи мо, дар ин раванд бояд аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода шавад.

Аввалан, натиҷаю паёмҳои Конфронс бояд ба дигар чорабиниҳои калидии вобаста ба об, тағйирёбии иқлим, пешгирии офатҳои табиӣ ва умуман ҳамаи масъалаҳои марбут ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ дошта бошанд.

Дуввум, мавқеи мавзуи об дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ бояд тақвият дода шавад.

Ҳамчунин, ба мақсади назорати пайвастаи раванди татбиқи ухдадориҳо, аз ҷумла Рӯзномаи амали об, зарур аст, ки конфронсҳо ва дигар ҳамоишҳои Созмони Милали Муттаҳид минбаъд мунтазам сурат гиранд.

Ба ин хотир, мо пешниҳод намудем, ки Конфронси навбатии Созмон оид ба масъалаҳои об соли 2028 дар шаҳри Душанбе дар фарҷоми Даҳсолаи амал “Об барои рушди устувор” баргузор гардад.

Илова бар ин зимни татбиқи ин амалу ухдадориҳо ва умуман Рӯзномаи амал оид ба об мо пешниҳод намудем, ки “Раванди оби Душанбе”, ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад.

Саввум, ҷиҳати рафъи мушкилоти марбут ба об барои дастгирӣ аз кишварҳои камтараққӣ ва рӯ ба тараққӣ бояд ҳаҷми сармоя ва маблағгузорӣ афзоиш дода шавад.

**САВОЛИ 3. Сипосгузорам. Омодагии Тоҷикистон барои пешбурди масъалаҳои об ва аз ҷумла пайгирии натиҷаҳои ин Конфронс лоиқи таҳсин аст. Шумо дар суханронии худ дар ифтитоҳи Конфронс иброз намудед, ки Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир масъалаҳои обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш мебарад. Луфтан, мегуфтед, ки ҳадафи асосӣ аз ин ташаббусу иқдомҳо чӣ аст ва то чӣ андоза кишвари Шумо аз ин кор манфиат мегирад?**

Тоҷикистон ҳанӯз соли 1999 аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси аввалини худро оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” пешниҳод карда буд.

Баъдан, дар ҳамин доира бо ташаббуси кишвари мо соли 2013 “Соли ҳамкориҳо дар соҳаи об”, солҳои 2005-2015 ва 2018-2028 мутаносибан даҳсолаҳои байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” ва “Об барои рушди устувор” эълон гардиданд.

Вобаста ба татбиқи ин ташаббусҳо шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистон борҳо аз чорабиниҳои байналмилалии сатҳи баланд мизбонӣ намудааст.

Моҳи декабри соли гузашта Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бар асоси ташаббуси навбатии мо қатъномаи дахлдорро дар хусуси эълон кардани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” қабул кард.

Ҳадафи асосии ин иқдом ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти глобалии обшавии босуръати пиряххо мебошад.

Фарогир гардидани ҳадафу вазифаҳои вобаста ба об зимни Ҳадафҳои рушди устувор дар баробари Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва ҷой ёфтани масъалаҳои об дар рӯзномаи мавзуъҳои иқлим, гуногунии биологӣ, озуқа, энергетика ва дигар бахшҳо натиҷаи ҳамин талошҳо ва чораҳои андешидашуда мебошанд.

Тоҷикистон ба сифати кишвари манбаи обҳои минтақавӣ, ҳамзамон ҷонибдори истифодаи сарфакаронаву оқилонаи об дар минтақа ва берун аз он аст.

Бинобар ин, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтани ҳамаи ташаббусҳои мо ва ба ҳайси яке аз кишварҳои пешсаф дар баррасии масъалаҳои глобалии об эътироф шудани Тоҷикистон ин худ дастоварди бузургест.

Мо чунин мешуморем, ки бо ин ибтикорот барои сарфакорона ва одилона истифода бурдани захираҳои об дар сатҳи глобалӣ саҳмгузор шудем.

Мо ба мақсади баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеа доир ба истифодаи об дар сатҳи миллӣ низ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидем.

**САВОЛИ 4. Шумо дар бораи Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо гуфтед. Дар ҳақиқат, ин мавзуъ бисёр муҳим аст. Лутфан, бигӯед, ки аз нигоҳи Шумо ин ташаббус то чӣ андоза ба ҳифзи пиряххо таъсир гузошта метавонад?**

Пиряххо захираи асосии обҳои тоза дар сайёраи мо ҳастанд.

Мутаассифона, миқдори онҳо зери таъсири тағйирёбии иқлим сол то сол кам шуда истодааст.

Дар чанд даҳсолаи охир дар Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор пирях пурра аз байн рафтанд.

Обшавии босуръати пиряххо дар дигар қитъаҳои олам, аз ҷумла дар Арктика ва Антарктида низ ба мушоҳида мерасад.

Аз тарафи дигар, шумораи аҳолӣ сол то сол зиёд шуда, талабот ба об низ босуръат меафзояд.

Бо дарназардошти ин ҳолат, нишондиҳандаи таъмини об ба сари ҳар нафари аҳолӣ низ сол ба сол камтар мегардад.

Дар панҷ даҳсолаи охир ин нишондиҳанда, аллакай, дувуним баробар коҳиш ёфтааст ва тамоюли мазкур ҳоло ҳам идома дорад.

Обшавии босуръати пиряххо, ки сарчашмаи асосии оби тоза ба шумор меравfamiliar, раванди нигаронкунанда мебошад ва мо бояд барои пешгирӣ аз он чораҳои муассир ва муштарак андешем.

Ҳадафи асосии ташаббуси мо дар самти ҳифзи пиряххо ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муҳиммияти ин масъала ва андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии раванди глобалии тағйирёбии иқлим ба пиряххо мебошад.

Эълони Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо, таъсиси фонди махсус ва баргузор кардани Конфронси байналмилалӣ оид ба ин масъала дар шаҳри Душанбе дар соли 2025 аз ҷумлаи василаҳои муҳим ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо мебошанд.

**САВОЛИ 5. Бармегардем ба ҳадафу натиҷаҳои Конфронси имрӯза. Корҳои зиёде барои муваффақу самарабахш гардонидани он аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд ҳамчун мизбонони ин ҳамоиши муҳимми ҷаҳонӣ анҷом шуданд. Кишвари Шумо аз ин раванд чӣ омӯхт ва аз натиҷаҳои он чӣ бардоште хоҳад дошт?**

Албатта, ин боиси ифтихор аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мо иҷрои ин нақши муҳимро вогузор кардааст.

Аз тарафи дигар, ин масъулияти бузургест, ки мо онро ба хубӣ дарк кардаем.

Ҳамин аст, ки мо якҷоя бо Подшоҳии Нидерланд, ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон талош намудем, то ин Конфронс воқеан ҳам муваффақ ва аз лиҳози натиҷаҳояш таърихӣ гардад.

Таҷрибаи асосие, ки дар ин раванд мо гирифтем, тарзи дуруст ва ҳадафмандонаи баррасии мавзӯи об мебошад, ки дар ниҳоят бо ташаббуси Тоҷикистону Нидерланд, ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро дар як муколамаи созанда ба ҳам овард.

Ҷанбаи муҳимми дигаре, ки мехостам зикр намоям, он аст, ки барои расидан ба самараи дилхоҳ, пеш аз ҳама, муттаҳидсозии саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқи амалҳои муштарак зарур мебошад.

**САВОЛИ 6. Муваффақ бошед! Ва саволи охирин – Шумо воқеан яке аз пешвоёни ҷаҳонӣ ҳастед, ки масъалаи обро пайваста пайгирӣ мекунед. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти равандҳои имрӯза атрофи масъалаҳои об чӣ паёме ба ҷомеаи ҷаҳонӣ доред?**

Солҳои охир мо шоҳиди хушксоливу обхезиҳои бесобиқа будем, ки бо миқёси бузург ва фарогирии ҷуғрофии ғайричашмдошти худ боиси нигаронии амиқи ҳамагон гардиданд.

Вазъият хеле нигаронкунада аст ва онро бояд ҷиддӣ гирифт.

Мутаассифона, иқдому амалҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар ин самт ҳанӯз ҳам кофӣ нестанд.

Ҳадаф аз ташаббусҳои мо дар соҳаи об ва ҳифзи пиряххо тавассути дипломатияи об ва истифодаи оқилонаи захираҳои он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъкид намудани мушкилоти ин соҳа ва дарёфти роҳҳалҳои онҳо мебошад.

Дар ҷаҳон кишваре нест, ки аз мушкилоти об вобастагӣ надошта бошад. Ин мушкилот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми дунё мушоҳида мегардад.

Дар баъзе кишварҳо мардум аз норасоии об барои нӯшокӣ, полезӣ, беҳдошт ва дигар бахшҳо танқисӣ доранд.

Аз тарафи дигар, офатҳои зиёди табиӣ, мисли хушксолӣ, селу обхезиҳо ва тармафарорӣ ба иқтисод ва ҳаёти мардум хисороти зиёде меоваранд.

Барои ҳамин, ман фикр мекунам, ки дар ҳамаи ин масъалаҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам минтақавию глобалӣ бояд механизмҳои боэътимоди муосир барои таъмини об ва мудирияти самараноки масъалаҳои марбут ба он таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд.

Чунки дар сурати нодида гирифтани мушкилоти ҷойдошта, расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар ҳама кишварҳо ғайриимкон мегардад.

Кӯшишҳои мо дар соҳаи об собит намуданд, ки об метавонад ба сифати омили пайвандгар дар муносибатҳои давлатҳо нақши муассир бозад.

Дар зимн, Тоҷикистон омодагии худро ҷиҳати табодули таҷрибаи дар ин соҳа андӯхтааш бо ҳамаи шарикон изҳор менамояд.

Дар ин замина Конфронси мазкур фурсати муносибе фароҳам овардааст.

Итминони комил дорам, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин фурсату имконият дуруст истифода хоҳад кард.

## ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУСОҲИБА БО ХАБАРНИГОРИ ТЕЛЕВИЗИОНИ СММ:

Захираҳои об дар зери таъсири амиқи тағйирёбии иқлим, шаҳрнишинӣ, афзоиши аҳолӣ, саноатикунонӣ ва ғайра қарор дорад;

Арзёбиҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз баъзе пешравиҳо, барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла ҳадафи шашум ва дигар ҳадафҳои марбут ба об бояд моро зарур аст, ки талошу амалҳои худро ба маротиб афзоиш диҳем;

Вақти он расидааст, ки дар низоми Созмони Милали Муттаҳид як воҳиди махсус оид ба об таъсис дода шуда, фиристодаи вижаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба об таъин карда шавад

Зарур аст, ки барои баррасӣ ва таҳлили амалҳо ва ӯҳдадориҳои вобаста ба об ҷаласаҳои мунтазам, шояд ҳар ду-се сол як маротиба баргузор карда шавад;

Бо дарназардошти алоқамандии зичи об бо дигар ҳадафҳои рушди устувор, об бояд дар дигар рӯзномаҳои ҷаҳонӣ ва ҷамъомадҳои сатҳи баланд ҳамгиро карда шавад.

**ИБТИКОРОТИ ҶАҲОНӢ**



***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***номзади илми филология***

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН




Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 ва расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ (27 июни соли 1997) дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Бунёди роҳу пулҳо, нақбу неругоҳҳо, сохтмонҳои азими саноатӣ, муассисаҳои нави таълимию фарҳангӣ ва ғайра аз ҷумлаи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад, ки кишвари моро ба марҳилаи сифатан нав ворид намуд. Дар баробари ин, Истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овард, ки кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ гардад. Ба роҳ мондани равобити хориҷӣ ва муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол аз муҳимтарину мушкилтарин бахшҳои давлатсозӣ ва сиёсати хориҷӣ дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёфт. Бори нахуст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 аз минбари Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуданд ва нақшаву барномаҳои бунёдкоронаву созанда, ҳадафҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неки кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистонро ба ҷомеаи байналмилалӣ шиносониданд, ки дар таърихи навини сиёсати хориҷии Тоҷикистон он рӯз воқеан муҳим ба шумор меравад. Рӯйдоди мазкур аз ҷиҳати мазмуну ғоя ва ҷанбаҳои сиёсӣ, аз як тараф, барои кормандони дипломатияи кишвар судманд буд, аз ҷониби дигар, барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аҳамияти таърихиро доро мебошад. Ба ин мазмун, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштаанд: «Таҷрибаи роҳандозии сиёсати хориҷии бисёрсамта тайи солҳои Истиқлол нишон дод, ки ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд бо кишварҳои гуногуни олам ва қутбҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир ба таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ, рушди сиёсию иқтисодӣ ва фарҳанги ҷумҳурӣ, таъмини амнияти миллӣ ва касби ҷойгоҳи шоиста дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуд. Идомаи ин сиёсат, ки муносибати неки Тоҷикистонро ба ҳамаи миллат ва кишварҳои ҷаҳон, барқарории ҳамкориҳои мутақобилан судманди онро бо ҳамаи шарикони минтақавию байналмилалӣ ифода мекунад, дар марҳалаи ҳассоси сиёсиву амниятии минтақа ва ҷаҳони имрӯз низ ба манфиатҳои олии давлативу миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад».

Ҳамин тариқ, зина ба зина сиёсати хориҷии кишвар рушду такомул ёфт ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳо ва проблемаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, марбут ба об бузург мебошад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмин намудани мардуми сайёра бо оби ошомиданӣ, бартараф намудани проблемаҳои экологӣ ва ҳифзи пиряххо саҳми босазо мегузоранд. Бо ташаббус ва пешниҳодҳои башардӯстонаи Пешвои миллат дар сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим, таъмини оби тоза ва ҳифзи пиряххо корҳои зиёд анҷом дода шудааст.

**Нахустин** пешниҳоди Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (1 октябри 1999) вобаста ба эълон намудани соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза мебошад. Дар асоси ташаббуси мазкур 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд ва бори нахуст дар шаҳри Душанбе аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид, ки дар он масоили умдаи таъмин намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ бо оби тоза мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Дуюм.** Барои боз ҳам вусъат бахшидани фаъолият дар ин самт бо пешниҳоди дигари Сарвари давлат 23 декабри соли 2003 дар Маҷмаи Умумии СММ вобаста ба эълон намудани солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” ба ҳисоб меравад. Дар ин замина Эъломияи Душанбе қатъномаи дахлдорро қабул намуд ва солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон кард.

**Сеюм,** эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010) мебошад. Тибқи ташаббуси мазкур 20-21 августи соли 2013 конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар ҷамъбаст эъломияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об; барномаи амали Конфронси Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об ва натиҷаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об қабул шуд.

**Иқдоми чоруми Тоҷикистон**, ки дар форуми 7-уми умумиҷаҳонии об моҳи апрели соли 2015 дар шаҳри Тэгуи Кореяи Ҷанубӣ муаррифӣ гардид, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» мебошад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифт. Вобаста ба ин, 21 декабри соли 2016 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қатъномаи худро оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” қабул намуд, ки он аз 22 марти соли 2018 шуруъ шуда, 22-юми марти соли 2028 ба анҷом мерасад.

**Ташаббусуи панҷуми Тоҷикистонро** 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қабул кард.

Дарвоқеъ, об ҳамчун омили муҳимми рушди пешрафти устувор ва зиндагибахши ҳаёти инсоният мебошад. Имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба об ҳамчун неъмати бебаҳо ниёз дорад ва он заминаи рушди кишварҳои ҷаҳон дониста мешавад. Бо тараққиёти технология ва зиёд гардидани корхонаҳои саноатии бузург, тағйирёбии иқлим мушкилоти оби тозаро дар ҷаҳони муосир ба вуҷуд овардааст.

Таҳқиқу пажуҳишҳо нишон медиҳад, ки то соли 2030 талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба захираҳои об то ба 50% зиёд мегардад. Зимни таҳқиқҳо маълум гардидааст, ки мушкилоти нарасидани оби тоза ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст ва факту рақамҳо нишон медиҳад, ки ду миллиард нафар аҳолии сайёра ба оби тоза ва беш аз сеюним миллиард ба шароити нисбатан хуби беҳдоштӣ дастрасӣ надошта, тақрибан ҳар сол ним миллион одам аз бемориҳои сироятии вобаста ба об ҷони худро аз даст медиҳад. Ин нишондод сол то сол бадтар гардида, дар асоси пешгӯии пажуҳишгарон то соли 2050 шумораи одамоне, ки аз об танқисӣ мекашанд, ба 2,3 млрд баробар мегардад.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (20.06.2018, ш. Душанбе) таъкид доштанд, ки “дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муносибатҳо миёни соҳаҳои иқтисод мегардад. Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад. Маҳз ҳамин ду омил – тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ – чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард».

Дарвоқеъ, даҳсолаи мазкур, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳакориҳо ба вуҷуд меорад ва метавон ҳалли мушкилоти мазкурро дар ҳамбастагӣ бартараф кард. Гузаронидани конфронсу симпозиумҳои сатҳи байналмилалӣ ва қабули қарору эъломия вазифаҳои мушаххасро барои аҳли ҷомеа мегузорад. Кишварҳои ҷаҳонро водор месозад, ки бештар ба энергияи сабз таваҷҷуҳ намоянд, ки ин омил, аз як тараф, неруи барқи аз ҷаҳати табиӣ бехатар ба аҳолиро таъмин мекунад, аз ҷониби дигар, вазъи экологии ҷаҳонро ба танзим медарорад ва мушкилоти дастарасӣ ба оби тозаро бартараф менамояд.

Дар шароити бавусъати тағйирёбии иқлим, ки ҳифзи манбаъҳо ва таъмини оби тозаи ошомиданӣ ба мушкилоти асосии мардуми сайёра қарор гирифтааст, дар ин ҷода Тоҷикистон давлати ташаббускору пешгом дар сиёсати ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Зарурати қабули ташаббусҳои мазкур чӣ ҳаст ва кадом омил Президенти кишварро водор ба чунин амалҳои башардӯстона кардаанд? Таҳқиқу таҳил ва баррасии масъалаҳои экологӣ ва нарасидани оби ошомиданӣ зарурати пеш овардани масъалаи мазкурро ба вуҷуд овардааст ва ҳадафи амалии онҳо дар таъмини оби ошомиданӣ, ҳифзи пиряххо ва тағйирёбии иқлим такони ҷиддӣ мебахшад. Баъди қабул гардидани Даҳсолаи байналмилаии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» мақолаи Пешвои миллат дар маҷаллаи “Нигориши СММ” таҳти унвони “Об барои рушди устувор” (Water for Sustainable Development) ба нашр расид, ки дар он зарурати қабули ин қатънома нишон дода шудааст. Дар мақолаи мазкур аҳамияти масоили об дар ҷаҳони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст ва роҳҳои раҳоӣ аз мушкилот мушаххас гардидааст. Воқеан, зарурати қабули ташаббусҳои мазкур фарогиру доманадор буда, ҳаллу бартарафи онҳо дар ҳамбастагии кишварҳои ҷаҳон амалӣ мегардад. Пешвои миллат ҷиҳати баратараф намудани мушкилоти мазкур 5 вазифаро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод кардаанд, ки иҷрои онҳо дар ҳалли мушкилоти оби сайёра мусоидат мекунанд.

**Масъалаи якум**, ки дар навиштаи Президенти кишвар таъкид гардидааст, маблағгузорӣ дар ин самт мебошад. Дар ин маврид Сарвари давлат таъкид медоранд: «…дастгирӣ намудани ташаббусҳо оид ба беҳтар намудани маблағгузории соҳаи об, аз ҷумла, истифодаи фондҳои инвеститсионии мавҷудаи ҷаҳонӣ, ба монанди Фонди иқлими сабз амали муҳим ва саривақтӣ мебошад. Ин, хусусан, ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ муҳим мебошад, зеро муайян карда шудааст, ки маблағгузорӣ дар ҳаҷми аз 15 то 30 млрд доллари ИМА барои беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ метавонанд то 60 млрд доллари ИМА фоидаи соф биёрад. Дар ин маврид зиёд намудани маблағгузорӣ ба соҳаи об аз ҳисоби буҷети давлатӣ хеле муҳим мебошад».

**Дуюм нуктае**, ки дар мақолаи Президенти кишвар таъкид гардидааст, маблағгузории бештар ба инфрасохторҳо маҳсуб меёбад. Ба таъкиди Роҳбари давлат, «…азнавкунӣ ва ташкил намудани инфрасохторҳои нав, ҳамчунин, ҷалб намудани технологияҳои нав, бешубҳа, дар таъмини танзими боэътимод ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ нақши муҳим мебозад ва бад ин минвол, дар таъмини амнияти об саҳми арзанда мегузорад. Чунончи, бунёди обанборҳои азиму миёна ва неругоҳҳои барқи обӣ имкон медиҳанд, ки танзими боэътимоди резиши об дар шароити иқлими тағйирёбанда таъмин карда шавад, неруи барқи оби арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза

истеҳсол гардад, ҳудудҳо ва аҳолӣ аз офатҳои селу обхезиҳо эмин нигоҳ дошта шаванд, таъсири хушксолӣ безарар ва партофти газҳои карбон ба атмосфера камтар карда шавад».

**Сеюм,** гузаштан ба «рушди сабз» ва муносибати муносиб ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат зикр намудаанд, ки «захираҳои обӣ ҳамчун сарчашмаи барқароршавандаи энергия, бешубҳа, дар таъмин намудани рушди сабз, ки ҳадафи асосии он тадриҷан озод намудани иқтисодиёт аз сарчашмаҳои барқарорнашавандаи энергия мебошад, мавқеи арзанда доранд. Имрӯзҳо неруи барқи обӣ наздик ба 20% ҳаҷми истеҳсоли неруи барқи ҷаҳониро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки захираҳои мавҷуда имкон медиҳанд, ки ин нишондиҳанда ба таври хеле бисёр афзоиш дода шавад».

**Масъали чорум,** ҷонибҳои манфиатдорро ҷалб намудан ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд ба таъкиди Сарвари давлат, «таъсис додани механизми шарикии бисёрҷониба бо ҷалби ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар муҳокимаи масъалаҳои об аҳамияти муҳим дорад, хусусан, зимни қабули қарорҳо бо назардошти манфиатҳои баробари онҳо» муҳимму судманд аст.

**Масъалаи панҷумро** вусъати ҳамкории фаромарзӣ маънидод кардаанд. Дар ин самт «Рушди дипломатияи об барои ҳалли масъалаҳои байнидавлатӣ дар соҳаи об воситаи калидӣ» мебозад.

Солҳои охири хушксоливу обхезиҳо дар ҷаҳон собит намуд, ки тағйирёбии иқлим ба умдатарин мушкилоти ҷаҳон табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фоизи ҳудуди он кӯҳсор мебошад, дар ин самт осебпазир аст ва ҳамасола ба иқтисоди Тоҷикистон хисороти зиёди молӣ ворид гардида, дар бисёр ҳолат боиси талафоти ҷонӣ низ мешавад.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) (07.11.2022, Миср) зикр намуданд, ки “...ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ хеле ночиз аст ва дар ин радабандӣ кишвари мо дар ҷойи 130-ум қарор дорад, яъне, аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо мавқеи пешсафро ишғол менамояд”.

Хуб медонем, ки сол то сол бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар кишвари мо вусъат меёбад ва беш аз 98 фоизи неруи барқ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда ба даст меояд ва дар ин самт Тоҷикистон дар ҷаҳон дар ҷойи шашум қарор дорад. Бояд гуфт, ки захираҳои об дар ҷараёни тағйирёбии иқлим қарор дошта, дар оянда мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин, пиряхҳо манбаи асосии оби тоза мебошанд ва масоили обшавии босуръати пиряхҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла пиряхҳои Тоҷикистон, ки то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳад, нигаронкунанда мебошад. Ин ҳолатро метавон бо обшавии 1000 пиряхи Тоҷикистон (аз 14 ҳазор пиряхи кишвар ҳазортояш аз байн рафтааст) дар чанд даҳсолаи охир тасдиқ намуд.

Ибтикори панҷуми Тоҷикистон эълон намудани соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряҳо» такмилбахши ташаббусҳои пешин буда, зарурати нигоҳдории бойигариҳои табиатро маънидод мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пешбарандаву ташаббускор доир ба ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим, ҳомии оби тоза ва кӯҳҳо дар ҷаҳон шинохта шудааст, ки ба татбиқи Рӯзномаи рушди устувор 2030 иртибот мегирад.

Вобаста ба қабули ташаббуси панҷуми Тоҷикистон Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерреш ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи табрикӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла, таъкид шудааст: «Ин тасдиқи муҳими эътимоди кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ба кишвари Шумо ҳамчун пешбарандаи мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар саросари ҷаҳон ва ҳомии нишон додани равобит миёни оби тоза, кӯҳҳо ва тағйирёбии иқлим, дар роҳи татбиқи ҳадафҳои баҳампайвасти Рӯзномаи рушди устувор 2030 мебошад”.

Дар робита ба ин, Мудири кулли ЮНЕСКО Одрӣ Азуле, Дабири кулли Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ Петтери Таалас ва Раиси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Чаба Короши ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқия табрикӣ ирсол намуда, нақши Пешвои миллат ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сиёсати ҷаҳонӣ муҳимму судманд арзёбӣ кардаанд.

Ин эътироф ва қадршиносии ҷомеаи ҷаҳонӣ далели он аст, ки кишвари Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои олии мамлакат ва муаррифии кишвар дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар доираи ин ташаббусҳо стартегия, санадҳои муҳимму зарурӣ ҳамкории муштарак ҷиҳати пешгирии ҳифзи ҳалли масъалаҳои пешгирӣ аз обшавии босуръати пиряххо, ҳифзи пиряххо ва истифодаи самараноки онҳо дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ ҳамчун манбаъҳои асосии обҳои мусаффои ошомиданӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дарвоқеъ, аз 22 то 24 марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳти раёсати Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд кори конфронси оби СММ баргузор гардид. Чанд рӯз фазои расонаҳои хабарии дохиливу хориҷиро ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон фаро гирифта буд, ки ин ҳолат фараҳафзову ифтихорофарин мебошад. Дар ин ҷода саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун бунёдгузори дипломатияи об мондагор мебошад. Таҳлилу арзёбиҳои Сарвари давлат доир ба масъалаҳои обу иқлим ва ҳифзи пиряххо нишон медиҳад, ки ҷаҳон дар остонаи як таҳаввулоти ҷадид дар ин самт қарор дошта, ҳамбастагии аҳли сайёраро тақозо мекунад. Масоили об ва ҳифзи пиряххо, ки сарчашмаи оби тоза мебошад, робитаи амиқи давлатҳоро мехоҳад ва ин амал мушаххас менамояд, ки имрӯз талабот ба оби тоза сол то сол бештар мегадад ва табиат муносибати мунсифонаро мехоҳад. Дар конфронс андешаҳои Президенти кишвар дар доираи факту рақам ва далелҳои раднопазири илмӣ пешниҳод гардиданд, ки ҳалли мушкилоти марбут ба об амри воқеист. Шоистаи таъкид аст, ки чунин конфронси сатҳи баланд дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум баргузор гардид ва нахустин бор соли 1977 дар шаҳри Мар-дел-Платаи Аргентина сурат гирифта буд. Дар ин самт он вақт ба дастовардҳои назаррас ноил гаштан мумкин аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ дар ҳамбастагӣ амал намоянд ва ба масоили экологӣ, оби тоза ва ҳифзи пиряххо ҳамвора диққати ҷиддӣ бидиҳанд. Дар ин раванд иҷрои ҳадафу амалҳо осон набуда, татбиқи тадриҷии амалиро тақозо мекунад. Пешвои миллат зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” (22.03.2023, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) дар баробари баррасии ҳалли мушкилоти оби сайёра пешниҳод карданд: “Конфронси навбатии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об дар ҷамъбасти Даҳсолаи байналмилалии амали об соли 2028 дар Тоҷикистон баргузор карда шавад.

Ҷиҳати иҷрои амалу уҳдадориҳои мазкур, бахусус, татбиқи Рӯзномаи амали об мо пешниҳод менамоем, ки Раванди оби Душанбе ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад”.

Инчунин, Пешвои миллат зимни суханронӣ дар чорабинии канории “Харитаи роҳ барои соли 2025: Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” (22.03.2023 23:56, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) дар баробари таҳлилу баррасии гармшавии иқлим ва обшавии пиряххо, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронкунанда мебошад, зикр намуданд, ки “шуруъ аз соли 2025 ҷаҳон се рӯз пайи ҳам аз 21 то 23 март ҷашнҳои марбут ба об, яъне Рӯзи пиряххо, Рӯзи захираҳои об ва Рӯзи обуҳавошиносиро таҷлил хоҳад кард”.

Шоистаи таъкид аст, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар васоити ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ ба таври фарогир инъикос ёфтаанд, ки аз як ҷониб, нақши Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти глобалии ҷаҳон нишон диҳанд, аз сӯйи дигар, ба обрую эътибори бештари кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон аз ҷониби пажуҳишгарону публитсистон ба таври фарогир омӯзишу таҳқиқ гардад ва китобу рисолаҳои арзишманд таълиф шавад.

Воқеан ҳам, ташаббусҳои байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ обрӯю нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол баланд гардонид ва нақши шахсияти таърихиро дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дод.

**ИСЛОҲОТ**

***А. МИРАЛИЗОДА,***
***мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ,***
***доктори илмҳои педагогӣ, профессор,***
***Л. НАЗИРӢ,***
***номзади илмҳои педагогӣ, дотсент***

# МАОРИФ - ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ДАВЛАТ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Дар ҳама давру замон омӯхтани илму дониш ва маърифатпарварӣ ҳамчун омили муҳимтарини пешрафту тараққиёти ҳар як халқу миллат ба ҳисоб меравад».

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ новобаста аз вазъи мушкили иқтисодӣ ва ноороми ҷомеа фарогирии насли наврасу ҷавон ба раванди таълиму тарбия ва омӯзиши илму маърифат ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлату ҳукумат маҳсуб ёфта, тамоми имкониятҳои мавҷуда барои соҳибмаърифат ва соҳибҳунар гардидани онҳо равона карда шудааст.

Дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ вазъи муассисаҳои таълимӣ нигаронкунанда буд. Аз ин рӯ, барои шароити мусоид таҳсил, пеш аз ҳама, сохтмон, азнавсозӣ ва таъмиру тармими муассисаҳои таълимӣ оғоз гардида, заминаи моддиву техникии аксари таълимгоҳҳо беҳтар карда мешуд. Ҳамзамон, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ, ашёи таълимӣ ва таҷҳизоти мактабӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ ва техникаи компютерӣ таъмин мегардид. Дар ин давра як қатор санадҳои меъёрии муҳимми давлатӣ қабул карда шуд, ки ба рушди соҳаи маориф мусоидат намуд. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсинонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» қабул гардид, ки давра ба давра муассисаҳои таълимӣ бо компютерҳои муосир таъмин карда шуданд. Мақсади асосии барномаҳои мазкур рушди низоми технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи технологияҳои таълимии муосир, усулҳои инноватсионии таълим ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии соҳаи маориф ба ҳисоб мерафт.

Дар замони муосир тағйироти куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа ба назар мерасад ва маориф дар ин самт истисно набуда, рушди бештару таваҷҷуҳи ҷиддиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, пайвастани соҳаи маорифи миллӣ ба фазои илмию техникии ҷаҳони мутамаддин ногузир

мебошад. Маҳз иҷрои барномаҳои давлатии соҳа, татбиқи навгониҳои таҳсилоти байналмилалӣ ва пешрафти илму техника имкон медиҳад, ки сатҳу сифати таълим дар мактабҳо баланд гардад.

Бо дарназардошти мутобиқшавӣ ба таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ рушду нумӯи тафаккури миллӣ зарур мебошад. Дар Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: «Давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон, ки рӯ ба муносибатҳои нави иқтисоди бозаргонӣ овардааст, ба хотири ҷавобгӯ будани таълим ва тарбияи насли наврас талаб мекунад, ки таҳсилот бо дарназардошти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тибқи талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Дар чунин шароит низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба низоми таҳсилоти давлатҳои мутараққии ҷаҳон мутобиқ кунонида шавад».

Барои ноил шудан ба ин мақсад мунтазам баланд бардоштани маҳорати малакаи касбии омӯзгор, муҷҷаҳаз намудани синфхонаҳои таълимӣ бо лабораторияҳои озмоишӣ ва компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ омили муҳимми пешрафти таълим маҳсуб мeёбад.

Ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ-методӣ ва илмӣ-инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ афзалият дошта, бояд насли наврас мутобиқ ба замони муосир ба таълиму тарбия фаро гирифта шавад.

Вазорати маориф ва илми кишвар пешрафти ҷомеаро дар фазои таҳсилоти миллӣ ба назар гирифта, «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020» -ро қабул намуд. Дар доираи стратегияи мазкур гузариш ба муносибатҳои босалоҳият дар таълим оғоз шуда, дар аввал синфҳои ибтидоӣ ва баъдан то соли 2020 ҳамаи фанҳои таълимиро фаро гирифт.

Баъд аз омӯзишу таҳлилҳои мушовирони миллӣ ва байналмиллалӣ ва бо инобат гирифтани ҳадафу вазифаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некуаҳволии сокинони кишвар барои ислоҳоти соҳаи маориф самтҳои асосии зерин дар стратегияи миллӣ муайян карда шуд:

– навсозии мазмуни таҳсил;
– тағйироти сохтории соҳаи маориф;
– таъмини дастрасии таҳсилоти босифат.

Барои тағйир додани мазмуни таҳсилот зарур буд, ки дар давраи татбиқи стратегия вазифаҳои зерин иҷро карда шавад:

бо мақсади таъмини инкишофи кӯдакон, омодасозии ҷисмонию рӯҳии кӯдакон ба фаъолияти мунтазами маърифатӣ ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ ва навсозии мазмуни таҳсилот ва аз модели донишандӯзии тайёр ба модели муносибатҳои босалоҳият гузаронида шавад:

– дар хонандагон ташаккул додан ва тарбия намудани малакаҳои ҳаётан муҳиму тарзи ҳаёти солим;

- аз зинаи барвақти таҳсилот омода намудани хонандагон ба фаъолияти касбӣ;

- навсозии мазмуни таҳсилот вобаста ба талаботи бозори дохил ва хориҷи меҳнат;

-навсозии мазмуни таҳсилоти касбӣ мутобиқи талаботи иқтисоди кишвар ва касбикунонии саросари насли ҷавон ва қобили меҳнат.

Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои муаяйншуда дар Вазорати маориф ва илми кишвар гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки дар муддати кӯтоҳ таҷдид ва таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ (синфҳои 1-11), навиштани «Роҳнамо» барои омӯзгорон, замимаҳо ба китобҳои дарсӣ шуруъ гардид. Ҳамзамон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (зиёда аз 130 нафар) аз омӯзиш барои татбиқи муносибатҳои босалоҳият гузаронида шуд.

Ҷиҳати арзёбӣ намудани фаъолияти таълимию методӣ ва сифати таҳсилот дар синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби шарикони рушд (Бонки ҷаҳонӣ- лоиҳаи "РИД-2", ЮСАИД - лоиҳаи "Ҳамроҳ мехонем") арзёбии байналмилалӣ гузаронида шуд, ки натиҷаи хуби таҳсилотро нишон дод. Дар

синфҳои 5-11 лоиҳаи «Таҳсилоти босифат»-и Иттиҳоди Аврупо мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилотро аз фанҳои таълимӣ баргузор намуда, дар сифати таълим тағйироти мусбатро муайян кард. Аз ҷониби лоиҳаи мазкур бо омӯзгорони кафедраҳои методикаи таълими фанҳо дар коллеҷу донишкада ва донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ ҳамкорӣ идома дорад.

Дар шароити имрӯза муҳим аст, ки омӯзиши фанҳои менеҷменти сиёсӣ, педагогикаи касбӣ, психологияи касбӣ, экология-ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, технологияи иттилооотӣ, коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар соҳаҳои мухталиф, менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф, менеҷменти экологӣ, менеҷменти молиявӣ ва омӯзиши методикаи таълими фан дар ихтисосҳои равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон, дар равандиислоҳоти соҳа зарур аст, ки малакаву маҳорати касбии омӯзгорон вобаста ба талаботи рӯз ва дар асоси дастовардҳои технологияи пешрафта такмил ёбад ва дар таълиму тарбия ва ба камол расондани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир нақши бориз гузоранд.

Дар ин замина Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид қайд менамоянд: «Рушди минбаъдаи мактаб, пеш аз ҳама, ба саъю талоши созандаву эҷодкор ва омӯзгорони сазовори касби хеш алоқаманд аст».

Талаботи рӯзафзуни соҳаи маориф ба мутахассисони варзидаву донишманд, ки қобилияти тадриси фанҳои таълимиро дар доираи муносибатҳои босалоҳият доранд, тақозо менамояд.

## ДАР ДУШАНБЕ ДАВРИ ДУЮМИ ИНТИХОБӢ-НИҲОИИ ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРГУЗОР ШУД

27-28 март дар Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе даври дуюми интихобӣ -ниҳоии Олимпиадаи байналмилалии «APhO 2023» ва «EuPhO 2023» аз фанни физика баргузор шуд.

Дар олимпиадаи мазкур 56 хонандаи вилоят фаъолона иштирок намуда, беҳтаринҳо ба даври дуюми он роҳхат гирифтанд.

Ҷараёни олимпиадаи мазкур тавассути барномаи назоратии «Google Meet» ҷараён ёфт.

Хотиррасон бояд намуд, ки даври ниҳоии 23-юми олимпиадаи байналмилалии Осиёии «APhO2023» 21-29 май дар шаҳри Улан-Батори Ҷумҳурии Муғулистон ва Олимпиадаи 7-уми байналмилалии аврупоии «EuPhO 2023» 16-20 июн дар шаҳри Ганновери Олмон гузаронида мешавад.

**ПЕШРАФТ**



***Нурафшон БОЗОРОВА,***
***омӯзгори Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш.Душанбе***

# СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОК



Ҷаҳони имрӯзро бе пешрафти илму маориф наметавон тасаввур кард. Аз ин ҷост, ки тамоми кишварҳои мутараққӣ ва бонуфузи ҷаҳон ба соҳаи илму маориф таваҷҷуҳ менамоянд ва боиси ифтихори мо, кормандони соҳаи маориф аст, ки як бахши муҳими Паёми ҳамасолаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва баланд бардоштани нуфузи омӯзгор дар ҷомеа бахшида шуда, ҳар сатри он саршор аз самимияту боварӣ ва дастуру роҳнамоиҳои бунёдкорона ба хотири фардои дурахшони миллат мебошад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар мамлакат ба масъалаи маориф ва низоми таълиму тарбия диққати махсус дода шуд ва дар солҳои баъдии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд шакл ва мазмуни тоза касб намуд. Яъне, маориф яке аз самтҳои афзалиятноки давлату Ҳукумат дониста шуд. Маҳз ҳамин аст, ки давлату Ҳукумат ба соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода, ҷиҳати рушди пайвастаи он чораҳои дахлдори амалӣ андешида истодааст.

Дар Паёми имсолаи худ Пешвои миллат масъалаҳои маориф, мактаб, омӯзгор ва рушди илми кишварро пурра мавриди баррасӣ қарор доданд ва зикр намуданд, ки ***“Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф намуда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.”***

Ин нуктаҳо масъулияти ҳар яки моро бештар намуда, водор месозад, ки барои рушди соҳаи маориф ва дастгириву тарбияи насли ояндасози миллат – ҷавонон бештару беҳтар саҳмгузор бошем, шогирдонро дар руҳияи худшиносиву ватанпарастӣ ва арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ҳидоят намоем.

Дигар самти муҳимми фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ амалӣ намудани сиёсати мақсаднок оид ба тарбияи мутахассисони илмӣ ва илмию педагогӣ барои таъмин намудани талаботи муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олӣ, корхонаҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба ҳисоб меравад. Ба андешаи коршиносони соҳа дар замони муосир рушди бонизоми соҳаҳои мухталифи байни давлатҳо бештар аз рӯйи имкониятҳои онҳо дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ муайян гардида, боиси пайдоишу рушди донишҳои нав ва самаранок мегардад. Ба ин васила, илму маориф ба соҳаи муҳим табдил ёфта, барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Ҳамвора бо ин, нерӯи зеҳнии ҷомеа ба ҳайси омили муҳимтарини рушди устувор ба рушди босуботи кишвар заминаи мусоид фароҳам месозад. Бо назардошти ин, метавон гуфт, ки нерӯи

зеҳнии ҷомеа дар ҷаҳони муосир ба ченаки муҳим ва муайянкунандаи рушд табдил ёфта, заиф гардидани он дар навбати аввал ба амният ва истиқлолияти кишварҳо таъсиррасон мебошад.

Бо дарки амиқи ин масъала Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар чунин таъкид намудаанд: ***«... Дар баъзе самтҳои илм шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ нокифоя буда, аксари муассисаҳо ба ходимони илмии болаёқат ниёз доранд.»***

Рушди давлатҳои муосир бидуни илму техникаи пешқадам ва технологияҳои инноватсионӣ, ҳамзамон, бе истифодаи тарзу услҳои нави идоракунии истеҳсолот ва ҷорӣ намудани дастовардҳои нави илмӣ дар хоҷагии халқ тасаввурнопазир аст. Дар шароити инкишофи босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ раванди рақобати давлатҳо маҳз дар доираи равнақи илму техника тақвият меёбад.

Вобаста ба ин, дар ҳамаи суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таълими фанҳои табиатшиносию дақиқ мақоми хосаро касб намудааст ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам бахри баланд бардоштани мақоми илму маърифати ҷомеа аз тамоми имкониятҳо истифода бурда, дар ин росто пайваста тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ менамояд, ки ба рушди фанҳои табиию дақиқ дар давоми бист соли минбаъда нигаронида мешавад.

Илова бар ин, бо пешниҳоду ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар озмунҳои ҷумҳуриявии “Илм-фурӯғи маърифат”, “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” ва “Тоҷикон”-оинаи таърихи миллат”” роҳандозӣ шуданд ва ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳуввияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад.

Омӯзгор шахсест, ки дар таълиму тарбияи насли наврас ва омода намудани мутахассисони баландихтисосу кордон саҳми калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, Паёми Пешвои миллат мо, омӯзгоронро водор месозад, ки сатҳи дониши худро баланд бардошта, маҳорати касбии хешро такмил диҳем, то дар амалӣ намудани дастуру супоришҳои Президенти кишварамон саҳмгузор бошем. Барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос аз метод ва усулҳои нави таълим ба таври васеъ истифода намоем.

## 2 ХОНАНДАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ СОҲИБИ ҶОЙИ СЕЮМ ШУД

Аз 21 то 24 марти соли равон 10 хонандаи гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия барои баланд бардоштани Парчами давлатии Тоҷикистон дар Олимпиадаи байналмилалии «Эрудитҳои сайёра-2023» донишозмоӣ намуд. Дар ин олимпиада ду нафар хонандаи синфи 2-и гимназия Абубакр Қосимзода ва Маҳлиё Худоёрзода соҳиби ҷойи сеюм гардид.

Ба дастаи гимназия барои иштироки фаъолона ҷом ва роҳбарияти ин муассисаи таълимӣ ва омӯзгори роҳбалад бо сипоснома қадрдонӣ шуданд.

## 8 МАРТ – РӮЗИ МОДАР

# БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ ЗАН – МОДАР

Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш кашида, бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Бо падару модари худ чунон рафтор кун, ки аз фарзандони худ таваққӯъ дорӣ.

**Суқрот**

Тору пуди модарро аз меҳрубонӣ бофтаанд.

**Ролф Волду Амрсон**

Барои модар вожае зеботар аз фидокор наметавон ёфт.

**Уруди Бузург**

Ман аз ишқ бадам меояд, зеро як бор ошиқ шудам ва модарамро фаромӯш кардам.

**Марк Твен**

Ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ наметавонед муҳаббатеро беҳтар, хубтар ва воқеитар аз муҳаббати модари хуб ёбед.

**Ҳоноре де Балзак**

Тифл модарашро аз лабхандаш мешиносад.

**Ферчил**

Зани зишт дар дунё вуҷуд надорад. Танҳо баъзе аз занҳо ҳастанд, ки наметавонанд худро зебо ҷилва диҳанд.

**Бернадр Шоу**

Зан шарики зиндагонӣ ва ёри соатҳои дармондагӣ аст.

**Ҳуте**

Як зани зебо ва накӯсурат дар назар зебост, аммо як зани хуб ва некӯсират дар қалби инсон ҷой дорад.

**Наполеон Ҳилл**

Ҳар зани покдомане зебо ва дилписанд аст.

**Виктор Ҳуго**

Зан конуни пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббат ва дӯстӣ ва чашмаи бахшиш аст.

**Иқболи Лоҳурӣ**

Зан ҳамеша синни худро аз таърихи издивоҷ ҳисоб мекунад, на аз таърихи таваллуд.

**Эрҳард**

Зан паҳлавоне аст, ки далертарин мардонро дар сахттарин ҳолати хашм ором мекунад.

**Ҳеродот**

Зан кӯдаке аст, ки бо андак табассум хандон ва бо камтарин бемеҳрӣ гирён мешавад.

**Ҳервед**

Зан ягона вуҷуде аст, ки ҳақиқати ишқи покро мешиносад.

**Шиллер**

Чунин аст табиати зан: дӯстат надорад то дӯсташ дорӣ ва чун дӯсташ надорӣ дӯстат дорад.

**Мигуел Буффлер**

Тасхири як кишвари бузург аз тасхири қалби кӯчаки зан осонтар аст.

**Наполеон**

Онҷо, ки ишқ ё нафрат аҳамияте надорад, зан накши миёна бар ӯҳда мегирад.

**Нича**

Хашми зан монанди алмос аст, ки медурахшад, аммо намесӯзонад.

**Тагур**

Чизе, ки зан дорад ва мардро тасхир мекунад, меҳрубонии ӯст, на симои зебояш.

**Шекспир**

Ҳар куҷо марде ёфт шуд, ки ба мақомоти баланд расидааст, яқинан зани покдомане ӯро ҳамраҳӣ кардааст.

**Шиллер**

Зан вақте ки дӯст бидорад, ғайр аз маҳбуби худ чизеро намебинад ва ҳарчи отифа, меҳрубонӣ ва навозишу фидокорӣ дорад, танҳо барои ӯ ба кор мебарад.

**Алфанс Дуда**

Агар зани зебо гавҳар бошад, пас зани бофазилат канз аст.

**Кант**

***Манбаъ: www.khf.tj***

**11 МАРТ – РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК**



***Сангин ГУЛЗОД,***
***мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ***

# МУАЛЛИМИ ЖУРНАЛИСТИКА: ТАЛАБОТИ КАСБӢ ВА МАЪНАВӢ

***(Мулоҳиза ва пешниҳод)***

*Муаллим ҳаққи хато кардан надорад.*
*Эмомалӣ РАҲМОН*



Оре, дар ин суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як ҷаҳон маънӣ нуҳуфтааст. Агар аз як сӯ, нақши муҳимми муаллим - омӯзгор дар ҷомеа зикр шавад, аз тарафи дигар, масъулияти бузурги омӯзгор дар шароити муосири равандҳои пуршиддати ҷаҳони муосир таъкид мешавад.

Дар пиндори мардуми маърифатпарвари тоҷик муаллим шахси соҳибэҳтирому донишманд эътироф шудааст. Тамоми бузургони мо васфи муаллим - омӯзгорро кардаанд. Ба гунаи мисол метавон аз байти зерин ёд овард:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Омӯзгор ва мактаб ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва баҳои арзандаи Сарвари давлат қарор дорад:

“*Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.”*

Дар партави боварииву эҳтироми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мактабу маориф ва заҳмати омӯзгор баъзе мулоҳизаҳоро пешниҳод менамоем. Ин андешаву мулоҳизаҳо, асосан, дар асоси таҷриба, суханронӣ ва суҳбату баррасиҳои устодону донишмандони шинохта, бахусус, академик Муҳаммадюсуф Имомзода, шодравонҳо, профессорон Баҳриддин

Камолиддинов, Асадулло Саъдуллоев, Абдусаттор Нуралиев, дотсент Пайванди Гулмуродзода, устодони соҳибмактаб Иброҳим Усмонов, Мурод Муродӣ, Ҷамшед Саъдуллоев, Ҷовид Муқим, Масрур Абдуллозода, Шариф Муллоев, Қироншоҳ Шарифзода, Бахтиёр Қутбиддинов, Саъдулло Ҳайдарӣ ва дигар муаллимони ҳамкорам, дӯстонам – журналистони дар расонаҳо фаъолияткунанда ва бардошту таҷрибаам таҳия шудаанд. Аз ин хотир, аз устодону ҳамкорон ва ҳамкасбон ҳам сипосгузорам ва ҳам барои истифодаи ақидаҳояшон бидуни мушаххас ном бурдан узр мехоҳам.

Дар ибтидои ташкили факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (то солҳои 2000-ум) муаллимони журналистика намерасиданд. Бо даъвати садорат ва кафедраҳои факултет хатмкунандагони ҳушманду болаёқат ҷалб мешуданд ва аксаран аз расонаҳои хабарӣ барои таълиму таҳқиқ ҷавоби рад медоданд. Зеро, аз як тараф, маош кам ё умуман набуд, аз ҷониби дигар, вазъи ногувори замон мутахассисони ҷавонро ноумед месохт. Шукри сулҳу оромӣ ва суботи Ватани азизамон ва сиёсати маорифпарваронаи давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ, хосса Пешвои миллат вазъият куллан тағйир ёфт ва сафи муҳаққиқу муаллимшавандаҳо зиёд гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 декабри соли 2022) таъкид доштанд, ки “*мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурiро роҳандозӣ карда истодаем. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад*”.

Баъзе андешаҳои дар зер оварда ба ҳамаи омӯзгорон тааллуқ дорад, вале дар меҳвар муаллими журналистика қарор дорад. Чун журналистон аз инъикосгарон, таҳрикдиҳандагони воқеоти муосир ва равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошанд, нақши устодон дар сатҳ ва омодагии касбиашон бузург мебошад. Махсусияти фаъолияти муаллими журналистика дар он аст, ки шогирдон аз нахустин дидору аввалин лаҳзаи дарс аз намуди зоҳирӣ сар карда, то ҷаҳонбиниву маърифаташро баҳо медиҳанд. Фаъолияти муаллими журналистика чун фаъолияти рӯзноманигорон оммавист. Баъди гузашти беш аз 50 сол то ҳол шогирдон аз усули таълиму тарбия, маҳфилороиву қатъияти муаллими калон, шодравон Хоҷабек Зулфиқоров (воқеан, дараҷаву унвони илмӣ надоштанд) ёд меоранд.

1. **Н**ахуст муаллими журналистика мавқеи расмии давлатӣ ва андешаи миллӣ дошта, худаш қонундону қонунписанд бошад. Дар ин замина аз профессор И. Усмонов шунидам: «Муаллим ҳаққи муқобилият ба ҳукуматро надорад. Муаллими журналистика мавқеи расмӣ, ҳукуматӣ бояд дошта бошад». Яъне, муаллими журналистика бояд шогирдонро дар руҳияи қонундониву қонуншиносӣ ва қонунписандӣ таълим диҳад, бузургони миллатро шинохтаву дар баробари арзишҳои миллӣ фаъолияту осори онҳоро тарғибу ташвиқ карда тавонад. Агар муаллими журналистика чунин нест, пас сабақаш манфиатбор намебошад.

2. **О**вардани таъкиди профессор Асадулло Саъдуллоевро ин ҷо бамаврид меҳисобам: “Муаллими журналистика бояд таҷрибаи фаъолияти амалӣ дар воситаҳои ахбори оммаро дошта бошад ва навишта тавонад. Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ бо расонаҳо ҳамкорӣ кунад, мақолаву очерк, нигоришу тақриз нависад”. Муаллими журналистика бояд тавассути воситаҳои ахбори омма фикру ақидаашро дар бораи равандҳои муосири ҳаёти ҷомеа баён кунад. Вақте муаллими журналистика мегӯяд, ки навишта наметавонад ва ё дар бораи воқеоти замон иттилоъ надорад, мусибат аст.

3. **М**уаллим фанни дарсмедодаашро худаш хуб донад ва муҳимияти омӯзиши онро фаҳмонда тавонад. Агар намедонад, аз таълими он даст кашад. Муаллими журналистика бояд дар асоси сарчашмаву китобу дастурҳои гуногун лексияашро омода кунад, на дар асоси як китобу як дастур. Ва боз бад аст, ки муаллими журналистика аз ҳамкораш барои дарсгузарӣ лексияи тайёрро пурсад, аз рӯйи лексияи дигар кас дарс гузарад ва ё китоби дарсиро дар назди шогирдон айнан хонад. Ҳақ бар ҷониби профессор М. Муродӣ аст, ки мегӯяд: “Раванди дарс ва самараи онро на лексия (хондан аз варақ ё китоб), балки қобилият ва маҳорати педагогии муаллим таъмин мекунад.” Лексия дар асоси донишу малака ва ҷустуҷӯю заҳмати инфиродии муаллим омода мешавад. Лексияи ҳар муаллим гуногун буда, усули инфиродии таҳлилу баррасии мавзуъро дар бар мегирад.

4. **М**уаллим худаш дарсашро гузарад, яъне, ба омӯзгори дигар вобаста накунад. Агар масруф аст, дарс нагирад. Барои аз аудитория гурехтан баҳонаҷӯйӣ накунад. Дар тақвият гуфтаи профессор Б. Камолиддиноврo меорам: “Баҳонаҷӯйӣ барои дарс надаромадан обрӯю эътибори муаллимро назди шогирдону ҳамкорон коста мегардонад. Вақте муаллим тез-тез дарсашро ба дигар кас вогузор мекунад ва ё умуман, намегузарад, ин бемасъулиятист. Зеро дар ин гуна ҳолат донишҷӯ дар дарс масъулият эҳсос намекунад, онро намефаҳмад ва чунин муаллим боиси беэҳтиромӣ қарор мегирад.”

5. **М**уаллими журналистика андешаашро бояд бо факту далел исбот карда тавонад, аз фаъолияту мавқеъ ва набзи расонаҳои ватаниву хориҷӣ бохабар бошад. Аз посух додан ба суоли шогирд набояд гурехт. Ҳеч кас ҳамадон нест ва муаллими журналистика дар ин миён истисно намебошад. Вазифаи муаллими журналистика ҳангоми дарс додан дар курсҳои болоӣ шогирдонро ба андеша водор кардан аст. Дар ин маврид сухани профессор М. Муродиро ба мавқеъ медонам: “Муаллими журналистика бояд ҳамеша дарсашро ба воқеияти имрӯз пайванд диҳад.”

6. **О**ғози дарс бояд ҷолиб бошад ва муаллими журналистика бо забони адабӣ сухан гӯяд. Риояи қоидаҳои имло барои муаллими журналистика меъёри ҳатмист.

7. **М**уаллими журналистика ҳамкор ё муҳаққиқи арзандаи дигарро эътироф намояд, аз осори илмиву таълимии мавсуф дар лаҳзаи даркорӣ истифода кунад, барои мутолиа ба шогирдону муҳаққиқони ҷавон тавсия намояд. Эътирофи ҳамкору муҳаққиқи дигар на танҳо ҳунар ва ҷавонмардӣ, балки натиҷаи огоҳиву омӯзиши фарогири худи муаллимро нишон медиҳад.

8. **М**уаллими журналистика бояд донад, ки таълиму тарбия тавъам аст ва шогирдонро дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намояд.

9. **М**уаллими журналистика, бахусус, муаллими ҷавон бояд пайваста донишу ҷаҳонбиниашро такмил бахшад, аз таҷрибаи ҳамкорон омӯзад, дар дарсҳои устодони ботаҷриба иштирок кунад (Ман баъди аз матбуот ба таълими журналистони оянда ҷалб шудан, 2 соли аввал барои такмили дониш, дарёфти малакаву таҷриба вазифадор будам, ки ба дарсҳои устодони пуртаҷриба Иброҳим Усмонов, Асадулло Саъдуллоев ва Абдусаттор Нуралиев дароям).

10. **М**уаллими журналистика бояд дар семинару тренингҳо (барои журналистон) ширкат варзида, навгониҳоро омӯзад, зеро фаъолияти расонаҳо ҳамеша дар тағйиру таҳаввул аст. Вақте муаллими журналистика падидаҳои навро дар фаъолияти журналистӣ ва расонаҳо намедонад, дарсҳояш барои шогирдон самараовар нахоҳад буд.

11. **М**уаллими журналистика фаромӯш набояд кунад, ки дарс ва рафтораш ҳатман дар маҳфили дигар, дар ҷойи дигар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

## БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОН

***Тағайгул ҶАЪФАРОВА,***
***Роҳила ХАЙЛОЕВА,***
***омӯзгорони литсейи инноватсионии “Душанбе”- и***
***назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

# “НАВРӮЗИ АҶАМ БА ТОҶИКИСТОН ОМАД”

***(Дарси кушоди яксоатаи тарбиявӣ)***




**Барнома:** а) ид ва ҷашнҳои миллии тоҷикон; б) хусусиятҳои миллии ҷашни Наврӯз; в) вақти ҷашнгирии идҳои миллӣ; г) ташкили чорабиниҳои гуногун вобаста ба идҳои миллӣ.

**Айёният:** Синф бо гулҳо ва кашидадӯзиҳои рангоранг оро дода шуда, хонандагон дар даст гулҳои наврӯзӣ доранд. Хони наврӯзии “Ҳафтсин” ва “Ҳафтшин” оро дода шудааст.

**Хонандагон бояд:** а) ҷашн ва идҳои миллиро номбар карда тавонанд; б) хусусиятҳои идҳои миллиро шарҳ диҳанд; в) вақти ҷашнгирии идҳо ва вобастагии онҳоро бо фаслҳои сол фаҳмонанд; г) аз рӯйи мазмуни расмҳо идҳоро аз якдигар фарқ карда тавонанд; ғ) чорабиниҳоеро, ки дар ин идҳо ба нақша гирифта мешаванд, номбар кунанд ва хусусияти онҳоро бо суханони худ шарҳу эзоҳ диҳанд.

**Маълумоти мухтасар дар бораи ҷашнҳо пешниҳод мегардад:** Ҳар як халқ урфу одат, ид ва ҷашну маросимҳои ба худ хос дорад. Тоҷикон низ дар радифи дигар халқу миллатҳо ҷашн ва идҳои миллии худро доранд.

**Ҷашни миллии Наврӯз**

Наврӯз рӯзи аввали соли шамсӣ, ки бо 21–уми март баробар меояд ва Соли нави аҷдодӣ аст.

*Боз ин ҷавонист заминрову замонро,*
*Наврӯз бадал кард ба дил пиру ҷавонро.*

**Ҷашни Меҳргон**

Меҳргон яке аз қадимтарин идҳои фасли сол ва иди ҳосилот аст. Он ба 16-уми меҳрмоҳ (моҳи ҳафтуми солшумории шамсӣ, мутобиқ ба 22-юми октябри солшумории григорианӣ) рост меояд. Агар Наврӯз оғози кишту кор бошад, Меҳргон ҳамчун рӯзи нахустини ҷамъоварии ғалла ҷашн гирифта мешавад.

**Ҷашни Тирмоҳ**

Тирмоҳ (Тирмаҳ) моҳи чоруми соли шамсӣ, ки ба 22-юми июн – 22-юми июл рост меояд ва моҳи якуми фасли тобистон мебошад:

*Биҳиштвор машоми ҳаёт тоза кунад,*
*Баҳору тирмаҳ обу ҳавои ин манзил.*

**Ҷашни Сада**

Сада яке аз ҷашнҳои мардуми ориёӣ буда, ҳар сол рӯзи 10-уми баҳманмоҳ (29-30 январ) истиқбол гирифта мешавад. Дар гузашта дар ин рӯз дилпурона оташи зиёд меафрӯхтанд ва хушҳолона бо ҳам менигаристанд. Абулқосим Фирдавсӣ таҷлил кардани ҷашни Садаро дар китоби “Шоҳнома” ба замони подшоҳии Ҳушанг рабт додааст:

*Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,*
*Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.*

**Омӯзгор:**

Бачаҳои донову закӣ! Ба диёри нозанини мо боз баҳор ва Наврӯз омад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, дарси имрӯзаи худро ба ин мавзуъ бахшем ва дар рафти дарс аз таърихи Наврӯз ва пайдоиши он, ки ҳар сол ҳамчун ҷашни миллии мо ҷашн гирифта мешавад, маълумоти бештар пайдо менамоед:

*Эй дӯст биё, ки базми Наврӯз хуш аст,*
*Бо созу суруди оламафрӯз хуш аст.*
*Бо кулчаи пар-парию бо қанду асал,*
*Дар кишвари тоҷикони хушрӯз хуш аст.*

Як духтару як писар қадаме пеш гузошта, мегӯянд:

*Айёми Наврӯз, ассалом,*
*Рӯзи дилафрӯз, ассалом.*

***

*Дӯстон ҷашни дилафрӯз муборак бошад,*
*Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад.*

Баъди қироати мисраҳои боло, духтараке ба саҳна ворид шуда, ба ҳар тараф менигарад ва ин манзараро дида, баранда (духтар) мепурсад:

- Ҳа, Шакибо, ту киро мекобӣ?

- Медонӣ дугонаҷон, ман арӯси зеботарини сол “Баҳор”-ро мекобам.

- Пас, биё ҳар ду Баҳорро фарёд мекунем, шояд овози моро шунида биёяд: - Баҳор, баҳор ту куҷоӣ?

Духтараке дар тан либоси баҳор аз дар рақскунон медарояд ва мегӯяд:

*Эй дӯстони ҷонӣ, Наврӯзатон муборак,*
*Дар фасли гулфишонӣ, Наврӯзатон муборак.*
*Соли нав, эй азизон, овард муждаи нав,*
*Пайғоми навҷавонӣ, Наврӯзатон муборак.*

**Баранда:**

*Эй навбаҳори зебо*
*Дилпазиру гуворо,*
*Баҳри халқи тоҷикам*
*Чӣ овардӣ ту савғо?*

**Баҳор:**

*Лолаю гул овардам*
*Сабзаи мӯл овардам*
*Наврӯзи нек овардам*
*Ба ту дуруд овардам*
*Рақсу суруд овардам*
*Ба васфи гул шодона*
*Хонед, ҳама тарона.*

Омадам, то бо пояндози махмалинам ва гулу себаргаҳои нозанинам зиндагии шумоёнро фараҳ бахшам. Дастурхони Бобои Деҳқонро бо тамоми неъматҳояш ороста, рӯзгори серу пурро

насиби ҳамаи инсонҳо намоям. Лаби ҷӯю таллу теппаҳо, доманакӯҳҳо ҷомаи сабзи маро ба бар кардаанд. Гулҳои Наврӯзии маро шумо, пиру ҷавонон, чун рамзи хушнудиву ободии хонадонатон ба ҳам тақдим кардаву барои ҳамдигар бахту саодат хондаед.

Ман баҳори деринтизори шумоёнам ва омадам, то ки ғуссаҳоро аз дилҳо зудоям, кинаву кудуратҳоро аз қалбҳо пок созам ва аз файзу эҳсони ман баҳра бардоред.

Ман ба шумо бахту иқбол ва саодати рӯзгор мехоҳам.

**Омӯзгор:**

Аз замонҳои қадим халқи тоҷик дар фасли зебои баҳор иди Наврӯзро ҷашн мегиранд. Наврӯз иди миллии тоҷикон аст. Он аз калимаҳои “нав” ва “рӯз” сохта шудааст. Маъноаш рӯзи нав ё соли нав аст. Наврӯз саршавии соли нав мебошад. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иди Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, онро дар аксари кишварҳо ҷашн мегиранд:

*Наврӯзи Аҷам хуҷистафолат гӯянд,*
*Дар фасли баҳор арӯси солат гӯянд.*
*Қалби ту мисоли қалби мо пок бувад,*
*Бешубҳа ҳама моли ҳалолат гӯянд.*




Биёед, азизони дил, гулдастаҳои ин маҳфил, канӣ бубинем, бузургон дар васфи Наврӯз чиҳо гуфтаанд:

**Абурайҳони Берунӣ:** “Наврӯз нахустин рӯз аст, аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав кардаанд”. Фарвардин моҳи якуми соли шамсӣ ба 21 март - 20 апрел рост меояд, моҳи аввали баҳор.

**Гардезӣ:** “Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро ки сари сол бошад ва шаб бо рӯз баробар шавад, сояҳо аз деворҳо бирезад ва офтоб аз равзанаҳо уфтад”.

**Умари Хайём:** “Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузаронад”.

Сипас, ба саҳна писар дар иҷрои нақши падар дар либоси деҳқонӣ ва гӯё ба замин дона пошида истодааст, ворид мешавад. Духтар дар тан либоси миллӣ падарашро нишон дода, суруд мехонад:

*Дадоҷонам деҳқон аст,*
*Ҷаву гандум мекорад.*
*Ман ҳам бароям саҳро,*
*Ҳамроҳи дадаҷонам.*
*Ҳар чӣ корад дар саҳро,*
*Баҳри мардум мекорад.*
*Дар васфи иди Наврӯз,*
*Байту тарона хонам.*

Падар ба духтар нигоҳ карда, мехонад:

*Духтарам-е духтарам,*
*Баҳои сад хум зарам.*
*Аз сад писар беҳтарам,*
*Хирвори зар духтарам.*
*Духтар дорам, гул барин,*
*Дастаи сунбул барин.*
*Лолаи хандон барин,*
*Як лаълӣ марҷон барин.*
*Духтарам-е духтарам. ...*

Баъди иҷрои суруд аз ҷониби падару духтар хонандагон ба саҳна баромада, дар бораи расму оинҳои наврӯзӣ маълумот медиҳанд.

**Хонанда:**

Наврӯзи оламафрӯз ҷашни бузурги анъанавии халқҳои ориёинажод аст. Онро дар кишварҳои мухталиф “оғози соли нав” ва “ҷашни гули сурх” ҳам меноманд. Аз рӯйи тақвими шамсӣ рӯзи нахусти Фарвардинмоҳро (ҳине Офтоб аз бурҷи Ҳут баромада, ба бурҷи Ҳамал ворид мегардад) “рӯзи нав” мегӯянд. Мардуми ориёӣ пеш аз истиқболи Наврӯз миёнаҳои моҳи Ҳут “аловпарак”, “чоршанбеи охирон”, “ҷашни Ҳут”, “чоршанбеи сурӣ” ва дигар маросимҳоро доир намуда, аз ҳар гуна нохушиву бебарориҳо худро поку беолоиш сохта, Наврӯзро бо шодиву сурур, бо дастархони пурнозу неъмат пешвоз мегирифтанд. Инчунин, дар бисёр навоҳии диёрамон маросимҳои “Гулгардонӣ”, “Ҷуфтбаророн” низ то имрӯз гузаронида шуда, мардум онро бо номи “Русуми наврӯзӣ” эътироф мекунанд. Ҳангоми ҷашни Наврӯз мардуми мо ба тарви хоссае дастархон мeороянд. Маъмултарин ва қадимтарини онон “Ҳафтсин” ва “Ҳафтшин” аст.

**1. Сабзонидани ғалладона**

Ҳанӯз дар аҳди Сосониён мардум бисту панҷ рӯз пеш аз Наврӯз гандум, ҷав, нахуд барин навъҳои ғалладонаро сабзонида, аз рӯйи сабзиши онҳо оғози корҳои деҳқонӣ ва авзои солро пешгӯйӣ мекарданд. Агар майсаи сабзида рост нашъунамо мекард, сол серӣ меомад, вале агар сабза ба ҳар тараф паҳн мешуд, ба мардум ҳушдор медод, ки сол қаҳтӣ мешавад.

Одамон пеш аз омадани Наврӯз кишту кор мекунанд, дарахт мешинонанд, ҷӯй ё дарёҳоро тоза намуда, хонаҳои хешро сафед менамоянд.

**2. Чоршанбеи охирин**

Дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Рашт, Кӯлоб мардум бегоҳии чоршанбеи охири сол дар майдонча ва чорроҳаҳо гулхан даргиронида, аз болои он се маротиба меҷаҳиданд ва ин суханонро такрор мекарданд: “Ранҷӯрию зардии ман аз ту, сурхию хуррамии ту аз ман”.

Ҳамчунин, барои хушбахтии оянда кӯзаҳои холӣ ва зарфҳои сафолиро ба оташ партофта мешикастанд. Ин маросимро дар ноҳияҳои Рашту Мастчоҳ “Чоршанбеи охирон” ва дар байни тоҷикони Хуҷанду вилояти Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Сафаркоҷдӣ” мегуфтанд.

**3. Бахткушоён**

Тоҷикони баъзе маҳалҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон маросиме доранд, бо номи “Бахткушоён”. Дар баландии сабзу гулпӯш, гулбасару зебо идгоҳ таъйин намуда, бонувон ва ҷавонони муҷаррад ба он ҷо даъват карда мешаванд. Духтарон либосҳои наву тоза ба бар карда, худро орову торо дода, ба идгоҳ мебароянд, бо ҷавонони бахтҷӯ вомехӯранд ва бахташонро меёбанд.

**4. Идӣ**

Дар арафаи Наврӯз дар баъзе маҳалҳои тоҷикнишин ҷавонони босавод, толибони илм бо номи “Идӣ” ё “Ҳафтсалом” шеъре навишта, ба шахси дилхоҳаш тақдим мекарданд, ки дар он ба ивази шеър ягон тухфа (хӯрок, пул) тақдим мегардид:

*Рӯзи Наврӯз асту ҳар кас идие дорад ҳавас,*
*Иди мову идии мо дидани рӯйи ту бас,*

**5. Борони ҳамал**

Ба истиқболи Наврӯз мардум хонаҳоро рӯбучину сафед мекарданд, бонувон худро оро медоданд, писарону мардон либосҳои нав мепӯшиданд. Одамон зарфҳоро аз оби борон пур карда менӯшиданд, бо оби борон оббозӣ мекарданд, духтаракон дар таги борон суруд мехонданд.

**6. Ҷуфтбаророн**

Ҷуфтбаророн маросими қадимӣ мебошад. Вақти шудгори заминро бобои деҳқон муайян мекард. Рӯзи “Ҷуфтбаророн” мардум таомҳои бомазза мепухтанд. Пири кор фотеҳа медод: “Кушоиши кор, баракату барор, бобои деҳқон мададгор, якатон шавад ҳазор!”

Барзгарон пеш аз оғози ҷуфт ба шохи барзаговҳо равғани зағир мемолиданд, онҳоро бо ҳазориспанд дуд медоданд ва ба барзаговҳо яктоӣ нон мехӯрониданд.

**7. Суманакпазӣ**

Хони Наврӯзӣ бе суманак аз тасаввурнопазир аст. Суманак қосиди баҳор, рамзи фаровонӣ, зеби табиату дастурхони наврӯзӣ аст. Дар Наврӯз тамоми гулгаштҳои шаҳри моро бӯйи суманак фаро мегирад. Суманакро дар шимоли Тоҷикистон “сумалак” ва дар Эрон “суману” мегӯянд. Маросими занона буда, пухтани суманак ба уҳдаи зани зебо, покиза, ростгӯю ростқавл, серфарзанд ва бобаракат гузошта мешавад. Он барои ороиши дастархони наврӯзӣ пухта мешавад. Суманакпазӣ аз бегоҳ оғоз ёфта, то субҳ давом мекунад. Тамоми шаб занону духтарон доира задаву суруд мехонанд ва нақароти зеринро замзама мекунанд:

*Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,*
*Дигарон дар хоб мо дафча занем...*

Дар Эрону Афғонистон низ маросими суманакпазӣ роиҷ аст. Суруди “Нанаҷон ман суману мехоҳам” дар байни кӯдакони эронӣ хеле машҳур аст:

*Нанаҷон, ман суману мехоҳам,*
*Бути шириндаҳану мехоҳам.*
*Суману беҳтар аз ҷони ман аст,*
*Суману ширaи дандони ман аст.*

**8. Оши борон**

Дар охири баҳор, вақте хушксолӣ меомад ва ғалладона хушк шудан мегирифт, занон дар лаби дарё ҷамъ шуда, хӯрок мепӯхтанд, ки ҳалила ном дошт. Занеро то гиря карданаш ба об тар мекарданд, то ин ки раҳми Худованд биёяду борон фиристад ва суруд мехонданд:

*Ашаглон, ашаглон,*
*Ашаглони ростина*
*Оста биҷумбон, остина,*
*Ғаллаи сабзум қоқ шудаст*

*Як бор бирезон борона.*

Ин маросимро дар ҷануби Тоҷикистон “Ашаглон” ва дар шимоли Тоҷикистон “Сустхотун” мегӯянд.

**9. Гулгардонӣ**

Гулгардонӣ маросими бачагона мебошад. Бачаҳо охири зимистон ба кӯҳҳо баромада, аз таги кӯрпаи барф гули сияҳгӯш (бойчечак)-ро чида меоваранд ва аз омадани баҳор мужда мерасонанд. Хона ба хона гашта суруд мехонанд:

*Баҳор омад, баҳор омад,*
*Гули сияҳгӯш қатор омад.*
*Ба деҳқон вақти кор омад,*
*Баҳори нав муборак бод*

***

*Баҳор омад ба нимрӯзӣ,*
*Бичин гулҳои наврӯзӣ*
*Бимон тоқии гулдӯзӣ,*
*Баҳори нав муборак бод!*

Мардум гули сияҳгӯшро аз дасти кӯдакон гирифта, ба дидаҳояшон молида, шукрона мекунанд, ки ба баҳори нав сиҳату саломат расиданд ва ба бачаҳо ҳар гуна инъомҳо - ғалладона ва пул медиҳанд:

*Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,*
*Миёни хоку ҳам санг аст.*
*Хӯроки кабки дилтанг аст,*
*Ҳамеша дар сараш ҷанг аст,*
*Баҳори нав муборак бод!*

Дар субҳи Наврӯз борони лутф меборад. Аз гулистонҳо то дилҳои инсонҳо ва ахтарони осмонҳо ҳама поку беолоиш аст. Ҳангоме ки тиру камон ба домани боғу саҳро ва кӯҳу даштҳо рангомезӣ мекунад, ҳаво муаттару соф мешавад.

Рангинкамон аломати соф шудани ҳаво аст. Ва имрӯз чун рангинкамон бар замин, бар сари инсон мебароянд, умедвор аз он мешавем, ки осмони сулҳу сафо дар рӯйи ҷаҳон покиза шавад, кабӯтаракон, ки рамзи сулҳу амонӣ ҳастанд, доимо дар ин осмон болафшонӣ намоянд.

**Арзёбӣ:** 1. Идҳои миллиро номбар кунед. 2. Иди Наврӯз дар кадом фасл ҷашн гирифта мешавад? 3. Хусусиятҳои иди Наврӯзро шарҳ диҳед. 4. Суманакро дар кадом ид мепазанд?

Хонандагон вобаста ба мавзуъ синквейн тартиб медиҳанд.

**Синквейн:** 1. Баҳор 2. Хуҷастапай, дилафрӯз 3. Фаро мерасад, муғҷа мекунанд, гулпӯш мешаванд. 4. Айёми кишту кори деҳқон аст. 5. Арӯси сол.

**Синквейн:** 1. Наврӯз 2. Оламафрӯз, некфол 3. Меояд, зебо месозад, дигаргун мекунад 4. Иди бедоршавии табиат 5. Ҷашн.

Мо бояд шукрона аз он кунем, ки бо саъю талоши бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу субот оромона умр ба сар бурда истодаем. Наврӯзро бо хушу хуррамӣ, бо рақсу сурудхонӣ ва бо бозиҳои миллӣ пешвоз гирифта, дар ин рӯз ҳама нохушиҳои замонаро фаромӯш намуда, гуноҳҳои якдигарро мебахшем, ба ҳама хушиҳои рӯзгор, саломатӣ ва барори кор талаб мекунем. Биёед, дар ин рӯзи фирӯз дӯстони худро табрик намоем, аз фикрҳои бад дур шавем, меҳнат намуда, Ватани азизи хеш – Тоҷикистонро боз бештар ободу зебо намоем:

*Ба умеди имрӯзу боз як соли дигар,*
*Мо ҳам инсонҳо сӯят саҷдагар.*
*Эй Худованди замину осмон,*
*То ба Наврӯзи дигар моро расон.*

ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ

*Гулрухсор БАРОТОВА,*
*омӯзгори ҳуқуқ ва таърихи мактаби*
*Президентӣ барои хонандагони*
*болаёқат дар шаҳри Ҳисор*



# ҚОНУНИ МУҲАББАТУ САДОҚАТ БА ВАТАН



Таълиму тарбия ба ҳам тавъам буда, мо, омӯзгорон бояд дарсҳоро самаранок гузаронем, то наврасону ҷавонон дар баробари донишу ҷаҳонбинии васеъ доштан, инчунин, ватандӯст бошанд. Дар ин самт вусъат бахшидани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ногузир мебошад ва машғулиятҳои тарбиявиро тақвият бахшида, кӯшиш намоем, ки хонандагон дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ ба камол расанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тарбияи шоистаи наврасону ҷавонон корҳои зиёде анҷом додааст, имрӯз барои омӯзиши донишҳои муосир ба наврасону ҷавонон шароити созгор фароҳам оварда шудааст, қонуну қарорҳои муҳим қабул гардид, ки татбиқи амалии онҳо манфиатбахш буда, ба тарбияи шоистаи онҳо мусоидат менамояд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» (аз 24 декабри соли 2022, № 1920) фаъолияти муассири омӯзгорон ва масъулияти аҳли ҷомеаро дар ин самт бештар менамояд. Қонуни мазкур, аз панҷ боб ва 21 модда таркиб ёфта, ҳадаф, принсип ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, муносибатҳои вобаста ба он ва танзими фаъолияти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мушаххас гардидааст.

Дар ин қонун мафҳумҳои асосӣ, ки дарку маърифати он барои аҳли ҷомеа зарур аст, шарҳу тавзеҳ бахшида шудааст, аз ҷумла, Ватан, ватандӯстӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, ҳисси шаҳрвандӣ ва ғайра.

Дар қонуни мазкур зикр шудааст: «тарбияи ватандӯстӣ - фаъолияти муратаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст». Дар ин тафсир зуд дарк намудан мумкин аст, ки ин қонун тамоми ҷомеаро вазифадор менамояд, ки дар тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон саҳми худро гузоранд.

Дар қонуни мазкур тарбияи ҳарбию ватандӯстиро - маҷмуи тадбирҳо, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи мубориҙони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст, маънидод гардидааст.

Дар боби дуюм мақсаду вазифаҳо, принсипҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, танзими ҳуқуқии муносибатҳо ва низоми тарбияи ватандӯстӣ муайян карда шудааст. Аз ҷумла, вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон чунин мушаххас карда шудааст:

- ташаккули худшиносии миллӣ, муносибати арзанда ба шахсият, ҷомеа, давлат, ғояву арзишҳо, инчунин, эҳё ва рушди онҳо;

- ҷалби насли наврас ба низоми арзишҳои иҷтимоию маданӣ, ки таъриху фарҳанги ғанӣ ва ба худ хоси Ватану миллатро инъикос менамояд, дар тафаккури онҳо ташаккул додани арзишҳои олии маънавию ахлоқӣ, маданӣ ва худогоҳӣ, талабот ба рушди минбаъдаи онҳо;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои аз ҷониби шаҳрвандон зоҳир намудани ҳисси ватандӯстӣ, адои шоистаи қарзи ҷамъиятию давлатӣ ва ҳарбӣ дар самтҳои гуногуни фаъолият ва муносибат бо назардошти манфиат ва талаботи онҳо;

- тарбияи эҳтиром ба қонун, меъёрҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ҳамчун сифатҳои муҳими шахс, ки дар ғамхорӣ ба некуаҳволии кишвари худ, таҳким ва ҳифзи он зоҳир мегарданд;

- тарбияи меҳнатдӯстӣ ҳамчун арзиши муҳими зиндагӣ, майли ба манфиати ҷомеа ва давлат меҳнат кардан;

- ташаккули талабот ба рушди маънавию ахлоқӣ, пешбурди тарзи ҳаёти солим, ғамхорӣ ба пиронсолону наздикон, дастгирии муҳити созгор дар коллективи меҳнатӣ.

Боби сеюм масъалаҳои таъмини иттилоотӣ-таҳлилии низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон; таъмини илмӣ ва таълимию методии тарбияи ватандӯстӣ; таъмини меъёрию ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон; таъмини ташкилию методии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон; таъмини идоракунии низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, омода намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои низоми тарбияи ватандӯстӣ ва таъмини молиявӣ-иқтисодии тарбияи ватандӯстӣ зикр гардидааст.

Дарвоқеъ, қонуни мазкур, дар роҳи худшиносу ватандӯст гардидани шаҳрвандон такони ҷиддӣ бахшида, ҳамкории қавии институтҳои иҷтимоии ҷомеаро тақозо мекунад. Дар ин шароит қабули ин қонун амри воқеӣ буда, шарҳу тавзеҳи он байни ҷомеа муҳиму судманд мебошад. Дар баробари ин, зарур аст, ки дар расонаҳо доир ба мазмуну муҳтавои қонуни мазкур маводу матолиб ба нашр расад, то он оммавӣ гардад ва ба дарку маърифати бештари ҷомеа мусоидат намояд.

**ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ**



***Комил РАҲИМӢ,***
***директори Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе,***
***унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи***
***Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

# НИЗОМИ САМАРАБАХШИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН



Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Ҳамчунин, яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии шаҳрвандони кишвар буда, ба таври мушаххас самти таҳсилоти иловагиро бо амалӣ намудани шакл, метод ва технологияи нави ҷараёни таълим ва усулҳои муосир бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, дастгирии ташаббусҳои наврасон ва ҷавонон, ташаккули механизмҳои амалӣ намудани инноватсия-навҷӯиву навовариҳо, озмунҳо, мусобиқаҳо ва олимпиадаҳои оммавӣ муайян намудааст, ки бояд зина ба зина амалӣ гарданд.

Тамоюли имрӯзаи мазмуни таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати босалоҳият ба таълим, гузариш аз низоми донишмеҳварии таҳсилот ба рушди маҳорати мустақилона, самаранок истифода намудани донишҳо дар амалия ва истифодаи муфиди онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаро дар назар дорад.

Ҳамаи ин дар натиҷаи бошуурона ва фаъолона азхуд намудани таҷрибаи ҳаётии хонандагон ба даст оварда мешавад. Дар баробари ин, дониш, қобилият ва малакаҳо ҳамчун натиҷагирӣ аз ҳосил намудани амалҳои мақсаднок ва мувофиқ ба ҳисоб меравcovered, яъне, онҳо дар алоқамандии зич бо амалиёти фаъоли худи хонандагон ташаккул меёбанд, татбиқ мегарданд ва нигоҳ дошта мешаванд. Аз ин рӯ, интихоб ва истифодаи технологияҳои гуногуни таълимӣ аҳамияти хосса дорад. Ба ин муносибат, талабот ба миён меояд, ки барои инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Муассисаи давлатии ”Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе” нахустин муассисаи таълимии фарогири насли наврас ба таҳсилоти иловагӣ буда, айни замон дар 35 маҳфил беш аз 1500 нафар таълимгиранда фаро гирифта шудаанд. Маҳфилҳо аз рӯйи самтҳои ҳунаромӯзӣ, эҷодӣ-бадеӣ, варзишӣ-сайёҳӣ, забономӯзӣ, техникӣ ва гуманитарӣ дар ду баст ба таври ройгон амал мекунанд. Низоми таҳсилот мувофиқи муқаррароти санадҳои меъёрии зикршуда вобаста ба талаботи имрӯза ба роҳ монда шуда, барои рушди босамари қобилиятҳои эҷодии таълимгирандагони наврас шароиту имкониятҳои назаррас муҳайё гардидааст. Марказ дорои шароити хуби таълимии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир, ба монанди синфхонаҳои компютерӣ, санъати тасвирӣ, дӯзандагӣ, дуредгарӣ, китобхона, толорҳои барҳавои фарҳангӣ, рақс ва асбобҳои зарбиву нафасӣ мебошад.

Аз се раёсати амалкунанда дар муассиса ба рушди қобилиятҳои эҷодии таълимгирандагон, асосан, раёсати корҳои фарҳангӣ-оммавӣ таъсиргузор мебошад, ки он чорабиниҳои иттилоотию методӣ, оммавӣ, фарҳангию маърифатӣ ва равшаннамоиро ташкилу баргузор менамояд. Фаъолияти маҳфилҳои эҷодиву ҳунарии муассисаро ба роҳбарӣ гирифта, таълимгирандагони соҳибистеъдоди муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳри Душанберо дар ташкил ва баргузории чорабиниҳо ҷалб менамояд. Инчунин, бо мақсади дарёфти таълимгирандагони соҳибҳунар ва сайқал додани ҳунару малакаи онҳо дар ташкилу баргузории озмунҳо, олимпиадаҳо, фестивалҳо ва вохӯриҳо бо шахсиятҳои шинохтаи эҷодкор саҳм мегузорад.

Шуъбаи иттилоот ва нашриёт ҳам дар фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ ва маънавии таълимгирандагон иқдом менамояд. Дар нашри рӯзномаи кӯдакону наврасон - «Салом оянда», сари вақт дастраси хонандагон гардонидани хабару навгониҳо ва ба ин васила, ғанӣ гардонидани сатҳи ҷаҳонбинӣ, риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар байни кӯдакону наврасон ва дар рафти машғулияти онҳо, омода намудани хабару мақолаҳо аз ҳаёти фарҳангию варзишии кӯдакону наврасони пойтахт ва дар руҳияи эҷодкориву тарзи ҳаёти солим тарбия намудани онҳо саҳм мегирад. Дар ҳар як шумораи рӯзномаи «Салом оянда» зери рубрикаи “Эҷоди навқаламон” маҳсули эҷоди таълимгирандагони навқалам нашр карда мешавад.

Раёсати таҳсилот ва кор бо таълимгирандагон ҷадвали машғулиятҳоро мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо дарназардошти дараҷаи таҳсилот, синну сол, хусусиятҳои руҳию ҷисмонӣ ва вазъи саломатии онҳо бо пешниҳоди кормандони омӯзгорӣ таҳия менамояд. Машғулиятҳо дар шакли гурӯҳӣ, инфиродӣ ва бо тамоми ҳайати иттиҳодия гузаронида мешаванд.

Дар муассиса иттиҳодияи маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ, аз қабили дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ, расмкашӣ, наққошӣ, дастони моҳир, дуторнавозӣ, дуредгарӣ, конструктcorreрони наврас ва дигар касбу ҳунарҳо ташкил карда шудааст, ки онҳоро омӯзгорон ва устодони касбу ҳунарҳои гуногун роҳбарӣ менамоянд.

Давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо (ба истисної маҳфилҳои яккахонию мусиқӣ) 2 ва 3 соати академӣ бо танаффуси 5-10 дақиқагӣ баъди ҳар 45 дақиқа ба роҳ монда шудааст.

Ташкили машғулиятҳо ва шумораи ҳайати иштироккунандагон дар маҳфилҳои муассиса ба таври зерин аст:

- аз 10 то 12 нафар дар маҳфилҳои амалию эҷодӣ дар соли аввали таҳсил;
- аз 8 то 10 нафар дар маҳфилҳои амалию эҷодӣ дар соли дуюм ва солҳои минбаъдаи таҳсил;
- на камтар аз 10 нафар дар тамоми солҳои омӯзишии маҳфилҳои асбобҳои зарбӣ ва миллӣ, хонишҳои бадеӣ ва маҳфилҳои санъати тасвирӣ;
- 3 нафар дар 1 соати академӣ дар маҳфилҳои яккахонӣ ва мусиқӣ, 3 нафар дар 1 соати академии маҳфилҳои асбобҳои халқӣ ва на камтар аз 8 нафар дар машғулиятҳои ҷудогонаю

гурӯҳӣ.

*Педагоги маъруф Л.С. Виготский дар китоби худ “Тахайюлот ва эҷодкорӣ дар айёми кӯдакӣ”* гуфтааст:

*“Маҳз фаъолияти эҷодии инсон аст, ки ӯро ҳастӣ мебахшад, ба оянда рӯ ба рӯ мекунад, ҳаёти ӯро дигаргун месозад... Тахайюлот ҳамчун асоси ҳама гуна фаъолияти эҷодӣ дар ҳалли тамоми самтҳои ҳаёти фарҳангӣ баробар зоҳир гардида, эҷодиёти бадеӣ ва илмию техникиро имконпазир мегардонад”.*

Мо метавонем ба кӯдак тавассути рушди тасаввурот на танҳо барои омӯхтани олами атроф такон бахшем, балки ӯро ҳамчун шахси қодир ба рушди ҷомеа дар оянда дар ҳалли вазифаҳое, ки аз ҷониби давлат ба миён гузошта мешаванд, тарбия намоем. Ташаккули маҳорати эҷодии хонандагон муҳимтарин вазифаи тарбия мебошад. Танҳо ин раванд ташаббускорӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо, одат намудан ба озодандешӣ ва эътимод ба худро бедор мекунад, зеро мақсади асосии таълим на танҳо азхуд намудани дониш, малака ва маҳорати муайян, балки инкишофи тарбияи одами эҷодкор дониста шудааст. Равоншиносон муқаррар кардаанд, ки хусусиятҳои равонии инсон, асосҳои зеҳнӣ ва тамоми муҳити маънавӣ дар даврони кӯдакӣ ба вуҷуд меоянд ва ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, дар назди омӯзгорон ва роҳбарони маҳфилҳо вазифаи ташаккул додани имконияти қобилияти эҷодии хонандагон меистад, ки мо инро дар мисоли якчанд маҳфилҳои дар муассиса доимоамалкунанда дида мебароем.

***Маҳфили “Санъати тасвирӣ”.*** Кори эҷодӣ дар машғулияти санъати тасвирӣ як навъ пайванди кӯдак бо калонсолон мебошад. Фаъолияти тахайюлоти эҷодӣ қариб ҳеҷ гоҳ бе кӯмак ва иштироки омӯзгор-роҳбари маҳфил ба вуҷуд намеояд ва нақши ӯ аз он иборат аст, ки дар якҷоягӣ бо кӯдакон чунин машғулиятҳоро ташкил намояд, то ки онҳо тавонанд идеяҳои корҳои эҷодии худро офаранд ва дар амал татбиқ намоянд. Барои дуруст роҳнамоӣ кардани фаъолияти эҷодии кӯдакону наврасон омӯзгор ё роҳбари маҳфил бояд хусусиятҳои фаъолияти эҷодии онҳоро донад. Ин донишҳо барои шавқманд намудани кӯдак, барқарор кардани робита бо ӯ, инкишоф додани қобилиятҳои бадеӣ ва эҳсосоти эстетикии вай, барои фаҳмидани он, ки хонанда воқеиятро чӣ гуна меомӯзад, дарки тахайюли эҷодӣ, тасаввурот, тасвирҳои фазоӣ, хотира ва ғайра истифода бурда мешаванд. Барои нигоҳ доштани майлу хоҳиши кӯдак дар фаъолияти тасвирӣ ҳама имкониятро фароҳам овардан лозим аст, зеро бедор кардан ва баъдан инкишоф додани завқи маърифати хонанда ғайриимкон мегардад.

- Эҷодкорӣ ҳамсафари доимии кӯдак аст, - мегӯяд роҳбари маҳфили “Санъати тасвирӣ”-и муассиса Аида Газарян - ва иброз медорад, ки расмкашӣ шояд ҷолибтарин намуди фаъолияти эҷодӣ бошад. Бо расмкашӣ кӯдак худро ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам руҳӣ инкишоф медиҳад, зеро фаъолияти малакаҳои хуби муҳаррикӣ бевосита ба фаъолияти майна таъсир мерасонад. Кӯдаконе, ки хуб расмкашӣ мекунанд, ба таври мантиқитар баҳс, бештар мушоҳида ва гӯш карда метавонанд.

Вазифаҳои асосии таълими санъати тасвирӣ аз инҳо иборатанд: азхуд намудани асосҳои ибтидоии дониши расмкашии воқеӣ, ташаккул додани расмкашӣ аз ҳаёт, аз хотира ва аз тасаввурот; шиносоӣ бо хусусусиятҳои кор дар соҳаи санъати ороишӣ-амалӣ ва халқӣ, моделсозӣ ва аппликатсия; дар кӯдакон ташаккул додани маҳорати расмкашӣ, завқи бадеӣ, тасаввуроти эҷодӣ, дарки муҳит, ҳисси эстетикӣ ва дарки зебоӣ, тарбияи шавқу ҳавас ва меҳру муҳаббат ба санъат.

Ҳамин тавр, тавассути таълими мақсаднок ва муташаккилона дар таълимгирандагон хаёлоти эҷодӣ инкишоф дода мешавад. Ба шогирдон нозукиҳои ин касби бошарафро чунон бояд омӯзонд,

ки онҳо рассомро дар худ кашф намоянд, зебоиро бинанд, дарк кунанд ва офаранд,- таъкид менамояд Газарян Аида Армиковна.

***Маҳфили “Дастони моҳир”.*** Дарки ҳассосии ҷаҳон яке аз роҳҳои мавҷудияти ҳамоҳангӣ бо табиат мебошад. Ҳар як шахс бо ҳисси худ ба муҳити атроф пайвастааст. Маҳз ба шарофати ҳамкории ҳассосии инсон бо муҳити атроф ақли ӯ меафзояд, такмил меёбад ва рушд мекунад.

Мақсад аз омӯзонидани намудҳои гуногуни ҳунарҳо дар маҳфили “Дастони моҳир” аз ҷониби роҳбарони маҳфилҳо ба таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ он аст, ки бояд ҳисси баланди омӯзиши санъати бадеӣ, ороишиву тасвирӣ ва зебоипарастиро дар замири насли наврас боло бардошта, дар нигаҳдошт ва тарғиби ҳунарҳои зебои миллиамон саҳми босазо гузорем.

Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо дар маҳфили “Дастони моҳир” дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ҳам ба хотири дар қалби насли наврас ҷо кардани меҳри ҳунарҳои аҷдодӣ мебошад, то ин ки онҳо давомдиҳандагони ҳунарҳои ниёгон гарданд.

Роҳбари маҳфили “Дастони моҳир” Фаришта Сайфуддинова доир ба мақсади дарс, равиши он ва мустаҳкамкунии машғулиятҳо чунин мегӯяд:

-Пеш аз ҳама, кӯдакон ва наврасонеро, ки дар маҳфил таълим мегиранд, бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ шинос мекунем. Риояи ҳатмии техникаи бехатариро аз таълимгирандагон талаб мекунем. Чунки онҳо бо асбобҳое, ки ба саломатиашон зарар расонданашон мумкин аст, кор мекунанд. Баъдан, вобаста ба синну солашон мувофиқ гардонида, супориш медиҳем.

Роҳбари маҳфил дар машғулиятҳои хеш ҳунарҳои гулдӯзӣ ва тасвири манзараҳои зебои диёрро пешкаши таълимгирандагон менамояд. Аз он ҷумла, тарзи дӯхтани гулдӯзиро ба духтарон нишон дода, сипас шогирдон намунаҳои онро интихоб намуда, бо риштаҳои ранга гулдӯзӣ мекунанд. Ҳамзамон, дар рафти машғулиятҳо барои мукаммал ва васеъ гардонидани тасаввуроти хонандагон оид ба манзараҳои биҳиштосои диёри азизамон суҳбатҳо менамояд. Писарон дар рӯйи коғази сафед бо қаламҳои ранга «Манзараҳои зебои диёр»-ро тасвир менамоянд.

Дарки дурусти воқеият, ҷамъоварии бомуваффақияти донишҳои нав, рушди босуръати намудҳои нави фаъолият, мутобиқшавӣ ба ҳама гуна муҳити нав, эътимод ба кӯдак ва сатҳи баланди фаъолият, рушди босуръати ҷисмонӣ ва руҳиро таъмин менамояд.

Таълими сенсорӣ, ки ба ташаккули дарки мукаммали воқеияти атроф нигаронида шудааст, барои дарки олам, ки марҳилаи аввали он таҷрибаи сенсорӣ мебошад, асос мегузорад. Муваффақияти тарбияи ақлӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи рушди ҳиссии кӯдакон вобаста аст. Яъне, аз он вобастааст, ки кӯдак ва мактаббача муҳити атрофро то чӣ андоза ба таври комил мешунавад, мебинад ва дарк мекунад.

Барои рушди ҳиссии кӯдакон ва синну соли мактабӣ бозиҳои дидактикии намудҳои гуногунро васеъ истифода бурдан мумкин аст. Бозиҳои сенсорӣ бозиҳое мебошанд, ки ба кӯдакон дар гирифтани ҳисси ҳассос кӯмак мерасонанд: визуалӣ ва шунавоӣ, дастӣ ва моторӣ, бӯйи хуш ва ҳусн.

Ҳунармандӣ эҷодиётро инкишоф медиҳад,-мегӯяд роҳбари маҳфили “Дастони моҳир” Ф. Сайфуддинова ва андешашро чунин тақвият мебахшад:

- Масалан, барои омода намудан ва сохтани тасвири парандагон (дар мисоли шапалак-шабпарак) аз донагиҳои зироатӣ ва донаи меваҳо ба мо чунин маводҳо лозим меоянд: зироатҳои донагӣ, аз қабили биринҷ, марҷумак, мош, лубиёи сафед ва сурх, мурчи сиёҳ, наск, нахуд, мушунг, гречка, ҷуворӣ, пучоқи писта, пучоқи чормағз, моши сурх, гандум, макарон, офтобпараст, инчунин, ширеши «ПВА», қайчӣ, рамка, картон, қалам ва ғайра.

Ҳангоми оғоз намудани машғулият ба таълимгирандагон дар бораи мавзуъ бо тарзи назариявӣ маълумот дода ва баъдан, дарсро оғоз менамоем. Машғулиятро пас аз тасвир намудани расме, ки мо тасаввур менамоем, оғоз мекунем. Мисол, чӣ тавр расми шапалакро тасвир намуда, ҳар ҷузъи онро бо қаламҳои ранга серрангтар мекунем, то ин ки расми шапалак пурра омода шуда, гирдҳои онро шуруъ кунем. Дар болои расми омодашудаи мо шireши «ПВА»-ро молида, дар болои ширеш гречкаро часпонида ва пас аз он, ки мо гирди шапалакро ба анҷом мерасонем, ба қисми дуюми кор мегузарем. Яъне, қисмҳои дигари тасвирро бо марҷумак оро медиҳем.

Қисмати сеюми шапалаки мо ин донаи мурчи сиёҳ мебошад. Онро низ бо чунин тарз омода менамоем. Ҳамин гуна ҳамаи расмро бо донагиҳои гуногун оро медиҳем. Ба оро додани замини тасвир, яъне “фон” шуруъ мекунем. Ба фони тасвир ширешро мемолем ва оҳиста - оҳиста биринҷро ба болояш пурра пошида, кунҷҳояшро пур кардан лозим меояд. Дар охир аз болои ҳамаи донагиҳои ширешшуда, яъне маводи омодакардаамон, ширешро як бори дигар мемолем, чунки маводи омоданамудаи мо бояд пурра мустаҳкам гардад. Онро дар муддати ду рӯз дар ягон ҷой хушконидан зарур аст.

Ба таълимгирандагон маводро ҳамин гуна пурра мефаҳмонем ва дар навбати худ онҳо метавонанд чунин амалро иҷро кунанд, зеро таълимгирандагони маҳфил хело чусту чолоканд ва зуд дарсро азхуд менамоянд.

***Маҳфилҳои “Навозандагӣ ва сарояндагӣ”.*** Ҳар як шахс дар замираш як истеъдоди табиӣ дорад. Вазифаи волидайн ва омӯзгорон аст, ки лаёқатмандии чунин ашхосро аз хурдсолӣ сари вақт кашфу дарёфт ва кумаку дастгирӣ намуда, бо роҳҳои дурусту манфиатбахш ҳунари онҳоро сайқал диҳанд.

Яке аз чунин истеъдодҳо ҳунари сарояндагӣ (дар жанрҳои мухталиф) мебошад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва маҳфилҳои алоҳидаи сарояндагӣ тавассути фанни суруд ва мусиқӣ ба хонандагон таълим дода мешавад. Мақсади асосии маҳфил дар замири таълимгирандагон тарбия намудани ҳисси баланди зебоипарастию эстетикӣ, фаҳмиши хуби мусиқӣ ва сарояндагӣ, баланд бардоштани меҳри санъату санъатдӯстӣ, такмили малакаю маҳорат дар иҷроиши санъати мусиқӣ ва сарояндагӣ, муҳаббат ба мусиқии анъанавӣ ва классикӣ ва дар ин замина, рушд додани маҳорату малакаи таълимгирандагон дар омӯзиши санъати мусиқӣ ва дарёфти кӯдакони хушзавқу боистеъдод мебошад. Вале барои дар сатҳи касбӣ омӯзонидани нозукиҳои ҳунари овозхонӣ шароиту имконияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ зиёдтар мебошад. Яъне, маҳз дар чунин таълимгоҳҳо малакаю маҳорат ва истеъдоду ҳунарҳои андӯхтаи кӯдакону наврасони ҳаваскор амалан инкишоф мeёбанд. Чунки дар марказҳои мазкур машғулиятҳо дар шакли амалӣ ба роҳ монда мешаванд.

Дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе маҳфилҳои “Овозхонии эстрадӣ” бо роҳбарии маҳфил Малик Асалбеков, маҳфили “Хорсароён” бо роҳбарии Шарифбек Баротов, маҳфили “Асбобҳои нафасӣ” бо роҳбарии Сабзалӣ Зикруллоев, маҳфили “Асбобоҳои зарбӣ” бо роҳбарии Наим Руябов, маҳфили “Гитарнавозӣ” бо роҳбарии Аҳмад Асалбеков ва маҳфили “Гитараи классикӣ” бо роҳбарии Ҷовид Хоҷаев фаъолият менамоянд, ки дар машғулиятҳои маҳфилҳои мазкур ҷараёни таълим аз сода ба мураккаб ҷараён гирифта, тамоми паҳлуҳои ҳунари овозхонӣ, ба монанди машқи овоз, тарзи дуруст ба роҳ мондани нафаси мусиқӣ, талаффуз (диксия), омӯзонидани матни суруд ва оҳанг, ба таври назариявӣ фаҳмонидану амалан нишон додани созҳои мусиқии зарбӣ (таблак, доира, нағора), торӣ (рубоб, дутор, тор), торӣ-камонӣ (скрипка, ғиҷҷак, контробасс, виолончел) ва нафасӣ (най, флейта, кларнет, гобой)...,

мустаҳкам кардани қобилияти мусиқифаҳмӣ, дарки шунавоии мусиқӣ ва овоз ба таълимгиранда зина ба зина омӯзонида мешавад. Бо ба роҳ мондани чунин тарзи таълим, донишу малака ва ҷаҳонбинии кӯдакону наврасони ҳаваскори роҳи санъат зиёд шуда, маҳорати овозхониашон ташаккул ёфта, ҳисси шунавоии мусиқӣ дар зеҳни онҳо дуруст ҷой гирифта, ҳисси ватандӯстӣ, далерию ҷасурӣ, меҳнатдӯстӣ, зебоипарастӣ ва лаззати маънавӣ гирифтанашон аз мусиқӣ афзунтар мегардад. Ҳамзамон, дар сурати риояи дурусти қоидаҳои санъати сарояндагӣ ва умуман, самтҳои мухталифи санъат онҳо оянда мутахассиси хубу баркамоли соҳаи мазкур гардида, дар пойдорӣ ва мустаҳкам намудани санъати мусиқӣ саҳми босазо мегузоранд.

Дар маҳфилҳои навозандагӣ ва овозхонӣ нақши асосиро репертуари худи маҳфил мебозад. Интихоби репертуар ба инкишофи ҳаматарафаи малакаи мусиқавӣ - сарояндагии ҳар як таълимгирандаи маҳфил таъсири амиқ гузошта метавонад. Аз ин рӯ, роҳбари маҳфилро мебояд зимни омода намудани репертуар, ба нозукиҳои он аҳамияти ҳаматарафа диҳад. Ғанӣ гардонидани репертуари таълимгирандагони маҳфил дар баланд бардоштани ҳисси зебоипарастӣ-эстетикӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи ахлоқию касбии онҳо кӯмак мерасонад.

Дар вақти гузаронидани машғулиятҳо диққати асосиро бояд ба нуқтаҳои зерин равона кард:

I. Сурудҳои ватандӯстона ва халқӣ.
II. Равонӣ ва кашиши овоз.
III. Гузаронидани машқҳои овоз.
IV. Дуруст гузоштани нафаси мусиқӣ.
V. Мувозинат ва лаппишҳои овоз.
VI. Назарияи мусиқӣ ва сароидани солфеҷио.

Машқи овоз мувофиқи синну соли кӯдак ва суруде, ки бояд омӯзонида шавад, гузаронида мешавад. Машқи овоз дар шакли пӯшида ва кушода (мелодикӣ) дар суръати суст ва тез дар муддати на камтар аз 10-15 дақиқа бо риояи диапазони таълимгирандагон ҷараён мегирад. Омӯзгор-роҳбари маҳфил метавонад дар оғози ҳар дарс машқи овозро бо намудҳои гуногун такрор намуда, садопардаи кӯдакро гарм карда, баъд ба иҷрои суруд шуруъ намояд.

Пеш аз он ки сурудро ба кӯдак омӯзонем, -зикр мекунад роҳбари маҳфили мазкур Ш. Баротов, - бояд аввал дар бораи муаллифи матн ва оҳанги асар маълумот дода, матнро қироат намоем. Вақте таълимгиранда дар бораи мазмун ва мундариҷаи асар маълумот пайдо мекунад, барояш сароидани он бо оҳанг осон мегардад. Омӯзгор-роҳбари маҳфил метавонад як оҳангро, барои он ки кӯдак нағз азхуд намояд, дар 2 ё 3 дарс гузарад, то ин ки оҳанги омӯзонидаи ӯ аз ҷониби таълимгиранда ба пуррагӣ дарк карда шавад.

Дар ҳар дарс роҳбари маҳфил пас аз омӯзонидани оҳанг, бояд аз рӯйи нақшае, ки дар он мавзуъҳои назариявии мусиқиро ҷой додааст, оид ба нотагоҳ (адвор), хатҳои нотагоҳ, калидҳои мусиқӣ (мифтоҳ), ноттаҳо, фосилаҳо (интервал), аломатҳои динамикӣ (f, mf, FF, p, mp, pp,...), аломатҳои тағирдеҳ (диезд, бемол, бекар...) ва ғайра маълумот диҳад.

Дар ҳар дарс шинос намудани таълимгирандагон бо як ё ду асбоби мусиқӣ ва додани маълумот дар бораи онҳо ва шинос намудани таълимгирандагони маҳфил бо гурӯҳи асбобҳои мусиқӣ: асбобҳои зарбӣ, торӣ, нафасӣ, торӣ-камонӣ, чӯбии нафасӣ, клавишдор ва ғайра зарур мебошад. Дар натиҷаи барномаҳои маҳфили «Сарояндагӣ» дониш ва ҷаҳонбинии кӯдак оид ба мусиқӣ зиёд мегардад. Малака ва маҳорати сурудхонии ӯ ташаккул меёбад. Тоза, зебо ва таъсирбахш сароидани сурудро ёд мегирад. Ҳисси зебоипарастӣ ва лаззат бурдан аз мусиқӣ дар кӯдак рушд мекунад.

***Маҳфили “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”.*** Барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакону наврасон усулҳои наву ҷолиб ва ғайристандартиро истифода бурдан зарур аст, ки ин ба

ташаккули таваҷҷуҳи маърифатии онҳо дар омӯзиши боз ҳам бештар азхудкунии дониш мусоидат мекунад. Ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон нисбат ба фан, ҷустуҷӯи шаклҳо, услубҳо ва усулҳои корро тақозо менамояд, ки ба дараҷаи ҳавасмандии онҳо бештар таъсирбахштар ва самараноктар таъсир расонанд ва фаъолияти бошууронаи мактаббачагонро барои азхудкунии дониш таъмин намоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар баён доштанд: “Ҳадафи мо аз баргузории озмунҳои “Илм-фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон-Ватани азизи ман”, “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва олимпиадаву озмунҳои гуногун тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад”.

Маҳфили “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” низ маҳз дар партави суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуд. Роҳбарии маҳфилро Гулнора Салимзода ба зимма дошта, таълимгирандагонро ба озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” омода менамояд. Дар доираи он вохӯриҳо бо адибон ташкилу баргузор мегардад. Масалан, соли хониши 2022-2023 бо мақсади баланд бардоштани донишу малакаи кӯдакону наврасон ба китобхонӣ дар муассиса вохӯрӣ бо адиби шинохтаи тоҷик Азизӣ Азиз, ки эҷодиёташ бештар ба ҳаёту зиндагии кӯдакону наврасон вобаста аст, баргузор карда шуд.

Ба ифтихори 110-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода бо иштироки шоирону адабиётшиносони шинохтаи ҷумҳурӣ Гулрухсор Сафиева, Муҳаммад Ғоиб, Муҳтарам Ҳотам ва бо ҷалби таълимгирандагони муассиса барномаи ҳамоиши адабӣ-фарҳангӣ таҳти унвони «Нақши Мирзо Турсунзода дар рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ» баргузор гардид.

Меҳмонони олиқадр дар баромадҳояшон дар бораи шахсияти шоир андешаҳо баён карда, аз замони зиндагии марди наҷиб-шоири тавоно ва ходими ҷамъиятию-сиёсӣ хотираҳояшонро ёдоварӣ намуда, нақши устод Мирзо Турсунзодаро дар рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ хеле назаррас арзёбӣ намуданд.

Дар фарҷоми ҳамоиши адабӣ-фарҳангӣ ғолибони озмунҳои расми беҳтарин дар мавзуи «Тасвири қаҳрамонҳои асосӣ аз осори Мирзо Турсунзода» ва иншои беҳтарин дар мавзуи «Мирзо Турсунзода-вассофи сулҳу дӯстӣ» ва дигар иштирокчиёни фаъоли ҳамоиш бо Диплому ифтихорнома ва дигар тӯҳфаҳои таъсиснамудаи Кумитаи тадорукот сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон, байни таълимгирандагон маҳфили “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва маҳфили “Турсунзодахонӣ” доир гардид.

Инчунин, бо мақсади шиносоӣ аз рӯзгор ва фаъолияти адабию ҷамиятии шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон-Мирзо Турсунзода таълимгирандагони маҳфилҳои муассиса аз осорхонаи шоир дидан намуданд.

Бахшида ба 80-солагии шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ бо ҷалби таълимгирандагони маҳфилҳои “Китобдӯстдорони наврас” ва “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”-и муассиса дар ҳавои тозаи баҳории “Боғи кӯдакон” маҳфили “Лоиқхонӣ” таҳти унвони “Лоиқи дилҳо” ташкилу баргузор карда шуд.

Ҳамин тавр, ҳадафи омода намудан ва иштироки таълимгирандагони маҳфилҳои Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, ин пеш аз ҳама, дар рушди ташаккули қобилиятҳои зеҳнию эҷодии онҳо таъсири арзанда расонидан мебошад.

**АРЗЁБӢ**

***Дилором САЙДАҲМАДЗОДА,***
***номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти***
***кафедраи методикаи таълими фанҳои***
***гуманитарӣ ва табиии риёзии филиали***
***МДДҶТИБКМС дар шаҳри Душанбе***

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР



Яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеаи башарӣ инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст. Аз ин рӯ, сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон маҳз ба татбиқи ислоҳоти куллии соҳаи маориф равона гардидааст. Ҳадафи муҳимми низоми маориф тарбияи мутахассисони соҳибкасбу созанда ва донишманд мебошад.

Бояд зикр намуд, ки рушду тараққиёти мамлакат ба наврасону ҷавонони болаёқату нававвар алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар замири наврасону ҷавонон бедор намудани эҳсоси худогоҳии миллӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихӣ, фарҳангиву ахлоқӣ ва ноил шудан ба дастовардҳои илму техника вазифаи аҳли маориф аст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 декабри соли 2018) таъкид намуданд, ки “оянда мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад. Дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар».

Вобаста ба ин, ба Вазорати маориф ва илм супориш дода шуд, ки фаъолияти курсҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро боз ҳам тақвият бахшида, аҳли маорифи кишвар ҳар се сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида шаванд.

Дар робита ба ин, таълими ба замон мувофиқи педагогика метавонад дар татбиқи ҳадафҳои мазкур мусоидат намояд. Объекти педагогикаро зуҳуроти воқеияти иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки ин омил ба рушду инкишофи инсон равона гардидааст. Ба ибораи дигар, донишу маърифатест, ки фалсафа, психология ва ҷомеашиносиро ба ҳам овардааст. Ҳамзамон, педагогика фарогири маълумоту маърифатест, ки дар институтҳои махсуси иҷтимоӣ, аз ҷумла, оила, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ – тарбиявӣ ба роҳ монда мешавад.

Илми педагогика таърихи тӯлонӣ дошта, ҳанӯз аз асрҳои V-IV пеш аз милод то имрӯз омӯзонида мешавад.

Суқрот бузургтарин файласуфи замони хеш, бунёдгузори педагогикаи Юнони Қадим ба ҳисоб рафта, шогирдони зиёде дошт. Вай ҳангоми дарс ба шогирдон роҳҳои баргузории баҳс, муҳокима ва таффакури мантиқиро меомӯзонид. Ба андешаи ӯ, бояд ҳама чиз мавриди таҳлилу баррасии танқидӣ қарор гирад. Маҳз дар аснои андешаҳову қазоватҳо инсон ба ҳақиқати ашё даст меёбад. Ин роҳи ҷустуҷӯйи ҳақиқату омӯзиш бо номи «Усули суҳбати Суқрот» ёд мешавад.

Файласуфи шинохта Афлотун дар рушди педагогика низ саҳми назаррас гузоштааст. Афлотун дар Афина мактаби худро созмон дод, ки бо номи Академияи Афлотун машҳур буд ва дар инкишофи идеализми антиқа, риёзиёт ситорашиносӣ хидмати босазо кардааст.

Арасту идомабахши педагогии Афлотун ба ҳисоб рафта (асри III то мелод), рисолаҳои зиёде дар риштаи фалсафа, физика, биология, сиёсатшиносӣ, таърих, санъат таълиф намудааст. Мактаби ӯро бештар фарҳанги инсонӣ фаро мегирифт. Талаботе, ки Арасту дар пеши илми педагогика гузошт, инҳо буданд: зарурати баэътиборгирии давраҳои синнусолӣ; баррасии тарбия ҳамчун воситаи таҳкими давлат; ҳатмӣ ва давлатӣ будани омӯзиш ва тарбияи яксон гирифтани шаҳрвандон. Инчунин, тарбияи эҳсоси муҳаббату дӯстдорӣ ба табиатро вазифаи муҳимтарини омӯзиш меҳисобид ва ба тарбияи ахлоқӣ низ диққати ҷиддӣ медод.

Дар давраи гузариш аз асри миёна ба давраи нав дар рушду такомули илми педагогика саҳми олими шинохтаи чех, файласуф ва таърихшинос Ян Амос Каменский (1592-1670) бузург аст. Ӯ низоми комили педагогиро ташкил намуд, ки асоси онро усули мунтазами омӯзиш фаро мегирифт. Низоми омӯзиши томактабӣ ва мактабиро таҳия ва зарурати мактабҳои олиро барои ҷавонон, миёнасолу калонсол таъкид намуд. Я. А. Каменский чунин ақида дошт, ки фарогирии илму дониш замоне натиҷаи пурсамар медиҳад, ки агар ҳар як фард касбу ҳунар, кори худро дӯст дорад ва дар роҳи такмили он саъю кӯшиш ба харҷ диҳад.

Педагоги машҳури рус К. Д. Ушинский (1823-1871) аввалин бор андешаи «Донистани тамоми ҷанбаҳои инсон»-ро асоснок намуд. Пешниҳоди вай асосан эътибор додан ба истеъдодҳои ҷисмонӣ ва равонии инсон буд. Ӯ аз иртиботу пайванди педагогика бо дигар илмҳо ёдовар шуда, пешниҳод кардааст, ки муаллим на танҳо омӯзгор, балки ба сифати психолог низ бояд баромад кунад ва нақши тарбияро дар ташаккули шахсияти фаъолу эҷодкор муҳим арзёбӣ намудааст.

Зарурати дарки ягонагии таълиму тарбияро хотирнишон месохт ва дар ин ришта баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолиро зарур меҳисобид.

Боиси зикр аст, ки илми педагогика, махсусан, дар асри XX густариш ёфт. Дар бахши таълиму тарбия назарияҳо ва мактабҳои нави педагогӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар ташаккул ва пешрафти илми педагогика саҳми педагогҳои машҳури асри XX В. А. Сухомлинский (1918 – 1970) ва А. С. Макаренко (1888 – 1939) бориз аст. Масалан, В. А. Сухомлинский моҳияти фаъолияти педагогиро дар тарбия медид, дар амале, ки натиҷаи ниҳоияш шодиву нишотро барои кӯдак фароҳам оварад. А. С. Макаренко бошад, назария ва усулҳои тарбияро таҳия намуда, дар амал раванди таълимро бо меҳнати истеҳсолии хонандагон тавъам меҳисобид.

Дар инкишофи мактаб ва илми педагогикаи тоҷик нақши олимони маъруф И. О. Обидов, (1923-2015), У. З. Зубайдов, (1939-2017), Қ. Б. Қодиров, (1951-1918), Ф Шарифзода, И. Х. Каримова, Б. Сафаралиев, С. С. Мирзоев ва дигарон низ калон аст, ки онҳо муаллифони дастурҳои зиёд доир ба педагогика ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми омӯзиши педагогика, пеш аз ҳама, мафҳумҳои асосии онро донистан шарти асосӣ маҳсуб меёбад, ки ба таълиму тарбия ва инкишофу ташаккули шахсият равона гардидааст. Мафҳумҳои асосии педагогика бо ҳам алоқаманд буда, ҳамдигарро такмил мебахшанд. Бинобар ин, ҳангоми тавсифи мафҳумҳо, вазифаҳои асосӣ ва ҳар як категорияи педагогика фарқ кардан зарур аст.

Мақсади педагогика ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият нигаронида шудааст ва хонандагон бо дарназардошти имкониятҳои хеш дар ҳалли мушкилот мадад мерасонад.

Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат (23.12.2022) бамаврид таъкид карданд : “Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад”.

Бояд қайд намуд, ки илми педагогика дар марҳалаҳои инкишофи муайяни таърихӣ сатҳи воқеии комёбиҳои ҷомеаро инъикос менамояд. Ҳамзамон, педагогика илми амалӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли самарабахши масъалаҳои бамиёномадаи ҷомеа нисбат ба таълиму тарбия мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, мо, омӯзгоронро зарур аст, ки суханони ҳикматбори Сарвари давлатро сармашқи фаъолияти хеш қарор дода, ҳамеша дар хотир дошта бошем: “Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад.”

ЗАБОНШИНОСӢ



***Бибимарям ГАДОЕВА,***
***омӯзгори забони англисии мактаби №22,***
***ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ***

# СИҒАИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ



Сиға категорияи грамматикие мебошад, ки муносибати гӯяндаро ба ҳақиқати амалии аз тарафи феъл ифодашуда нишон медиҳад. Тибқи ақидаи И. П. Иванова, «сиға ин категорияи грамматикиест, ки модалияти гуфторро ифода менамояд. Яъне, сиға муносибати гӯяндаро нисбат ба гуфтор аз нуқтаи назари реалии он ифода менамояд». “[9, 34]. Дар бештари адабиёти забони ҳозираи англисӣ 3 шакли сиға (хабарӣ, амрӣ ва шартӣ) ишора мешаванд. Аммо муаллифоне ҳастанд, ки шумораи сиғаҳоро 4 намуд гуфта, ба ҷуз аз се шакли умумӣ боз сиғаи инфинитивӣ ва дигар намуди сиғаҳоро ба ин гурӯҳ дохил менамоянд. Умуман, миёни забоншиносон оид ба шумора ва намудҳои сиғаҳои забони англисӣ фикру ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, Г. Суит як намуди сиғаеро ҷудо намуда, онро “Сиғаи ғайри ҳақиқӣ-Thought-Mood” ном мебарад. Ба гуфтаи Суит, ин намуди сиға воқеӣ будани гуфторро ифода намуда, дар ду шакл мавҷуд мебошад: 1. Conditional Mood (бо воситаи should ва would сохта мешаванд). 2. Permissive Mood (бо воситаи may ва might сохта мешаванд). Масъалаи сиға дар забони англисӣ ҳангоми истифода бо феъли модалӣ омехта намуда, мушкилии зиёдеро пеш меорад. Ҳатто шумораи сиғаҳо низ баҳснок аст, зеро олимони ин соҳа дар забони англисӣ аз 2 то 16 шакли ин категорияро муайян намудаанд. Муаллифони китоби “Грамматикаи забони англисӣ” (English Grammar) - М. А. Ганшина ва Н. М. Василевская, ба сиғаи хабарӣ (Indicative mood), сиғаи амрӣ (Imperative mood) сиғаҳоро сиғаҳои бевосита (Subjunctive mood I and Subjunctive mood II) ва сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ I, II ва The conditional and the suppositional ҷудо кардаанд [1, 45]. Дар забони муосири англисӣ В.Л. Каушанская дар китоби худ “A grammer of the English Languge” ва Качалова К.Н., Е.Е. Израилевич дар китоби “Практическая грамматика английского языка” сиғаро ба се қисм ҷудо кардаанд: 1. Сиғаи хабарӣ (Indicative Mood) 2. Сиғаи амрӣ (Imperative Mood) 3. Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ (Subjunctive Mood) [5, 86]. Дар китобҳои дар боло зикршуда, дар мавзуи сиға маълумот ба таври фишурда оварда шудааст.

Олимони зиёд истилоҳи “сиға”-ро гуногун маънидод менамоянд ва дар омӯзиши масъалаи сиға аз нуқтаи назари гуногун ақидаҳои худро баён менамоянд. Аз фикру ақидаҳои гуногун ҳангоми таснифоти шаклҳои категорияи сиға ба хусусиятҳои шаклии он нигоҳ накарда, ба маънояш ё танҳо ба мазмуни он бо дарназардошти он ки бо кадом воситаҳо ин маънохо ифода

меёбанд, аҳамияти хосса зоҳир менамоянд. Дар қатори категорияи шаклии сиға як қатор шаклҳои омонимӣ мавҷуданд, ки дар таҳқиқоти категорияҳо мушкилиҳои муайянеро ба миён меоранд. Ҳангоми омӯзиши категорияҳои сиға шаклҳои аналитикӣ ва ифодаҳои фразеологии он, ки ба воситаи феълҳои модалӣ маънои лексикиро ифода менамоянд, дар бештари мавридҳо маҳдуд карданашон мушкил аст. Ҳамин ҷиҳат мушкилии махсусеро дар раванди таҳқиқи масъалаи категорияи сиға ба миён меорад. Пеш аз ҳама, бояд хотиррасон намуд, ки зери мафҳуми сиға категорияи грамматикие фаҳмида мешавад, ки аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад. Дар сиға гӯянда вуқӯъ, ҷараён ва анҷоми амалро баён карда, муносибати нисбат ба воқеият доштаи худро муайян менамояд, яъне, муносибати амал ба воқеият сиға номида мешавад. Ба маънои дигар, сиға ин модалиятест, ки бо калимаҳои махсус ифода мегардад. Масалан, дар муқоисаи ҷумлаҳои зерин метавон бе мушкилӣ дарк намуд, ки сухан дар бораи як мундариҷаву мазмун рафта истодааст: his doing his best-кӯшиши ӯ; him to do his best-кӯшиш кардани ӯ; him doing his best кӯшиш карда истода; he does his best-ӯ мекӯшад; he would do his best-эҳтимол ӯ мекӯшид; I remember him doing his best; (I suggest) that he does his best. Бояд гуфт, ки шаклҳои феълии - doing, масдари to do ва герундии (шакли феълии) doing нисбат ба модалият бефарқ буда, дар категорияи сиға қарор нагирифтаанд. Муқобили ин калимаҳои феълии he do, he would do ва that he do ба шаклҳои сиғаи феълӣ дохил мешаванд. What ever you might do to me, I like you. Чи коре, ки ту накунӣ, ту ба ман маъқулӣ. I If it were possible, I would (should) do it. Агар мумкин мебуд, ман инро мекардам. I wouldn’t (shouldn’t) do that if I were you. Агар ман ба ҷойи ту мебудам, инро намекардам.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки барои ҷудо намудани шакли категориявии сиға нақши шаклҳои феъл назаррас буда, барои он шакли омонимӣ нисбат ба дигар феълҳо бисёр муҳим мебошад. Масалан, муқоиса мекунем: I make a scene - Ман намоиш таҳия месозам. He suggests that I make a scene - Ӯ пешниҳод намуд, ки ман саҳнае омода намоям. I am cool as a cucumber-Ман хеле оромам. He suggests that I be cool as a cucumber-Ӯ ба ман маслиҳат дод, ки ором шавам. If he was there...- Агар ӯ инҷо мебуд... If he were there - Агар, ки ӯ инҷо мебуд If I will be here, I do it. - Агар ман ин ҷо мебудам, инро иҷро мекардам. If he were here, he would do it-Агар ӯ ин ҷо мебуд, инро иҷро мекард.

Ҳамаи феълҳои шахсии забони тоҷикӣ аз рӯйи замону сиға тағйир меёбанд ва ҳар як сиға шаклҳои муайяни феъл дорад. Фақат масдару феъли ҳол маънои замон надоранд. Категорияи сиғаи забони тоҷикӣ дар системаи феъл мавқеи муҳим дорад ва он модалияти (аз калимаи юнонӣ modys–тарзу намуд) амалу ҳаракатро ифода мекунад. Барои ифодаи маънои модалияти амал (зарурат, хоҳиш, шарт ва гумон) феълҳо шаклҳои гуногун мегиранд. Ҳар як шакли феъл маъноҳои махсуси грамматикӣ дорад. Гӯянда амалеро ном мебарад, ки он дар замони ҳозира, оянда ва гузашта воқеъ мешавад ё иҷрои он инкор карда мешавад, ё иҷрои он имконнопазир ва ё ба шарту хоҳише вобаста аст ё ин ки иҷрои он ба гумон аст ва ҳамсуҳбати худро барои иҷро шудани амалу ҳаракат водор мекунад. Масалан: Рудакӣ суруд хонд. Шоир наомад. Раҳим, биё бозор равем. Ӯ шунидагист. Ғозӣ ба хона биё. Шумо нависед.

Сиға калимаи арабӣ буда, дар илми забоншиносӣ (морфология) ба маънои шаклу намуд ва сохти калимаҳо истифода шуда, ҳамзамон, маъниҳои зеринро ифода мекунад:

1. Сиға кору ҳолат, амалу ҳаракатеро далолат мекунад, ки онро воқеан, шахс, предмет, ҳайвону паррандае иҷро кардааст ё иҷро мекунад. Барои мисол: Осиёбон ғаллаи маро ба дӯл рехт (С.У.). Гов мечарад. Кабк парвоз кард. Раъд мeғуррад. Алаф рӯид. Чӯб шикаст.

2. Сиғаи феъл амалу ҳаракатеро далолат мекунад, ки онро шахс ё предмете хоҳишу майли ба ҷо овардан дорад. Масалан: Биёед аввал таомро хӯрем. Амир аскар ҷамъ кунад, ҷамъ кардан гирад (С.А.). Суханҳо ва воқеаҳоро, ки ман шунавам ва бинам, ҳеҷ гоҳ аз ёдам намебарояд. (М.Т.) Биёед гап-гап карда равем (Р.Д). Агар рафта бошад, хабарро мерасонад.

3. Сиға амалу ҳаракатеро далолат мекунад, ки иҷрои он ба гумон аст: Вай шояд омада истода бошад. Ӯ фардо ба Хуҷанд мерафтагист. Салим ӯро дар шаҳр дидагист.

4. Сиғаи феъл амалу ҳаракат ва ҳолатеро далолат мекунад, ки барои иҷрои он шахси ҳамсуҳбат водор карда мешавад: Рав, фармо, ки чойи қаймоқиро зуд тайёр кунанд, бародаронатро хабар деҳ, дастархон биёр (С.А.).

Ҳамаи маъноҳои боло (тасдиқу инкори иҷрои амал, ба шарте вобаста будани иҷрои он, имконпазиру имконнопазирии воқеъ шудани он, ба гумон будани иҷро ё воқеъ шудани амалу ҳаракат) бо шаклҳои тасрифии феъл ифода мешавад, ки дар маҷмуъ, ба системаи сиғаи феъл таалluқ дорад. Категорияи сиғаи феъл хоси ҳамаи шаклҳои тасрифии феъл аст ва он мисли категорияи замон қисми зарурии ташаккули грамматикии ҷумла аст, зеро феъл дар ҷумла бо яке аз шахсу шумораҳояш, бо яке аз замону сиғаҳояш меояд. Ҷиҳатҳои гуногуни воқеъ шудани амал (тасдиқу инкори иҷрои амалу ҳаракат, имконият, гумон, зарурати воқеъ шудани амалу ҳаракат) дар системаи феъл нобаробар инкишоф ёфтаанд.

Бо вуҷуди ин, феълҳои забони тоҷикиро ба чор сиға ҷудо мекунанд: сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сиғаи эҳтимолӣ (гумонӣ), сиғаи амрӣ. Дар байни сиғаҳои забони тоҷикӣ сиғаи хабарӣ сиғаи аз ҳама инкишофёфта ба ҳисоб рафта, замону шаклҳои зиёди феълӣ дорад. Баъзе шаклҳои замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ ва сиғаи шартӣ хоҳишмандиро ҳамчун намуна меорем: сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, шахси танҳо

1 .Ме+рав + ам рав+ам 2. Ме + рав +ӣ рав+ӣ 3. Ме + рав +ад рав +ад Шахси ҷамъ ҷамъ 1. Ме+ рав + ем рав+ем 2. Ме+рав + ед рав+ед 3. Ме+рав+анд. рав +анд. Дар мисолҳои боло феълҳои сода дар сиғаи хабарӣ аз се морфема (ме-равам), аз пешванди ме- асоси замони ҳозира рав ва бандакҳои феълӣ, вале сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ аз ду морфема (рав-ам) аз асоси замони ҳозира ва бандакҳои феълӣ иборат аст. Тафовути маъно ва истеъмоли шаклҳои замони сиғаи хабарӣ ҳангоми муқоисаи ҳамон як замони он бо сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ва эҳтимолӣ равшантар аён мегардад. Онҳо бо шакли грамматикӣ ва маънои грамматикии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Барои мисол: Шумо дида истодаед, ки доим сад-дусад кас аз дастархон... нон мехӯранд (С.А.). Дида истодаам, ки хаёлатон парешон аст (Р.Ҷ)- (Сиғаи хабарӣ). Дар куҷо поида истода бошад? (Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ). Дар Ҳисор борон борида истодагист. (Ҷ.И.) (Сиғаи эҳтимолӣ). Новобаста аз он ки дар давоми солҳо таҳлили феъл ва категорияҳои он, инчунин, сиға, омӯхта шуда бошанд ҳам, дар ҳоли ҳозир ақидаҳои олимон гуногун буда, нуқтаи назари амиқи онҳоро фаҳмидан мушкил аст.

Ҳарчанд мо бо ақидаҳои онҳо розием, вале гуногунии сиға, бахусус, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ моро водор месозад, то онро мукамалтар аз худ намоем. Бештари забоншиносон се намуди сиғаро қайд кардаанд: хабарӣ, амрӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ. Дар забони тоҷикӣ бошад, дар китоби забони адабии ҳозираи тоҷик 4 навъи сиға қайд шудааст: сиғаи хабарӣ, сиғаи амрӣ, сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ, сиғаи эҳтимолӣ. Дар натиҷаи муайян намудани ақидаҳои гуногуни забоншиносон, мо метавонем хулоса барорем, ки ҳар як сиға хусусияти хос дошта, шаклҳои гуногун доранд. Масалан: сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ орзу, маслиҳат, шаку шубҳа ё ин ки кори ғайриҳақиқиро ифода мекунад ва он ду шакл дорад: синтетикӣ ва аналитикӣ. Фарқият дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ нисбат ба дигар сиғаҳо дар он дида мешавад, ки феъли “to be” дар замони гузашта, дар ҳама шахсу шумора дар шакли “were” истифода мешавад. Дар замони ҳозира бошад, феъли “to be” дар ҳамаи шахсиятҳо ҳамчун “be” тасриф мешавад. Асоси феъл дар шахси 3-юми танҳо тасриф намешавад, феъл шакли масдариро бе ҳиссачаи «to» қабул мекунад. Ҳамин тавр, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ нисбат ба дигар сиғаҳои феълӣ новобаста аз шакл ва маънои грамматикӣ, балки бо ҷой ва нақши худ дар забони муосири англисӣ фарқ мекунад. Аз рӯи ақидаи дигари забоншиносон дарк кардан мумкин аст, ки сиғаи хабарӣ дар кадом замон ва ҳолате набошад, он воқеияти амалро ифода мекунад. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сиғаи хабарӣ ҳақиқату фактро дар замонҳои ҳозира, гузашта, оянда мефаҳмонад.

Дар забони англисии муосир замонҳо дар чор шакл омадаанд: Indefinite, Continuous, Perfect, Perfect Continuous, дар забони тоҷикӣ дар ду шакл - замони муайян ва давомдор меоянд. Сиғаи амрӣ дар ҳарду забони таҳқиқшаванда изҳору хоҳиш, супориш, фармону таъкид ва водор кардан

ба амалеро, ки нисбат ба шахси дуюми танҳову ҷамъ гуфта шудааст, далолат мекунад ва дар забони тоҷикӣ дар шахси сеюм низ истифода мешавад. Дар шакли инкорӣ ин сиға дар забони тоҷикӣ дар назм ма- ва дар забони англисӣ бо ҳиссачаи not (do not) ишорат мешавад. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сиға на танҳо барои пурра аз худ кардани категорияҳои феъли забони англисӣ нақши муҳимро мебозад, балки ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи феъл ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ:**


1. Ганшина, М. А. Василевская Н.М. Грамматика английского языка. Қисми 3. [Текст]. - М., 1964. - 198 с.
2. Бархурдаров, Л.С., Штелинг Д.А. Грамматика английского языка [Текст]. - М.: Высшая школа, 1973. - 144 с.
3. Ниёзмаҳмадов, Б., Ниёзӣ Ш., Бузургзода, Л. Грамматикаи забони тоҷикӣ [Матн]. - Сталинобод,1960. - 134 с.
4. Ниёзмаҳмадов, Б. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Қисми 1 [Матн]. - Душанбе, 1973. - 137 с.
5. Каушанская, В. Л. The grammer of the English Languge [Текст]. - М., 2008. - 384 с.
6. Шахназарова, В. С., К. В. Журавченко. Английский для вас [Текст]. - М., 2000. - 399 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. [Матн]/Дар зери таҳрири профессор Б. Н. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе: Ирфон, 1973 - 165 с.
8. Қулиева, З. Грамматикаи забони англисӣ [Матн]. - Душанбе, 2007. - 187 с. 9. Иванова, И. П., Бурлакова В. В., Почепцов Г. Г. Теоретическая грамматика современного английского языка [Текст]. - М., 1981. - 201 с.
10. Калонтаров, Я.И., Капран В. А. Краткий русско-таджикский русский словарь лингвистических терминов [Текст]. - Душанбе, 1974. -300 с.
11. Качалова К. Н., Израилович Е. Е. Практическая грамматика английского языка [Текст]. - М.,1957. - 188 с. 12. Иванова, И.П., Бурлакова В. В., Почепцов Г.Г. Теоретическая грамматика современного английского языка [Текст]. - М., 1981. - 231 с.


## ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ КАМТАР АЗ 14% ОМӮЗГОРОН ТО 30-СОЛААНД

Муовини нахуствазири Россия Татяна Голикова гуфт, танҳо 150 000 омӯзгор дар Россия то 30-сола ҳастанд, ки камтар аз 14 фоизи шумораи умумии муаллимонро ташкил медиҳад (дар Россия қариб 1,1 миллион муаллим аст).

Ба гуфтаи Голикова, 2 фоизи вазифаҳои омӯзгорӣ ҳанӯз ҳам холӣ боқӣ мондааст.

Муовини нахуствазир аз Вазорати маорифи он кишвар даъват кардааст, ки дар самти такмили тадбирҳои дастгирии омӯзгорон кӯшиши бештар намояд ва онҳоро аз аз нигоҳи молӣ кумак кунад.

**ТАҲҚИҚ**

***Гулноза АБДУЛЛОЕВА,***
***омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики***
***МТД МХБ-и ноҳияи Б. Ғафуров***

# МУХОТАБ ДАР АШЪОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА




Мусаллам аст, ки дар илми наҳв гурӯҳҳои алоҳидаи калимаҳо мавҷуданд, ки ба ҷумла маънохои иловагӣ зам намуда, муносибатҳои мухталифи объективию субъективиро ифода мекунанд. Дар баробари аъзоҳои истисноӣ, воҳидҳои тавзеҳӣ ва туфайлии ҷумла мухотаб низ ба аъзои иловагии ҷумла дохил мешавад. Мухотаб чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи китобӣ серистеъмол аст. Агар маводи адабиёти классикии форсии тоҷикиро бо маводи адабиёти давраи муосир муқоиса кунем, мухотабҳо аз ҷиҳати тарзи баён ва таркиби ифодаҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳатто дар адабиёти классикӣ дар баъзе асарҳои панду ахлоқӣ ҳар як фикри нав бо мухотабе, ки мазмуни амру хоҳишро ифода мекунад, оғоз мегардад. Аз ҷумла, дар «Дастур-ул-мулук»-и Самандархоҷаи Тирмизӣ ҳар ҳикмати нав бо мухотаби «азизи ман» шурӯъ мешавад: «Азизи ман, тарбияти аҳли басорат кимиёест, ки хоки тираро зари соф бисозад ва санги ноқисро гавҳари комил гардонад…».

Сарчашмаи нисбатан мукаммал дар ин бобат ҳамоно «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик аст» ва қисмати «Мухотаб» - ро устоди равоншод Ф. Зикриёев таълиф кардааст. Дар он мухотабро чунин тавзеҳ додааст: «Вазифаи асосии мухотаб аниқу равшан кардани объект (шахс, предмет, мафҳумҳои предметонидашуда) аст, ки нутқ ба он нигаронида мешавад...».

Мухотаб вазифаҳои гуногуни услубиро низ адо мекунад ва ба андешаи забоншинос Г. А. Ризоева, «воҳидҳои забонӣ дар мавқеи мухотаб вазифаҳои иловагии мухталифро иҷро мекунанд: онҳо мухотаби (адресат) нутқро муайян мекунанд, таваҷҷуҳи онро ҷалб менамоянд, онро тавсиф мекунанд ва муносибати гӯяндаро ифода мекунанд».

Азбаски мавқеъ ва аҳамияти наҳвию услубии мухотаб танҳо дар матн – ҷумлаҳо зуҳур мекунад, таҳлил ва баррасии ҳамҷояи онҳо ба мақсад мувофиқ аст. Тавре ки мухотаб дар наср фаровон ба кор меравад, дар назм, хосатан, ашъори шоирони муосир низ аз он камтар нест. Дар ин маврид шоири номвари тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар истифодаи мухотабҳо дасти боло дорад. Мухотабҳои шоир, аксаран, навозишу эҳтиром, даъвату таъкидро ифода карда, сарахбори як қатор шеъру достонҳои ӯро ташкил додааст:

> ***Ҷони ширин****, ин қадар ҷангам макун,*
> *Ин қадар беҳуда дилтангам макун.*

Дар баробари ин, дар ашъори шоир мухотаб бештар бо ҳамроҳии ҷумлаҳои амрию хитобӣ омада, баъди зикри мухотабаш шоир амру даъвати хешро баён мекунад ва чида шудани онҳо оҳанги махсуси ҷумлаҳоро ба вуҷуд меорад:

*Салом, **эй шоҳбайти шеъри шоир,***
*Салом, **эй достони халқ, Қодир!***
*Салом, **эй пешоҳанги далерон**,*
***Сарогози сипоҳи ҷонсупорон**…*

Дар ин мақола бори нахуст мухотабҳои ашъори Шоири халқии Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Бо ин мақсад, интихобан як қатор достонҳои шоир «Писари Ватан», «Қиссаи Ҳиндустон», «Ҳасани аробакаш», «Чароғи абадӣ» ва силсилашеърҳои «Модарнома», «Ошёни баланд» ва «Асри ман» ҳамчун маводи такягоҳӣ қарор дода шуд.

Аз ҷиҳати маъно ва муҳтавои мухотабҳои маводи таҳлилӣ онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: мухотабҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ. Аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, ки қисмати бештари ашъори М. Турсунзодаро мухотабҳои шахсӣ ташкил медиҳанд. Аз 30 мухотаби дар достони «Писари Ватан» истифодашуда, 25 ададашро мухотабҳои ифодакунандаи шахс собитгари серистеъмолии мухотабҳои гурӯҳи аввал аст. Мухотабҳои шахсӣ бо маъниҳои зерин ба кор рафтаанд:

**а) исмҳои шахси муайян.** Ин навъ мухотабҳо, асосан, номи қаҳрамонҳои достони шоир аст: Қодир, Микола, Саодат, Тара-Чандри, Ҳасан, Садаф…

*Ҷавобаш дод: - **Қодирҷон,** чӣ гӯям,*
*Ба ҷуз хурсандиат чизе наҷӯям.*

б) **истилоҳоти хешутаборӣ ва калимаҳои ифодакунандаи иззату эҳтиром.** Дар ин даста метавон мухотабҳои **модар**, **падарҷон ва писарҷон**ро ном бурд, ки онҳо зиёд мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст, ки бевосита муносибати байни аъзои оиларо ифода мекунанд. Ҳамзамон, дар фарҳанги милли тоҷикон шахсони ғайрро низ аз рӯйи иззату эҳтиром бо мухотабҳои **писарам, додарам, фарзанд, падарҷон** ном мегиранд ва дар осори шоир ин тобишҳои маъноӣ низ дар баробари маъноҳои аслӣ ба назар мерасад:

*Ту озодӣ, **писарҷонам**, ту озод!*
*Туро мурғи саодат бол бикшод.*

Ба ғайр аз ин, як қатор мафҳумҳои эҳтирому иззатро ифодакунанда, ба монанди **рафиқ, дӯст, ҷӯра** дар ашъори Мирзо Турсунзода кам нестанд. Ба таъбири Б. Бобоҷонова, «Мухотаб як ҷузъи ифодаи муносибати субъективӣ буда (алалхусус, дар ифодаи эҳтиром), дар сурат гирифтани нутқи шифоҳии ҳамсуҳбатон мусоидат менамояд».

в) калимаҳои ифодакунандаи **касбу кор ва машғулияти доимии инсонҳо**: **раққосаи даврон, машкоб, нонвой, ҳезумфурӯш, доктор, аробакаш, саройбон.**

- *Ман шуморо шинохтам, **доктор,***
*Роҳи Тирмизро ба ёд оред.*

*Омад овоз аз қафои сараш*
- *Ист як дам, **аробакаш**, маштоб!*

г) калимаҳои ифодакунандаи **синну сол:**

*Ман ба роҳи худам, ту ба роҳи худ,*
*Машав, аз ман, **йигит**, домангир.*

ғ) калимаҳои ифодакунандаи **ҳиссиёту ҳаяҷони мусбат ва манфии соҳиби нутқ:**

***Ҳакими меҳрубон**, бас ранҷ дидед,*
*Барои ман азиятҳо кашидед.*

*Метавонӣ, ки боз, **эй дайду,***
*Сафаратро давом бинмоӣ.*

Қисмати дуюм мухотабҳои ғайришахсӣ буда, чунин гурӯҳҳои луғавию маъноиро фаро мегиранд:

**а) номи ҳайвонот:** Ин навъ мухотаб танҳо дар достони «Ҳасани аробакаш» ба назар мерасад, ки қаҳрамони асосии достон ба аспаш бо тарзҳои гуногун муроҷиат мекунад: асп, ҷонвар:

*Гуфт: «**Эй аспи ман, саманди ман,***
*Дӯсти бегумони ман ҳастӣ...»*

б) **номи мавзеъҳои табиию ҷуғрофӣ:**

*Видоъ, **эй даштҳо, эй лолазорон!***
*Видоъ, **эй наҳру ҷӯҳои зарафшон!***
*Видоъ, эй дӯстони беҳтар аз ҷон!*
*Видоъ, эй дилбарам, рафтам ба майдон!*

***Рӯди ман**, олам дигар шуд, ту ҳамонастӣ, ҳамон,*
*Сарзаминат пурсамар шуд, ту ҳамонастӣ, ҳамон...*

в) калимаҳои мансуб ба **вақту замон:**

*Шиквае аз ту надорам, **асри ман,***
*Чун туӣ омӯзгорам, **асри ман**.*

г) арзишҳои маънавӣ:

***- Ватан!** – мегуфту сар то пой месӯхт,*
*Ватанро бо муҳаббат чашм медӯхт.*

Аз назари фарогирии воҳидҳои наҳвӣ мухотабҳои осори таҳлилӣ боз ба 3 гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) Бо **як калима** ифода кардани муроҷиат, асосан, ҳангоми зикри қаҳрамонҳои муайян ва дар ҷараёни нутқи муқаррарӣ ва гоҳо дар ҷумлаҳои хитобӣ ба қайд гирифта шуд (Қодир, падар, модар, Саодат, Ватан).

б) Бо **таркибҳо**, аксаран бо нидои **эй** ва як ё якчанд калимаи мустақили дигар мухотабро ном бурдан дар ҷумлаҳои хитобӣ, ки бо як ҳиссиёту ҳаяҷон, бо интонатсияи баланд садо медиҳад, зиёдтар оварда шудааст (эй зафарманд, эй дилором, эй ҳимояткор, эй озодакас, эй дӯсти ман, эй ҷӯра, эй ту оворагаштаи ду ҷаҳон, эй сайёҳи ҳинди кобулӣ):

*Ба Қодир баъд аз он гуфто ҷавонмард,*
*Ки: -«**Эй бо ман шарики шодию дард!**..»*

Дар баъзе маврид худи вожаи **эй** низ мубтадои ба шахс нигаронида шуда, дар муайян намудани мавқеи он дар ҷумла аломати вергул нақши бориз дорад. Дар байти зерин агар ин аломат қайд нагардад, тамоми мисраъ: *Эй дар меҳнатӣ аз ман ту боло* ба мубтадо табдил меёбад, вале бо бандаки хабарии шахси дуюми танҳо (-ӣ) омадани калимаи <u>меҳнат</u> ба ин имконият намедиҳад. Бинобар ин, худи вожаи **эй** вазифаи мубтадоро адо кардааст:

*Ба одам гуфт оби мавҷи дарё,*
*Ки: «Эй, дар меҳнатӣ аз ман ту боло...»*

в) Бо **иборaҳои озоди синтаксисӣ** низ дар ашъори Мирзо Турсунзода мухотабҳо оварда шудааст: далери ман, ҷони бобо:

*Маро рӯзе ҳикоят кард бобо,*
*Ки бишнав, **ҷони бобо**, қиссаеро...*

Хулоса, истифодаи бамавқеъ ва мавридшиносонаи мухотаб дар ашъори устод Мирзо Турсунзода дар баробари адои вазифаҳои муайяни услубӣ барои таъсирнок ва мустақим сурат гирифтани андешаҳои муаллиф ба хонанда мусоидат кардааст. Аксаран ин мухотабҳо муносибатҳои башардӯстонаи шоирро баён намуда пайваста таваҷҷуҳи хонандаро ба сӯйи хеш ҷалб менамоянд.

**МАОРИФ ВА ЗАМОН**



***Гулрухсор КАРИМЗОДА,***
***ходими калони илмии шуъбаи табиӣ-риёзӣ ва технологияи иттилоотии***
***Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ***

# САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ



Ҳалли тамоми масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, аз аз сатҳу сифати таълим вобаста аст. Ҳамин аст, ки маориф аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун омили муҳимтарини инкишофи миллат ва таҳкими давлат арзёбӣ гардида, яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (26.01.2021) Вазорати маориф ва илмро вазифадор карданд, ки “дар тамоми зинаҳои таҳсилот – аз муассисаҳои томактабӣ сар карда, то гимназияву литсейҳо ва зинаҳои дигари таҳсилот ба таври ҳатмӣ омӯхтани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ ва технологияҳои иттилоотиро ташкил карда, назорати қатъии сифати таълимро дар ин самт ба роҳ монад».

Дар замони ҷаҳонишавӣ аз як тараф омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ муҳим бошад, аз ҷониби дигар, маънавиёт, ахлоқ ва ҳофизаи таърихӣ низ судманд аст.

Яке аз омилҳои рушди дониш ва малакаю маҳорати хонандагон бо салоҳиятҳои асосӣ доро будани онҳо мебошад. Тавре маълум аст, салоҳият маҷмуи умумии алоқамандии сифати шахс: дониш, малака, маҳорат, усулҳои фаъолият ба доираи муайяни фанҳо ва равандҳо, ки барои фаъолияти самаранок ва омодасозии хонанда ба таълим ва фаъолияти мустақилона мебошад. Дар ҳаёти ҳаррӯза хонандагон бо бисёр ҳодисаю зуҳурот дучор мешаванд, вале одатан дар бораи шарҳи онҳо фикр ҳам намекунанд, гӯё бо онҳо хеле шиносанд. Олими Юнони Қадим Аристотел хело хуб қайд кардааст: «Ақл на танҳо дар дониш аст, балки дар қобилияти истифодабарии дониш дар амал мебошад». Омӯзиши фанҳои табиӣ бояд бо истифода аз усулҳои гуногуни таълимӣ ба роҳ монда шавад ва аз усули назариявӣ ба амалӣ ва аз умумӣ ба хусусӣ равона шавад. Истифода асбобу таҷҳизоти замони муосир ва технологияи инноватсионӣ дар раванди дарсҳои назариявӣ ва амалии фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, нақши бориз дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар хонандагон дар дарсҳои назариявӣ 15-20% мавзуъро азхуд намоянд, ҳангоми корҳои амалӣ қариб 80%-и масъаларо фаро мегиранд. Ба ин васила,

ҳавасмандии хонандагон ба корҳои амалӣ ва истифодаи таҷҳизоти муосир зиёд гардида, шавқу рағбаташон бештар мегардад.

Дар фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ салоҳиятҳои омӯзишӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ ва иртиботии хонандагон рушд меёбад. Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки салоҳиятҳои асосӣ дар раванди омӯзиш дар таҳсилот ба ҳафт қисм; салоҳиятҳои арзишӣ, омӯзишӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ, иртиботӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва худтакмилдиҳии шахсӣ ҷудо мешавад:

◈ Салоҳияти арзишӣ - маънавӣ, яъне, дарки арзишҳо, қобилияти дидану ҳис кардани муҳити атроф, муайян намудани мавқеъ ва нақши фард дар ҷомеа, маҳорати интихоби мақсаду мазмуни амал, рафтори худ ва қарор қабул кардан ва худмуайянкунии хонанда дар ҷараёни таълим;

◈Салоҳияти умумифарҳангӣ, яъне, ҷиҳатҳои фарҳанги миллию умумибашарӣ, асосҳои маънавию ахлоқии ҳаёти инсон ва ҳалқҳои алоҳида, расму оинҳои оилавӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ, дарки нақши илм ва дин, таҷрибаи азхудкунии нақшаи илмии ҷаҳон ва дарки фарҳангиву умумибашарии ҷаҳон;

◈Салоҳияти омӯзишӣ-маърифатӣ, яъне, фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ, мантиқӣ, методологӣ, умумитаълимӣ ба объектҳои дарккунӣ равона ва ташаккули ҳадафмандӣ, банақшагирӣ, таҳлил, нишон додани аксуламал, худбаҳодиҳии фаъолияти омӯзишиву маърифатӣ;

◈Салоҳияти иттилоотӣ, қобилияти истифодабарии технологияи муосир, яъне, синамо, таҷҳизоти овозӣ, телефон, факс, компютер, принтер, модем, сабтҳои аудио-видеоӣ, флешкарта, почтаи электронӣ, шабакаи интернетӣ ва маҳоратҳои ҷустуҷӯӣ, таҳлилу ташхис, ташкил, табдилдиҳӣ, тағйирдиҳӣ, нигоҳдорӣ ва интиқолдиҳӣ аз тариқи шабакаҳо.

◈Салоҳияти иртиботӣ, қобилияти азхуд кардани забонҳои зарурӣ, шаклҳои ҳамкорӣ бо одамон ва воқеаҳо, маҳорати фаъолият дар гурӯх, иҷрои нақшаҳои иҷтимоӣ, қобилияти навиштани мактубу ариза, посух додан, савол додан, баҳс кардан, шунидани фикру ақидаҳо ва ғайра,

◈ Салоҳияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ, дорои дониш ва таҷриба будан дар соҳаи фаъолияти шаҳрвандию ҷамъиятӣ, нақши шаҳрвандӣ, интихобкунанда, намояндагӣ ва иҷтимоию меҳнатӣ, ҳуқуқҳои истеъмолкунанда, харидор, муштарӣ, истеҳсолкунада ва муносибату масъулияти оилавӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқ,

◈Салоҳияти худтакмилдиҳии шахсӣ, яъне, дорои маҳоратҳои рушди ҷисмонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ, худтанзимкунии эмотсионалӣ, худдастгирӣ, риояи қоидаи гигиенӣ, ғамхорӣ ба солимии шахсӣ, фарҳанги экологӣ ва бехатарии ҳаёти шахсӣ гардидан.

Агар омӯзгор худ босалоҳият бошад, дарсро шавқовар, диққатҷалбкунанда ва фаҳмо гузаронида тавонад, он гоҳ хонанда дорои дониши мукаммал мегардад. Пас, дар рушди донишу малакаи хонандагон, босалоҳият будани омӯзгори фаннӣ шарт ва зарур мебошад. Аз омӯзгори замони муосир тақозо мегардад, ки салоҳиятҳои зеринро соҳиб бошад:

✧ қобилияти дуруст ва самаранок истифода бурдани технологияи муосир, хусусан, компютер ва таҷҳизот дар раванди дарсҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ;

✧ доштани дониши мукаммали фаннӣ ва қобилияти ҷустуҷӯйи маълумот;

✧ қобилияти дуруст ва бе хато гузаронидани таҷрибаҳои фаннӣ ва риоя намудани қоидаи бехатарӣ ҳангоми дарсҳо;

✦ баргузории самараноки корҳои амалӣ, ҳалли масъалаҳо, интихоби реаксияҳои кимиёӣ;

✦қобилияти гурӯҳбандӣ кардани хонандагон дар ҷараёни дарс;

✧ қобилияти интихоби роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳо ва шарҳ додани формулаҳо, реаксияҳои кимиёӣ, элементҳо, моддаҳо, мафҳумҳо, воҳидҳо ва қонунҳо;

✧ қобилияти фикррονии мантиқӣ, истифодаи дурусти нутқ ва забон дар раванди дарс;

✧ қобилияти дуруст ва самаранок мувофиқа намудани вақти додашудаи дарс.

Муҷҷаҳаз будани кабинетҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бо таҷҳизоти техникии муосир, аз ҷумла, ноутбук, тахтаи электронӣ, проектор, экрани баннерӣ, планшети деворӣ, воситаҳои нусхабардорӣ (яъне, сканер, принтер), дастгоҳи аксбардорӣ, манбаи бехатарии интиқоли ҷараён - UPS, шабакаи интернетии баландсуръат, вайфай, барномаи зидди вирусии литсензионӣ ва ғайра фазои таҳсилотро муассир гардонида, рушди салоҳиятҳои асосӣ, аз ҷумла, ба салоҳиятҳои омӯзишӣ-маърифатӣ ва иттилоотию иртиботии хонандагон заминаи боэътимод мегузорад. Истифодаи воситаҳои техникии муосир ҳангоми корҳои озмоишӣ ва амалӣ дар омӯзиши фанҳои дақиқ малакаю маҳорати хонандагонро ташаккул дода, барои дастрас намудани маълумоти иловагӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мусоидат менамояд. Омӯзгоронро зарур аст, ки дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз китобҳои электронӣ, наворҳои ҳаҷман хурд, дарсҳои видеоӣ ва аз маводе, ки рӯнамоӣ (презентатсия) карда шудааст, самаранок истифода намоянд.

Омӯзгор дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ ва дақиқ низ ба воситаи компютер, ки ба шабакаи интернетӣ пайваст мебошад, метавонад оид ба тамоми мавзуъҳои фанҳои таълимӣ маълумоти мушаххасу зарурии худро дастрас намуда, онро ба воситаи проэктор ва тахтаи электронӣ ба хонандагон намоиш диҳад.

Истифодаи технологияи муосир дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ имкон медиҳад, ки сатҳи омодагӣ, лаёқат, талабот ва шавқу рағбати онҳо ба омӯзиш зиёд гардад, худтакмилдиҳӣ ва худомӯзиашон равнақ ёбад, фаъолияти берун аз ҷараёни таълим ва фароғату дамгириашон самарабахш сурат гирад.

Мо, омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи маорифро зарур аст, ба такмили дониши наврасону ҷавонон аҳамияти ҷиддӣ дода, мазмуну мухтавои китобҳои дарсӣ ва барномаю нақшаҳои таълимиро таҷдиди назар карда, мутахассисонеро ба камол расонем, ки дар ҷаҳони муосир рақобатпазир бошанд.

## АЗ 1 СЕНТЯБР ДАР МАКТАБҲОИ РОССИЯ НИЗОМИ НАВИ РОҲБАРИИ КАСБӢ РОҲАНДОЗӢ МЕШАВАД

Вазорати маорифи Россия модели ягонаи роҳнамоии касбиро барои мактаббачагон таҳия кардааст, ки аз 1 сентябри соли 2023 мавриди амал қарор мегирад.

Барнома хонандагони синфҳои 6-11-ро фаро гирифта, аз се сатҳ иборат хоҳад буд: асосӣ (ҳадди ақал 40 соат дар як сол), асосӣ (на камтар аз 60 соат дар як сол) ва пешрафта (тақрибан 80 соат дар як сол). Ҳар як сатҳ 34 соат корҳои ҳатмии беруназсинфӣ ва чорабиниҳои таълимиро, ки мактаб муайян мекунад, дар бар мегирад. Дар маҷмуъ, дар мактаб ҳафт самти роҳнамоии касбӣ вуҷуд дорад: пеш аз тайёрӣ, корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ, кори тарбиявӣ, таҳсилоти иловагӣ, таълими касбӣ ва ҳамкорӣ бо волидон.

Интизор меравад, ки дар соли 2023 дар ин барнома ҳадди ақал як миллион кӯдак ва дар соли 2024 якуним миллион кӯдак ширкат кунанд.

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**



***Асадулло ШАРИФЗОДА,***
***дотсенти ДМТ, Барандаи ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ***

# УМАРИ ХАЙЁМ – РИЁЗИДОН ВА МУНАҶҶИМИ БАРҶАСТАИ ТОҶИК



Умар ибни Иброҳим Хайём аз барҷастатарин нобиғаҳои илму адаби ҷаҳон буда, барои мардуми форснажод, аз ҷумла, тоҷикон, мояи ифтихору сарбаландист. Дар олам Умари Хайём ҳамчун ҳакиму донишманд, риёзидону мунаҷҷим, файласуфу мусиқишинос ва шоир шуҳратёр гаштааст. Соли 1859 аз ҷониби Э.Фитсҷералд рубоиёташ ба забони англисӣ тарҷума шудааст. Умари Хайём 18-уми майи соли 1040 дар шаҳри Нишопури вилояти Хуросони Эрон дар оилаи косиб (хаймадӯз) таваллуд шудааст. Ӯ касби падарро азхуд кардааст.

Тахаллуси «Хайём»-ро соҳиб гаштанаш низ аз ҳамин аст. Аз хурдӣ ба омӯхтани илмҳои замонааш, аз ҷумла, риёзиёт, ҳандаса, табииёт, тиб ва нуҷум машғул шуд ва онҳоро ҳамаҷониба фаро гирифта буд. Ӯ дар 10 солагиаш грамматика, назарияи адабиёт ва услубшиносиро аз бар карда, ба омӯзиши ҳисоби ҳиндӣ, алҷабр ва ҳандаса ( геометрия) оғоз бинмуда, таҳсили ибтидоиро аз устодаш Абулҳасани Анбориӣ гирифтааст. Ӯ қобилияти фавқулодда ва истеъдоди баланд дошт, ба худомӯзӣ бештар машғул гардида, асарҳои олимони математик, табиатшинос ва файласуфони машҳури замонашро омӯхтааст.

Умар Хайём дар 26 солагиаш ба шаҳри Самарқанд омада, то соли 1070 дар он ҷо зиндагӣ кардааст. Аввалин асари илмии Умари Хайём «Мушкилоти илми ҳисоб» дар ҳамин давра эҷод гардидааст, ки мутаассифона, китоби мазкур то имрӯз боқӣ намондааст. Доир ба ин асар дар китоби вобаста ба алҷабр таълифкардааш чунин навиштааст: «Ҳиндуҳо ба методҳои ёфтани тарафҳои квадратҳо ва теғаҳои кубҳо, ки ба пайдарпай интихобкунии на он қадар зиёд, махсусан, ба донистани квадрати нуҳ рақам, яъне, квадрати як, ду, се ва ғ., илова бар ин ҳосили зарби яке аз онҳо ба дигараш, яъне, ҳосили зарби ду ба се ва ҳ.к. доранд. Ба мо рисола дар бораи дурустии исботи ин усулҳо ва дар ҳақиқат, ба мақсад расонидани онҳо тааллуқ доранд. Илова бар ин, мо миқдори тарзҳоро зиёд кардем, яъне, нишон додем, ки паҳлуҳои квадрати квадратҳо, квадрати кубҳо, куби кубҳо ва ғайраю ва ҳоказоҳоро чӣ тавр ёфтан мумкин аст, он чизе, ки пештар маълум набуд».

Аз гуфтаи боло маълум мешавад, ки формулаи то ҳол бо номи Исаак Нютон маъмул ҳанӯз VI аср пештар ба Умари Хайём маълум будааст, чунки тарзи баровардани решаи дараҷаи дилхоҳ маҳз ба ҳамин формула асос карда мешавад. Умари Хайём навиштааст, ки баъди ба ӯ ёрӣ расонидани Абутоҳири Самарқандӣ тавонистааст таҳқиқоти илмии худро идома диҳад ва

«Рисолаи фи-л бароҳин ило масоили -л ҷабр ва-л муқобала» таълиф кунад. Ин китоб қариб ҳамаи донишҳои ҳамонзамони ал-ҷабриро дар бар гирифтааст. Дар он таснифи муодилаҳо ифода ёфта, ҳалли муодилаҳои дараҷаҳои 1, 2 ва 3 баён ёфтааст. Ӯ назарияи геометрии муодилаҳои алгебравиро такмил бахшидааст. Сипас, аз ҷониби донишмандони Шарқ масъалаҳое, ки ба дарки муодилаҳои сечанда мансубанд (аз ҷумла, ёфтани тарафҳом 7-кунҷаҳо ва 9-кунҷаҳои мунтазам), ҳалли худро пайдо кардаанд. Дар ин маврид мушкилоти эҷоди назарияи умумии муодилаҳо ба миён омад, ки онро Умари Хайём дар «Рисола фи-л-ҷабр ва-л муқобала» ҳал кардааст. Дар рисолаи мазкур пешниҳод кардааст, ки муодилаҳои дараҷаи сеюм бо ёрии хосиятҳои доира (яъне, бо паргору хаткашак) иҷро намешавад. Ӯ таъкид намудааст, ки ин гуна масъалаҳо фақат бо ёрии буришҳои махрутшакл ҳал карда мешаванд. Муаллиф дар муқаддимаи он овардааст: «Ал-ҷабр - илм оиди ёфтани бузургиҳои номаълум мебошад, ки онҳо то як андоза аз бузургиҳои маълум таркиб ёфтаанд. Муайян кардани номаълумҳо бо тарзи ҳал кардани муодилаҳо иҷро карда мешавад. Ҳамин таърифи ал-ҷабр (алгебра) то замони мо дар китобҳои дарсӣ истифода мешавад. «Одатан, - навиштааст Умари Хайём, - мутахассисони ал-ҷабр номаълумро «чиз», ҳосили зарби чизро бо худаш - «квадрат», ҳосили зарби квадратро бо худи ҳамон адад - «куб», ҳосили зарби квадратро бо худаш - «квадрати квадрат», ҳосили зарби кубро бо квадрат – «квадрати куб», кубро бо худаш - «куби куб» меноманд.

То асрҳои миёна математика характери гуфторӣ (шифоҳӣ)-ро касб карда буд, ки дар ин миён Ал-ҷабри Умар Хайём низ истино нест. Дар фаҳмиши ӯ, «номаълум» (бо арабӣ «шайъ») метавонад адади бутуни мусбат ё бузургиҳои геометрии порча, масоҳат ё ҳаҷмро ифода кунад. Дар бораи муҳиммияти ҳалли ададии масъала андеша ронда, ба таври геометрӣ сохтани ҳалҳои номаълум, яъне, порчаҳоро афзалтар меҳисобид. Маълум мегардад, ки ӯ ҳалҳои геометрии математикҳои Юнони Қадимро хуб азбар карда будааст ва онҳоро дар амал татбиқ мекардааст. Маҳз бо шарофати ба таври геометрӣ ҳал кардани муодилаҳои дараҷаи се Умари Хайём шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард.

Солҳои 1066 - 1074 Умари Хайём асарҳои илмии «Мушкилоти илми ҳисоб», рисолаи фалсафии «Шоҳроҳ дар бораи исботи ҳалли масъалаҳои алҷабр ва -л муқобала», “Фи -л бароҳин илло масоилил ҷабр ва - муқобала», «Тарозуи ҳикмат»-ро таълиф кардааст.

Соли 1074 Умари Хайём ба шаҳри Исфаҳон даъват карда мешавад. Шоҳи донишдӯст Маликшоҳи Салҷуқӣ (1055-1092) ӯро ба вазифаи мушовир таъйин мекунад. Мавсуф бунёдгузор ва роҳбарии расадхонаи Исфаҳонро ба ухда гирифт, ки дар он замон дар мамлакатҳои Шарқи Наздик калонтарин ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар баробари таҳқиқоти ҷирмҳои осмонӣ боз вазифаи роҳбарии ислоҳоти тақвими кӯҳнаи форсиро ба дӯш дошт. Тақвимҳои то замони ӯ мавҷудбуда камбудиҳои зиёд дошт. Аз ҷумла, мувофиқат накардани оғози моҳ бо пайдо шудани Моҳи мунир дар осмон, бо оғози соли кишту кор, бо айёми ҳосилғундорӣ ва ғайра. Умари Хайём тақвимро аз нуқтаи назари илми риёзиёт омӯхта, солҳои 1095- 1098 асари машҳури «Наврӯзнома»-ро навиштааст.

Он замон дар Осиёи Миёна ва Эрон аз тақвими моҳтобӣ истифода мебурданд. Соли шамсиро соли Яздугурдӣ (ба шарафи бори нахуст ба тахт нишастани Яздугурди Сосонӣ) меномиданд. Рӯзи аввали соли навро зардуштиён «Наврӯз» - рӯзи баробар шудани давомнокии шаб бо рӯз меномиданд. Ин иди асосии зардуштиён буд ва ҳоло ҳам ибтидои соли мардуми эронитабор, аз ҷумла, тоҷикон, ба шумор меравад. Ҳар як моҳи зардуштӣ «Нишонаи Зодиак» мувофиқ буд, ки ба дарозии як қисми камони Эклиптика номида мешуд.

Мувофиқати моҳҳои зардуштӣ ва Нишонаи Зодиаки он чунинанд:

| № | Моҳҳои зардуштӣ | Мувофиқат бо тақвими милодӣ | Нишонаи бурҷ |
|---|---|---|---|
| 1. | Фарвардин | Март - Апрел | Хамал |
| 2. | Урдибиҳишт | Апрел - Май | Савр |
| 3. | Хурдод | Май - Июн | Ҷавзо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. | Тир | Июн - Июл | Саратон |
| 5. | Мурдод | Июл - Август | Асад |
| 6. | Шаҳривар | Август - Сентябр | Сунбула |
| 7. | Меҳр | Сентябр - Октябр | Мизон |
| 8. | Обон | Октябр - Ноябр | Ақраб |
| 9. | Озар | Ноябр - Декабр | Қавс |
| 10. | Дай | Декабр - Январ | Ҷадӣ |
| 11. | Баҳман | Январ - Феврал | Далв |
| 12. | Исфандормӯз | Феврал - Март | Ҳут |

Соли зардуштӣ аз 365 рӯз иборат буд.Ислоҳи (иловаи) қисми касрии шабонарӯз фақат як бор барои 120 сол маълум карда мешуд. Масалан, рӯзи аввали моҳи Фарвардин ба лаҳзаи дохилшавии Офтоб дар Ҳамал ҳамеша пештар фаро мерасид. Дар баробари ин, нахустрӯзи Фарвардини моҳи Офтобӣ дар бурҷи Ҳут ҷойгир буд, вале масофаи кунҷии байни рӯзи Наврӯз ва рӯзи нахустини баҳор аз нуқтаи баробарии шабу рӯз қариб 1 моҳ фарқ мекард. Пас аз он ки аз тарафи Хилофати Араб Осиёи Миёна ва Эрон истило гардид, арабҳо маҷбуран дар ин минтақаҳо дар баробари дини ислом тақвими моҳтобиро ҷорӣ карданд. Дар ҳамин асос тақвими «ҳиҷрии қамарӣ» ба миён омад, ки ба замони ҳиҷрати Пайғамбари ислом аз Макка ба Мадина (16-уми июли соли 622-и милодӣ) рост меояд. Халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон дини исломро пазируфта бошанд ҳам, аксар урфу одатҳои тоисломии худ, аз ҷумла, ҷашни Наврӯзро нигоҳ доштанд. Мувофиқи тақвими мардуми ин сарзамин соли қамарӣ назар ба соли офтобӣ 11 шабу рӯз кӯтоҳтар буд ва барои корҳои саҳроӣ номақул ба ҳисоб мерафт. Дар «Наврӯзнома» таърихи ислоҳи тақвим, ки асоси онро дини зардуштӣ ташкил медиҳад, аз аҳди Зардушт то аҳди Хайём оварда шудааст. Дар он аз ҷумла, омадааст: «Вақте ки 30 соли шоҳии Гӯштасп гузашт Зардушт омад ва дини афсунгариро овард. Гӯштасп дини ӯро қабул карда, мавриди амал қарор дод. Аз давраи ид кардани Афредун то он рӯзҳо 940 сол гузашт ва Офтоб дар Ақраб буд. Гӯштасп фармон дод, ки кабисаро (соли кабиса соли пурраи шамсӣ, ки 366 рӯз буда, дар 4 сол як маротиба такрор мешавад ва он ба моҳи феврал 1 рӯз илова мегардад) ворид созанд. Ӯ Фарвардини офтобиро аз рӯзи якуми бурҷи Саратон сар карда, он рӯзро ид эълон намуда, риоя кардани онро талаб кард ва оини Наврӯзро ба ҷо овард. Чунки бурҷи Саратон галаситораҳои хушбахтӣ барои корҳоянд ва дар ин вақт ба деҳқонон ва кишоварзон ҳукм доданд, даркор буд, ки андоз супоранд. Ин кор ба онҳо бояд сабукӣ меовард. Сонӣ ӯ фармон дод, ки кабиса карданро дар ҳар 120 сол идома диҳанд, то солҳо доимӣ гардандy одамон вақти худро дар гармию хунукӣ донанд.

Ин урфу одат то давраи Искандари Румӣ давом кард. Аз ин давра сар карда, одамон ба кабиса кардани солҳо хотима доданду ба давом додани урфу одатҳои то ин давра вуҷуддоштаи худ сар карданд. Ин ҳолат то давраи Ардашери Бобакон давом кард. Баъд ӯ боз соли кабисагиро ҷорӣ намуда, онро ҳамчун иди бузург гузаронд. Ӯ шартнома баста он рӯзро «Рӯзи Наврӯз» номид. Одамон ид кардани Наврӯзро то давраи Нӯшервони Одил давом доданд. Ҳамин ки сохтани бинои роҳрави шаҳри Мадина тамом шуд, ӯ мувофиқи анъанаи ҳамонвақта иди Наврӯз барпо кард. Бояд гуфт, ки Нӯшервони Одил соли кабисаро риоя накард. То он вақте ки Офтоб дар охири давраи худ ба рӯзи якуми бурҷи Саратон нарасад, одамон аз ин одат худдорӣ намекарданд. Ҳамин тавр, нишондоди Қаюмарс ва Ҷамшед роҷеъ ба иҷрои соли кабиса барҳам дода шуд. Ин ҳол то давраи халифа Маъмун давом кард. Яъне, то он вақте давом кард, ки ӯ барои мушоҳидаи Отоб фармон дода буд ва ҳар сол ҳамин ки Офтоб ба Ҳамал мерасид Наврӯз ид карда мешуд. Аз ин ҷост, ки ҷадвалҳои нуҷумии аз ҷониби Маъмун мураттаб гардонидаро то замони мо барои тақвимсозӣ ва ҳисоб истифода мекунанд. Ҷадвалҳои нуҷумии Маъмун то давраи Мутаваккили иллоҳӣ давом кард. Вазири Мутаваккил ба ном Муҳаммад ибни Абдулмалик ҷамъкунии андозаро ба вақти дар саҳро, чарогоҳ ва аз заминҳои корам дур будан пешниҳод кард. Ҳамин тавр, мувофиқи урфу одати шоҳони Аҷам, барои солро ба ҷои аввалааш овардан, ба соли

кабиса гузаштанд, то одамон камтар азоб кашанду андозро баъди ҳосилғундорӣ ҷамъ оварданд. Ба ин Мутаваккил розӣ шуда фармон дод, ки соли кабисаро иҷро намоянд ва Офтобро аз бурҷи Саратон ба Фарвардин баргардонд. Ин одамонро андаке фориғ намуда, аҳли меҳнат боз ба риояи урфу одатҳои пешин баргашт. Баъд аз ин Халиф ибни Аҳмад ва амир Сиистон кабисаи дигарро ба ҷо меовардагӣ шуданд. Ҳисобу китоби он рӯзҳо аз рӯзҳои мо 16 рӯз фарқ дорад.

Султони хушбахт пойгоҳи (боварии Маликшоҳ) дидаву Дониста фармон дод, ки ба кабисаи пештара гузашта шавад ва солро ба ҷояш баргардонд. Ӯ олимони ҳамонвақтаро аз Хуросон даъват карда вазифадор намуд. Онҳо иншоот сохта, ҳамаи шароитро барои мушоҳида намудан муҳайё карданд-деворҳо сохтанд, устурлоб гузоштанд, иди Наврӯзро ба Фарвардин гузарониданд ва ғайраҳо. Вале марг имконият надод, ки Султон ҳамаи корҳои худро ба итмом расонад ва соли кабиса ба охир нарасонда монд. Маҳз ҳамин буд ҳақиқат оиди Наврӯз. Ҳамаи инро мо аз китобҳои пешгузаштаҳо хондем ва аз олимон шунидаем»

Дар замони Умари Хайём дар Осиёи Миёна ва Эрон ду навъ тақвим - Офтобӣ (шамсӣ) ва Моҳтбӣ (қамарӣ) истифода мешуданд. Асоси тақвими Шамсиро соли тропикии Офтобӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи он даври пурраи гардиши Замин дар атрофи Офтоб ба 365 шабу рӯз (ш.р.) 5 соату 47 дақиқаю 46 сония баробар буд. Агар онро бо ҳиссаҳои шабонарӯз гардонем, давомнокии соли тропикӣ 365, 24220 ш.р.-ро ташкил медиҳад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки соли тақвимӣ ё аз 365 ш.р. иборат мебошад ё аз 366 ш.р. Мувофиқи ин назария бояд тартиби такрорёбии солҳои одӣ (аз 365 ш.р. иборат) ва кабиса ё давомдор (аз 366 ш.р. иборат) дар давраи гардиши (сикли) муайян тавре ҷойгир карда шаванд, то давомнокии миёнаи соли тақвимӣ ҳар чи қадар бо давомнокии соли тропикӣ наздиктар шавад.

Қисми касрии давомнокии соли тропикиро ба касри занҷирӣ баргардонида ҳосил мекунем:

$$К = \frac{2422}{1000} = \cfrac{1}{4+\cfrac{1}{7+\cfrac{1}{1+\cfrac{1}{3+\cfrac{1}{4+\frac{5}{8}}}}}}.$$

Агар ин касрҳоро аз боло ба поён кушодан гирем, ададҳои мувофиқи $К_1, К_2, К_3, К_4, К_5$ ва ғайраро соҳиб мешавем, ки чунин шакл доранд:

$$К_1 = \frac{1}{4},\ К_2 = \frac{7}{29},\ \mathbf{К_3 = \frac{8}{33}},\ К_4 = \frac{31}{128},\ К_5 = \frac{132}{545},\ \dots ,$$

Тибқи ин касрҳо давомнокии соли тақвимӣ мувофиқан ба 1) 365, 25000, 2) 365, 24138, 3) 365, 24242, 4) 365, 24219, …, баробар аст (барои инро фаҳмидан сурати ҳар як касрро ба махраҷаш тақсим кардан лозим).

Дар ҳолати якум гардиш аз 4 сол иборат аст ва дар давоми ин гардиш танҳо 1 соли кабиса гузошта мешавад. Бо ибораи дигар, аз ҳар 4 соли тақвим 3 солаш аз 365 ш.р. иборат буда, соли чоруми он аз 365 ш.р. таркиб ёфтааст. Бо ҳисоби миёна давомнокии чунин соли тақвимӣ назар ба соли тропикӣ 0,0078 ш.р. зиёд буда, дар муддати 128 сол тақрибан 1 ш.р.-ро ҳосил мекунад. Чунин силсилаи солҳои кабиса дар тақвими Юлий Сезар вуҷуд дошт ва пас аз солиёни зиёд ин саҳвҳо олимонро маҷбур сохтанд, ки тақвими мавҷударо бо тақвими нави григорӣ иваз намоянд. Касри дуюм $\frac{7}{9}$ аст. Гардиши аз 29 сол бо 7 соли кабиса, ки ба касри $\frac{7}{29}$ мувофиқ меояд, то ҳол истифода нашудааст. Силсилаи сеюм, ки ба касри $\mathbf{\frac{8}{33}}$ мувофиқ меояд (дар давоми 33 сол 8 соли кабиса) бори нахуст аз ҷониби Умари Хайём пешниҳод карда шудааст. Ин тақвим бо номи Тақвими Яздугурдӣ ё форсӣ аз 16-уми марти соли 1079 дар сарзамини Эрони имрӯза ҷорӣ гардида, то нимаи асри Х1Х амал кардааст. Дар он солҳои 3-юм, 7-ум, 11-ум, 15-ум, 20-ум, 24-ум, 28-ум ва 32-юми сикл солҳои кабиса ҳисоб меёфтанд. Дар ҳамин асос, агар хатои тақвими амалкунандаи Григорӣ дар 3333 сол 1 ш.р.- ро ташкил диҳад, тақвими пешниҳоднамудаи Умари Хайём дар 5 000 сол 1 шабонарӯзро ташкил хоҳад дод. Агар Созмони Милали Муттаҳид ба сифати тақвими ягонаи ҷаҳонӣ тақвими Офтобии Умари Хайёмро қабул мекард, ҳисоби вақт аз нуқтаи назари математика хеле дақиқтар мебуд.

Умари Хайём соли 1077 «Рисола дар шарҳи китоби Уқлидус»- ро иншо кардааст. Дар он доир ба ҷамъи кунҷҳои секунҷа ва се гипотеза маълумот медиҳад. Чунин мафҳумҳо аз қабили «кунҷҳои дохилии яктарафа», «кунҷҳои чилликии дарунӣ» ва «шарти параллелии хатҳои рост», ки дар геометрияи синфҳои 7-8 омӯзонида мешавад, бори нахуст аз ҷониби Умари Хайём пешниҳод гардидааст. Дар он назарияи таносубҳо, алоқамандии порчаҳо бо ададҳо муфассал шарҳ дода шудааст. Умари Хайём ҳангоми баёни порчаҳои ҳамченак ва ноҳамченак ба кашфи ададҳои ирратсионалӣ пардохтааст, ки дастоварди илмӣ маҳсуб меёфт.

Соли 1080 Умари Хайём китоби «Шоҳроҳ дар бораи ҳастӣ ва зарурият»- ро навиштааст, ки масъалаҳои муҳимми фалсафиро дар бар мегирад. Солҳои 1080- 1091 се асари дигари машҳури хеш «Ҷавоб ба се савол», «Рӯшноии хирад оиди илмҳои умум» ва «Рисола роҷеъ ба мавҷудот» - ро таълиф кардааст.

Соли 1092 Низомулмулк (тав.1017) ва Маликшоҳ (тав. 1055) вафот карданд. Баъди ин мушоҳидаҳои ҷирмҳои осмон қатъ гардида, сипас, ба супориши ҳокими нави Салҷуқиён Барқиёруқ (1092-1107) расадхона барҳам дода шуд. Рӯҳониёни мутаассиб ба муқобили ӯ бархостанд ва ӯро мулҳид (бедин) ва бидъаткор эълон карданд. Бо дасти ҷосусон бинои ободу муҳташами расадхонаи Исфаҳон оташ зада шуд. Умари Хайём солҳои 1105-1110 ҳамчун васиятнома асари фалсафии хеш «Рисола роҷеъ ба умумияти ҳастӣ»-ро эҷод кард.

Рисолаи ӯ «Дар бораи санъати муайянкунии миқдори тилло ва нуқра дар ҷисмҳои аз онҳо таркибёфта» (соли 1121) характери амалӣ дорад. Мувофиқи маълумоти «Тарозуи ҳикмат» дар ин рисолаи ҳаҷман хурд масъалаҳои бузургро ба миён гузошта, муайянкунии тилло ва нуқра дар хӯларо ҳал кард ва ба таври саҳеҳ чен кардани вазни сангҳои қиматбаҳоро низ нишон дода будааст. Ин асар аз ҷониби шогирди Хайём Абулфаттоҳ ал-Ҳозин (дар Марв, ҳангоми дар қайди ҳаёт будани ӯ ба итмом расонида шудааст), дар шакли 5 боб оид ба «Тарозуи ҳикмат» иншо шудааст. Роҷеъ ба ин таҳқиқи Умари Хайём таърихнигор Татавӣ низ маълумот дода, таъкид кардааст, ки рисолаи «Оиди арзиши ашёҳое, ки бе ҳосилкунӣ аз сангҳои қиматбаҳо онҳо дорои резиши ҷавоҳиротианд» ба Умари Хайём тааллуқ дорад.

Инчунин, дастнависи алоҳидаи Хайём «Дар бораи санъати муайян кардани миқдори тилло ва нуқра дар ҷисмҳои аз онҳо таркибёфта» ном дорад, то замони мо қисме аз онҳо боқӣ мондааст. Асар аз чор боб иборат буда, Умари Хайём дар он тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои Архимедро нишон додааст.

Маълум мегардад, ки кашфиёту бозёфтҳои дар илми риёзиёт бе зикри номи ӯ машҳур гардидаанд. Чунончи таърихнигори араб Абдураҳмон ибни Ҳалдун (1332-1406) менависад: «Ба мо расид, ки қисме аз олимони бузурги Шарқ 6 намуди муодилаҳоро вусъат дода, миқдори онҳоро қариб аз 20 зиёд кардаанд ва барои онҳо бо ёрии исботҳои илми ҳандаса ҳалҳои эътиборнок ҳам ёфтаанд. Худо умри он касонро дароз кунад, ки ба ӯ тараҳҳум ва хайрхоҳӣ кардааст».

Соли 1114 Умари Хайём ба шаҳри Марв сафар кард ва 4-уми декабри соли 1123 аз олам даргузашт.

**АДАБИЁТ:**


1.Глейзер, Г.И. История математики в школе 7-8 классы. Пособия для учителей. -М.: «Просвещение»,1982.

2. Юшкевич, А. П. Омар Хайям и его «Алгебра». Труды института истории естествознания АН СССР. т.11. -М., 1948.

3. Умар Хайём Математические трактаты. Историко математические исследования, вып.6, М., 1953.

4. Умари Хайём – ситораи дурахшони уфуқи риёзиёт. ДДОТ ба номи Қ. Ш. Ҷураев – Душанбе, 2000.

## ТОЗАНАШР

***Н.САНГИНЗОДА***

# МИНБАРИ ИЛМУ ДОНИШ




## ФАРЗАНДИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Дар замони муосир мавқеи журналистика рӯз то рӯз барҷаста мегардад ва дар бархурдҳои ҷангҳои иттилоотӣ нақши ҳалкунанда дорад. Рӯзноманигорон тарғибгари ташаббусҳои созанда ва таҳрикбахши афкори ҷомеа мебошанд. Нақши журналистон дар бозтоби бунёдкориҳои замони истиқлол муассир буда, Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ менамоянд. Аз ин ҷост, ки аҳли ҷомеа ба қаламкашон эҳтирому таваҷҷуҳ доранд ва ҳамчун роҳнамову пешбарандаи ҷомеа меҳисобанд. Ба ин касб таваҷҷуҳи сол то сол бештар гардида, ҳамсола садҳо нафар шуъбаву факулетҳои журналистикаи мактабҳои олиро хатм мекунанд ва дар расонаҳо фаъолияти пурсамар менамоянд. Ташаккули журналистика дар кишвари мо таърихи ибратбахш дошта, ҳанӯз дар солҳои шастуми асри гузашта бо таъсиси шуъбаи журналистика дар факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон заминаи асосӣ гузошта шуд.

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултети журналистика таъсис дода шуд, ки саҳифаи рангин дар таърихи ВАО кишвар маҳсуб меёбад. Соли 2022 аз таъсиси факултети мазкур 30 сол сипарӣ гардид ва ба ин муносибат китоб таҳти унвони «Омӯхтани афрӯхтан» (Душанбе, 2022. – 200 с.) ба нашр расид, ки он фарогири очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳои устодону дастпарварони ин даргоҳи илму дониш мебошад. Китоб бо мақолаи пурмуҳтавои ректори ДМТ, профессор Қобилҷон Хушвахтзода «Ойни рӯзгори мост» оғоз меёбад. Мавсуф зимни таҳлилу баррасии вазъи ҷаҳони муосир ва нақшу мавқеи журналистика аз фаъолияти пурсамари факултети журналистикаи ДМТ ёдовар шудааст: «Имрӯз факултет заминаи илмиву таълимии устувору бузург дорад. Беш аз 50 нафар устодон, аз ҷумла, 10 нафар доктории илм ва 25 нафар номзадҳои илм дар пайи тадрису таълим қарор доранд. Дар факултет 5 кафедра амал намуда, аз рӯйи 6 ихтисос кадрҳо омода карда мешаванд».

Декани факулети журналистикаи ДМТ, доктори илми филология Абдулмуъмин Қутбиддинов дар навиштаи «Чанд шинохте аз дирӯзу имрӯз» ба таври хронологӣ таърихи 30 соли фаъолияти факултетро бозгӯ кардааст, ки ҳамчун равзана дар муаррифии ин боргоҳ барои хонанда хидмат менамояд.

Дар очерки «Факултети ман», ки ба қалами доктори илми филология, профессор Мурод Муродӣ тааллуқ дорад, аз як тараф, фаъолияти муаллифро аз замони донишҷӯйӣ то расидан ба зинаҳои баланди илмӣ бозтоб намояд, аз ҷониби дигар, зина ба зина фаъолияти роҳбарону устодони факултетро бармало месозад. Дар ин нигошта муаллиф ҳамчун мушоҳидакор ва муҳаққиқ фаъолияти деканҳои факултетро барои хонанда пешниҳод мекунад, ки басо ҷолибу хонданӣ ва як навъ баҳогузорӣ ба хидмати онҳо ба ҳисоб меравад. Лаҳзаҳои ибратбахшро аз фаъолияти устодони соҳибмактаби факултети журналистика пешниҳод кардааст, ки ҳанӯз ҳам аҳамияти таърихиву тарбиявӣ ва омӯзишиву роҳнамоии онҳо побарҷост. Муаллиф таъкид медорад:

«Воҳид Асрорӣ аз устодони шинохтаи факултети филологияи тоҷик пас аз таъсиси факулети журналистика (соли 1992) фаъолияташонро дар факултети навтаъсис идома доданд. Муаллим

услуби хоси роҳбарӣ доштанд. Ҳеҷ гоҳ ба шогирд маводи тайёрро пешниҳод намекарданд, балки водор месохтанд, ки ӯ мустақилона фикр кунад, ҷустуҷӯ намояд ва андешаашро озодона баён созад. Ба назари эшон ба донишҷӯ, ҳамчунин, унвонҷӯ пешниҳод намудани мундариҷаи кори илмӣ, дастрас намудани маводи тайёр на ба манфиат, балки бар зарари ӯ мешавад. Ин амал майли ҷӯяндагии донишҷӯро мекоҳонад, қобилияти фикррониашро заиф мегардонад. Ба ҳамин минвол, устоди мо – шогирдонашонро ба мустақилияти эҷодӣ раҳнамун месохтанд».

Мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факулети журналистикаи ДМТ Сангин Гулов дар нигоштаи худ бо номи «Факултети журналистика – фарзанди замони истиқлол» муруре ба таърихи ташаккули факулети мазкур намуда, аз таъсиси кафедраҳо то ҳимояи рисолаҳои илмии устодони соҳибмактаб ва вижагиҳои роҳбарии деканҳои факултети журналистика ёдовар гардидааст ва таърихи факултетро ба факту рақамҳо зикр намудааст. Мавсуф менависад: «Муаллим А. Саъдуллоев ҳамчун декан аввалин коре карданд, нақшаи ҷаласаи Шурои олимони факултетро тағйир дода, ба он баррасии масъалаҳои муҳиму актуалиро гузоштанд. То соли 2002 ягон ихтисоси факултет Стандарти давлатӣ надошт, ҳар чи буд, аз замони Шуравӣ монда буд. Ин факт ҷойи баҳс надорад. Ҳуҷҷатгузорӣ ва бойгонии донишгоҳ ба ин гувоҳ аст. Нақшаҳои таълимӣ борҳо таҳия шуданд, аммо Стандарти давлатӣ набуд. Муаллим А. Саъдуллоев аввалин шуда, бо назардошти шароити нав онҳоро тобистони соли 2002 таҳия карданд. Дар ин давра Шартномаи ҳамкорӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои дигари ВАО имзо шуданд, ҳамкориҳои факултет бо созмонҳои касбиву эҷодӣ сифати нав касб карданд. Қабул сол то сол ба факулетет меафзуд».

Ҳамчунин, дар навиштаҳои докторони илми филология Аъзамҷон Азимов – «Журналистика дар пахнои зиндагӣ», Ҷовид Муқим – «30 соле, ки гузашт», Мушаррафа Ҷӯраева – «Боргоҳи меҳри сухан», Нуриддин Бозорзода – «Даргоҳи муқаддас», Қутбиддин Мухторӣ – «Будем ё набудем», дотсентон Саъдӣ Маҳдӣ «Факултети эҳтиром», Бахтиёри Қутбиддин – «25 олам», Саъдулло Ҳайдаров – «Сӣ гоми устувор», Наргис Усмонова – «Боргоҳи муқаддас», Сарабек Қаландаров – «Даргоҳи бузурги тарбияи қаламкашон», Зафари Аскар – «Нардбони орзу» ва амсоли инҳо паҳлуҳои гуногуни фаъолияти факултет дар 30 сол инъикос гардидааст.

Воқеан ҳам, китоби «Омӯхтану афрӯхтан», аз як тараф, таърихи ташаккул ва дастовардҳои факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро таҷассум мекунад, аз ҷониби дигар, симоҳои барҷастаи устодони соҳибмактаби факултетро бозтоб менамояд.




## «ГЕОМЕТРИЯ. ҲАЛЛИ МУКАММАЛИ МАСЪАЛАҲО»

Бо пеш рафтани техникаву технология таваҷҷуҳ ба илмҳои дақиқ бештар гардидааст. Бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маорифу илм» эълон гардид, ки ба ҳадафи чоруми миллӣ – Саноатикунонии босуръати кишвар ҳамбаста мебошад. Дар ин замина аз ҷониби Вазорати маориф ва илми кишвар корҳои назаррас анҷом дода шуд ва китобу дастурҳои нави ба талаботи замон ҷавобгӯ таълиф гардиданд. Китоби дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Маҳмадҷон Маҳкамов, омӯзгори математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Абудраҳмони Ҷомӣ Саидаҳмад Боев ва омӯзгори математика, директори гимназияи №5-и ноҳияи Ашт Нодирҷон Қодиров бо номи «Геометрия. Ҳалли мукаммали масъалаҳо» (Душанбе: Маориф, 2022. – 224 с.) аз чоп баромад, ки ҳалли масъалаҳо ва ҷавобҳои саволу супоришҳои геометрияи синфи ҳафтумро дар бар гирифта, дар он иҷрои 777 масъала оварда шудааст ва он ба омӯзгорони математикаи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун роҳнамо хидмати босазо хоҳад кард.

Дастури мазкур 5 фасл ва 19 праграфро фаро гирифта, бо шарҳу эзоҳ ва бо истифодаи расмҳои муносиб пешниҳод гардидааст. Ба таъкиди муаллифон, дастури методии мазкур сарчашмаи фанни геометрия ба шумор меравад. Ин дастури методӣ қисми якуми фанни

геометрияро, ки аз планиметрия иборат аст, ташкил медиҳад. Дар таълими фанни геометрия қисми планиметрия ва ҳалли масъалаҳои он аз омӯзгорони ҷавон дониши мукаммал ва таҷрибаи кофиро талаб мекунад.




## БАРРАСИИ МАСОИЛИ ОБ ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвар ташаббускор ва пешбарандаи масоили об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо дар ҷаҳон шинохта шудааст. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон панҷ ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд, ки татбиқи амали онҳо ба беҳдошти зиндагии шоистаи мардуми сайёра мусоидат мекунад. Дарвоқеъ, масоили об, ки имрӯз ба проблемаи глобалӣ ва мушкилоти асосии мардуми олам табдил ёфтааст, ҳамбастагии кишварҳои ҷаҳонро тақозо мекунад. Доир ба ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори оммаи дохил ва хориҷи кишвар маводу матолиби зиёд ба табъ расидааст, ки дар онҳо муҳиммияти иҷрои татбиқи ибтикороти мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Нигоштаҳои мазкур, аз як ҷониб, хусусияти тарғиботиву ташвиқотӣ ва ҳамбастагии ҷомеаи ҷаҳониро бозгӯ намояд, аз сӯи дигар, мушкилоти асосии ҷаҳони муосир табдил ёфтани масоили об ва тағйиёбии иқлимро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзиши маводу матолиби воситаҳои ахбори омма аз муҳимтарин вазифаҳои муҳаққиқону пажуҳишгарон ба ҳисоб меравад. Хушбахтона, дар заминаи омӯзиши маводу матолиби матбуоти даврии тоҷик вобаста ба обу иқлим ва дигар масоили вобаста ба он китоби пажуҳишгар Баҳромзода Манижа Зафаршодухт бо номи «Баррасии об ҳамчун масъалаи глобалӣ дар матбуоти даврии тоҷик (2000-2018)» (Душанбе: Истеъдод, 2022. – 224 с.) ба нашр расид. Дар китоб нақши матбуоти даврӣ дар баррасии ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об нишон дода шудааст, ки барои дарки бештари моҳияти масоили об ва тағйирёбии иқлим мусоидат менамояд.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима таркиб ёфтааст. Боби аввал «Мушкилоти глобалии муосир ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон» унвон дошта, дар он мушкилоти обу иқлим, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, таҳлил гардида, нақши Пешвои миллатро дар ҳалли ин мушкилот ба таври мушаххас нишон додааст.

Дар боби дуюм ва сеюми рисола нақши рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», ҳафтаномаҳои «Нигоҳ» ва «Фараж»-ро дар инъикос ва таҳлилу баррасии масоили об ва тағйирёбии иқлим ба таври амиқ таҳлил, таҳқиқ ва муқоиса намуда, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ расидааст.

Ба таъкиди муҳаққиқ, «ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намудааст, ки дар баробари мубориза муштарак бо проблемаҳои дигари глобалӣ, аз қабили терроризм ва экстремизм, норасоии об низ тақозо мекунад, ки аҳли ҷомеа зери як шиор ва ё як ташаббус гирди ҳам омада, роҳҳои ҳалли ин мушкилотро дар якҷоягӣ ҷӯё шаванд. Ҳамин аст, ки баррасӣ гардидани мушкилоти глобалии об дар саҳифаҳои матбуоти даврии тоҷикро метавон ҳамчун маълумоти муҳимми баёнкунандаи зарурати қабули ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон марбут ба об истифода кард».

Шоистаи таъкид аст, ки рисолаи мазкур нахустин пажуҳиш доир ба нақши матбуоти даврии тоҷик дар бозтоби ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон вобаста ба об дар илми журналистикаи ватанӣ маҳсуб меёбад. Дар ин самт зарур аст, ки омӯзишу таҳлилро тақвият бахшида, аз дидгоҳҳои мухталифи илмӣ муҳиммияти ташаббусҳои мазкурро бештару фарогир таҳқиқ намоем. Китоби «Баррасии об ҳамчун масъалаи глобалӣ дар матбуоти даврии тоҷик (2000-2018)» барои омӯзгорон, донишҷӯён, пажуҳишгарони публитсистика ва улуми сисёсиву иҷтимоӣ муҳимму судманд мебошад.

**ШИНОХТ**

*Таҳияи АШРАФ*

# ТАБИАТ, ИЛМ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ



## КАРЛ ПИРСОН – ПЕДАГОГИ БАРҶАСТА ВА МУТАХАССИСИ СОҲАИ ОМОРИ МАТЕМАТИКӢ (1857 – 1936)

Математик, биолог ва намояндаи машҳури фалсафаи идеалистӣ Карл Пирсон 27-уми марти соли 1857 ба дунё омадааст. Маълумоти миёна ва олиро Пирсон дар коллеҷи Донишгоҳи Лондон соҳиб шуд ва соли 1876 ба яке аз Коллеҷҳои Донишгоҳи Кембриҷ дохил шуда, онро соли 1879 бо дараҷаи бакалавр хатм кардааст. Дар аввал Пирсон мақсад гузошт, ки касби падараш ҳуқуқшиносиро пеша кунад, аммо дере нагузашта аз ин ҳадафаш даст кашид. Чанд муддате ӯ ба Германия рафта, дар Донишгоҳи Гейделберг лексияҳоро аз физика, дар Берлин лексияҳо доир ба ҳуқуқи римӣ ва назарияи Дарвинро гӯш кард. Пирсон бо кӯшиши зиёд ба расму русум ва маданияти немисҳо шинос гашт. Ӯ бо олимони шинохта баҳсҳо мероост ва маълумоти зиёдро доир ба илмҳо ба даст меовард. Ҷаҳонбиниву дилбастагии Пирсон ба илм дар зери таъсири профессори Донишгоҳи Кембриҷ Ҷон Ритс бештар гардад. Ӯ бузургтарин математик дар замонаш ба ҳисоб мерафт ва солҳо дар Донишгоҳи Кембриҷ кор кардааст. Ӯ баъди бозгашт аз Германия, ки ҳамагӣ 27 сол дошт ба вазифаи профессори математикаи амалӣ ва механика дар Донишгоҳи Лондон таъйин гардид ва то охири умр (соли вафот 27-уми апрели соли 1936) фаъолият намудааст.

Дар соҳаи омори математикӣ муваффақиятҳои бузурги Пирсон дар коркарди проблемаҳои зерин боқӣ мондааст: 1) инкишофи назарияи кореллятсияҳо ва татбиқи он дар проблемаҳои авлодӣ ва эволютсияи намудҳо; 2) ба илм дохил кардани нишонаи “хи-квадрат”, аз ҷумла, барои муқоиса кардани натиҷаи таҷрибаҳо бо натиҷаҳои ҷиҳати назариявӣ пешниҳодшаванда. Ин нишона дар омори математикӣ васеъ истифода мешавад; 3) Ворид сохтани системаи хатҳои каҷи зудиҳо, ки системаи хатҳои каҷи Пирсон ном гирифтаанд, ба сифати асбоб барои навишти математикии ҳодисаҳои табиӣ; 4) аввалин бор дар омор (статистикаи математикӣ) корбаст шудани методи моментҳо; 5) Тартиб ва таълиф додани ҷадвалҳо барои биометрикҳо ва статистикҳо бо шарҳи муфассал ва тарзи истифодабарии онҳо.

Барои корҳои сершумори илмии дар соҳаи назарияи математикии эволютсия анҷомдодааш ба Пирсон медали ба номи Дарвин дода шудааст. Соли 1896 Пирсонро ба узвияти Ҷамъияи ашрофони евгеник қабул намуданд. Муассиси маҷаллаи “Бионика” буда, роҳбарии онро то лаҳзаи охирини умраш, яъне, 36 сол ба уҳда дошт. Солҳои 1925-1926 Пирсон маҷмуаи ҳарсолаи “Ежегодник евгеника”-ро таъсис додааст. Мавсуф педагоги барҷаста буд ва истеъдоди фавқулоддаи ба дигарон додани донишҳоро дошт. Барои тақвияти ин суханҳо яке аз дастовардҳои муҳимми ӯро ёдовар мешавем:

Муодилаи умумии дифференсиалии хатҳои каҷи Пирсон чунин аст:

$$\frac{dy}{dx} = \frac{y(x-a)}{b_0 + b_1x + b_2x^2}.$$

## ФЕЛИКС ХАУСДОРФ – ПОЯГУЗОРИ НАЗАРИЯИ ТОПОЛОГИЯИ МАҶМУЪҲО (1868 – 1942)



Феликс Хаусдорф 8-уми ноябри соли 1868 дар Бреславл (ҳоло Вротслав) таваллуд шудааст. Олими варзида буда, дар соҳаҳои гуногуни математика кор кардааст. Тамоми музаффариятҳои бузурги илмии ӯ ба мушкилоти соҳаи топологияи маҷмуъҳо дахл дошта, дар аксари макотиби олии Олмон, аз ҷумла, дар Лейпсиг, Грейфсвалд ва Бонн ҳамчун профессор кор кардааст. Соли 1914 Хаусдорф монографияи “Топологияи маҷмуъҳо”-ро чоп карда, бо ҳамин барои пайдо гардидани топология ҳамчун шохаи мустақили илми математика асос гузоштааст. Дар ин асараш Хаусдорф фазоҳои топологии умумиро ошкор сохт, ки ҳоло бо номи “фазоҳои Хаусдорф” дар илми математика маъмуланд. Инчунин, дар анализи математикӣ таҳқиқоти зиёдеро анҷом додааст ва дар соҳаи назарияи гурӯҳҳои бефосила низ кашфиёти бузургро соҳиб гаштааст. Соли 1935 китоби “Маҷмуъҳо”- ро аз чоп баровард. Феликс Хаусдорф 26-уми январи соли 1942 дар 74-солагӣ даст ба худкушӣ задааст.



## ЮЗЕФ МАРТСИНКЕВИЧ – МАТЕМАТИКИ МАШҲУРИ ПОЛША (1910 – 1940)

Юзеф Мартсинкевич яке аз математикҳои машҳури Полша мебошад. 20-уми марти соли 1910 дар Белосток дар оилаи камбағал таваллуд шудааст. Соли 1830 Мартсинкевич ба факултети математикаи Донишгоҳи Виленск дохил шуд ва дар соли дуюми таҳсил ҳамкориашро бо профессор А.Зигмунд ба роҳ мондааст. А.Зигмунд дар тавсифи Мартсинкевич чунин гуфтааст: “Вақте ман Мартсинкевичро ба хотир меорам, дар пеши назарам ҷавони хушқаду зебо, диққатҷалбкунанда, хушмуомила, ҳақиқатҷӯ, ки қобилияти шухӣ кардан дорад, намудор мегардад... Саломатии Юзеф он қадар хуб набуд, ӯро илтиҳоби шуш азоб медод ва кӯшиш мекард, ки аз шамол хурдан худро эҳтиёт намояд.” Соли 1933 Мартсинкевич дараҷаи магистри математикаро соҳиб гашт. Сипас, хизматро дар сафи артиши мамлакаташ анҷом дода, ба Вилно баргашт ва дар вазифаи ассистенти хурд дар кафедраи математика кор кард. Соли 1935 рисолаи докториро, ки давоми кори магистриаш буд, бо муваффақият дифоъ кард. Соли 1937 ба ӯ дараҷаи илмии доктор дода шуд. Баҳори соли 1939 ӯ стипендия гирифта, ӯ ба Париж рафт. Ӯ бояд аз соли таҳсили 1939-1940 роҳбарии кафедраи математикаи Донишгоҳи Познанро ба ӯҳда мегирифт, мутаассифона, ба ин ҷанг халал расонид.

Корҳои анҷомдодаи Мартсинкевич, асосан, ба фаслҳои зерини математика: назарияи функсияҳои тағйирёбандаи ҳақиқӣ, назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ, қаторҳои тригонометрӣ, анализи функсионалӣ ва назарияи эҳтимолиятҳо мансубанд. Мартсинкевич дар математика намуди нави фазоҳоро ворид сохтааст, ки ҳоло бо номи “М” маъмуланд. Онҳо фазоҳои қариб даврии Базилевич ( $B^n$)-ро умумӣ мегардонанд. Дар назарияи эҳтимолиятҳо теоремаи Мартсинкевичро дар бораи он ки функсияи нишондиҳандагии асосаш адади “е” ва нишондиҳандааш шакли бисёраъзогии дараҷаи аз 2 калон дошта, функсияи характеристикии ягон бузургии тасодуфӣ намебошад, дар истифода қарор дорад. Юзеф Мартсинкевич на фақат олими барҷаста, балки ватандӯсти ҳақиқӣ низ буд. Дар бораи наздик шудани ҷанг ва сафарбар кардани омма ба он огаҳӣ пайдо карда, ҳамон замон ба ватанаш баргашт. Пас аз мағлубияти сентябрӣ асир афтода, барнагашт. Санаи дақиқи вафоташ маълум нест. Тахмин мекунанд, ки ӯ баҳори соли 1940 фавтидааст. Марги бармаҳали Мартсинкевич барои илми математикаи Полша зарбаи сахт буд. Дар Ҷумҳурии Полша ҳар сол бахри ёдбуди ин олими бузург ба математикҳои

ҷавон барои корҳои беҳтаринашон дар соҳаи математика мукофоти ба номи Мартсинкевич дода мешавад.



## АНРИ ЛУИ ЛЕБЕГ - КОШИФИ АСРОРИ ИНТЕГРОНӢ ВА ДИФФЕРЕНСИРОНӢ (1875 – 1941)

Яке аз бузургтарин математикҳои асри гузашта, олими фаронсавӣ Анри Лебег соли 1875 дар Сови департаменти Уаз таваллуд шудааст. Гимназияро дар зодгоҳаш хатм карда, сипас, дар мактаби олии муқаррарӣ таҳсилро идома додааст. Пас аз хатми он дар кафедраи математикаи Донишгоҳи Париж дар вазифаи ассистент ба кор шуруъ кард. Ӯ соли 1902 дар мавзуи “Интегралҳои хаттӣ ва интегралҳои сатҳӣ” рисолаи докторӣ дифоъ намуд. Пас аз чанд муддат ба ӯ дар кафедраи илмҳои дақиқ дар Донишгоҳи Пуате вазифаи профессор пешниҳод карда шуд. Соли 1912 Лебег ба Париж баргашт ва дар Коллеҷи Франсия кор кард. Дар ин ҷо ӯ теоремаҳои машҳури худро бо исботҳояш ба чоп расонид ва соли 1922 ба узвияти Академияи илмҳои Париж пазируфта шуд. Баъд аз ду сол ба Лебег унвони ифтихории Ҷамъияти илмии Лондон дода шуд ва соли 1930 ҳамчун узви ҳақиқии Ҷамъияти илмии ашрофон дар Лондон пазируфта гардид. Дар аввал Лебег бо қаторҳои Фуре машғул шуд ва доир ба ин мавзуъ корҳои зиёдеро анҷом дод. Ӯ бо хоҳиши роҳбарияти донишгоҳ бо масъалаҳои интегронӣ машғул шуда, дар ин ҷода соҳиби натиҷаҳои назаррас гардид. Соли 1931 Лебег ҳалли машҳури ҳосилкардаи хешро доир ба интегралҳои муайян, ки ҳоло дар макотиби олӣ бо номи “Интеграли Лебег” меомӯзанд, ба чоп расонидааст. Бо шарофати ин кори Лебег маҷмуи хеле зиёди функсияҳоро интегронидан мумкин аст. Интеграли Лебег яке аз дастовардҳои бузургтарини анализи математикии муосир ба ҳисоб меравад. Аҳамияти кашфиёти Лебег дар он зоҳир мегардад, ки ӯ якҷоя бо назарияи интегронидан назарияи дифференсирониро низ пешниҳод кардааст. Кашфиёти ӯ дар соҳаҳои гуногуни анализи математикӣ татбиқ гардида, аз ҷиҳати методологӣ ду идеяи дар аввал ҷудогонаи интегралҳо – интеграли муайян ва функсияҳои ибтидоиро бо ҳам алоқаманд гардонид. Яке аз идеяҳои аҷиби Лебег дар он зоҳир гаштааст, ки ӯ дар бораи васеъ намудани ченаки маҷмуъ мубоҳиса карда, исбот намудааст, ки суммаи ҳамаи ададҳои ратсионалӣ ба сифр баробар аст. Зеро суммаро аз адади дилхоҳи пешакӣ додашудаи мусбати Е хурдтар кардан мумкин аст. Хизмати бузурги Лебег дар он аст, ки ӯ дар таҳқиқоти хеш аз функсияҳои бефосила, ки асосан, математикҳои гузашта, бо омӯзишашон машғул шудаанд, пеш гузаштааст.

Соли 1917 Лебег барои хизматҳои бузургаш дар соҳаи илм бо ордени Легиони фахрӣ сарфароз гардидааст. Анри Лебег 26-уми июли соли 1941 дар Париж вафот кардааст. Аз ин олими нотакрору барҷаста корҳои илмии ғайриодӣ ва хеле нодир боқӣ мондааст, ки номи ӯро таърихи илм ва математика бо ҳарфҳои заррин сабт намудааст.

**Ҷавобҳои чайнворди “30-солагии Артиши миллӣ”. №2, 2023**

Интиқом, майор, Рамзай, йод, ДОСААФ, Франсия, Яковлев, Ватутин, нейтрон, нота, артилерия, як, Кожедуб, Бохтар, Роналдо, озмоишгоҳ, Ҳабиб, Бобоҷонов, Ватан, Интернет, танк, Калашников, вазелин, Неъмат, Торпедо, Ойгул, Лейтенант, Топография, Яндекс, Сангтуда, Антарктида, Афғонистон, нақд, далв, Вафо, рота, автомат, Туполев, вилоят, толибон, норинҷак, кинжал, Леопард, десант, таппонча, аэрофлот, туфанг, Гурдофарид, дурбин, НАТО, ОМОН, низом, миномёт, тамрин, нарком

# «ЧАЙНВОРДИ НАВРӮЗӢ»




1. Либоси қадимаи миллӣ 2. Ошхона дар шаҳри Душанбе 3. Маркази маданӣ 4. Қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 5. Дарахти ҳамешасабз 6. Яке аз марказҳои савдо дар пойтахт 7. Асари машҳури Умари Хайём 8. Сабқати телевизионии ҳунарҳои мардумӣ 9. Нависандаи чех - ихлосманди ададиёти тоҷик 10. Шоҳи Ҳиндустон – падари Зебуннисо 11. Осоишгоҳ дар шимоли Тоҷикистон 12. Растание, ки аз он ширинӣ мегиранд 13. Ҳайвони дарранда 14. Дастурхони наврӯзӣ 15. Яке аз илмҳои қадимтарин 16. Номи варзишгардухтари тоҷик - чемпиони ҷаҳон 17. Санги қимматбаҳо 18. Рамзи баҳору Наврӯз 19. Матои миллии қадима 20. Яке аз бурҷҳои дувоздаҳгона 21. Гули зебои баҳорӣ 22. Моҳи муқаддас 23. Лаҳзаи баробар шудани шабу рӯзи баҳорӣ 24. Шахсияти қадимаи ниёгони мо 25. Паррандаи хушхиром 26. Яке аз моҳҳои солшумории ҳиҷрии шамсӣ 27. Маркази мушоҳидаи ҷирмҳои осмон 28. Деҳа дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ 29. Гурӯҳи муайяни ситораҳои Осмон 30. Моҳи солшумории арабӣ 31. Яке аз моҳҳои солшумории оини зардуштӣ 32. Сарпечи занона 33. Яке аз мавзеъҳои зебои пойтахти Тоҷикистон 34. Мусобиқаҳои анъанавии наврӯзӣ 35. Яке аз шаҳрҳои қадимаи Ҷумҳурии Исломии Эрон 36. Мева 37. Пӯшокии қадимаи мардумӣ 38. Паррандаи даштӣ 39. Тагпойи қадимаи мардуми тоҷик 40. Асбоби мусиқӣ 41. Растании худрӯйи кӯҳӣ 42. Истилоҳи забони тоҷикӣ, ки оммавӣ гаштааст 43. Бӯзи кӯҳӣ 44. Синоними калимаи «деҳа»

***Тартибдиҳанда Асадулло ШАРИФЗОДА, дотсенти ДМТ***